Наряду с этим, Правительство Таджикистана придает первостепенное значение вопросам борьбы с терроризмом и экстремизмом, поскольку это явление превратилось в глобальную угрозу и вызвало тревогу всего мирового сообщества.

В этом направлении, Таджикистан в сотрудничестве с международным сообществом в рамках «Душанбинского процесса по борьбе с терроризмом» и проводит международные конференции, а также другие мероприятия высокого уровня по борьбе против этих опасных явлений.

В рамках таких мероприятий Таджикистан обозначил свою твёрдую позицию относительно налаживания расширенного и скоординированного сотрудничества. Потому что координация взаимодействия на международном и региональном уровне способствует созданию надёжного механизма совместной борьбы против угроз безопасности.

Таджикистан действительно занимает активную позицию в борьбе с терроризмом и экстремизмом, что отражается в разработке и реализации важных стратегий и законодательных актов. Национальная стратегия по противодействию терроризму и экстремизму, разработанная на 2016-2020 годы и продолжающаяся в новой редакции на 2021-2025 годы, является основой для комплексной борьбы с этими угрозами.

В продолжение этого процесса реализуются законы «О противодействии экстремизму», «О противодействии терроризму», «О свободе совести и религиозных объединениях» другие законы.

Таджикистан, как страна, потерпевшая гражданскую войну в 90-х годах прошлого столетия, не желает, чтобы другие страны и регионы мира столкнулись с подобными политическими кризисами. Народом нашей страны никогда не забудется то, что было 150 тысяч убитых, миллион вынужденных беженцев, более 50 тысяч детей-сирот, миллионы людей, потерявших своих родных и близких, миллиарды сомони экономического убытка тех дней, что до сегодняшнего дня сказывается на экономике страны [6, 2].

Поэтому наша страна выступает за прочный мир, спокойствие и политическую стабильность во всем мире. Чтобы Таджикистан мог конструктивно сотрудничать с другими государствами в атмосфере дружбы, добрососедства и партнерства.

Таким образом, в условиях крайне сложных ситуациях религиозные лидеры и деятели могут внести свой заметный вклад, чтобы направить людей на добрые и созидательные дела. Потому что, сегодня религия вновь стало важным фактором общественной и политической жизни. В этом направлении должны быть также привлечены все слои общества, начиная с

государственных структур, заканчивая от родителей и учителей. Только объединив все усилия, мы сможем противостоять глобальным вызовам и угрозам, стоящим перед человечеством.

Большие надежды также возлагаются на молодежь. Молодое поколение, являясь важной частью общества, считаются великой силой и будущей каждого государства. В этой связи, молодое поколение должна активно участвовать во всех сферах жизни общества и внести свой вклад в развитии и процветания страны. Подрастающее поколение всегда должно быть в поисках и получений знаний, а также осваивать современные профессии, быть преданным своей Родине, своему народу, ценить мир и стабильность, защищать свою родину и честь, уважать родителей и старших людей. Важным фактором в обществе также должно быть толерантное отношение и глубокое уважение к представителям других религий и культур среди молодежи, что является одним из условий развития стабильного общества и государства.

**Литература:**


1. Рашид Алимов «Гранит не плавится: к вопросу о перспективах сотрудничества Центральной Азии и России» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.valdaiclub.com/a/highlights/granit-ne-plavitsya/ (Дата обращения: 21.05. 2024).
2. Шавкат МИРЗИЁЕВ, Президент Республики Узбекистан «Центральная Азия на пороге новой эпохи» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.president.uz/ru/lists/view/8653 (Дата обращения: 13.11. 2025).
3. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на встрече с активистами, представителями общественности и религиозными деятелями страны 9 марта 2024 года, г. Душанбе// “Народная газета”. – № 12, (20449) 13 марта 2024 г. – Стр. 2-5.
4. Сотрудничество между Таджикистаном и Организаций исламского сотрудничества [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mfa.tj/ru/main/view/192/tadzhikistan-i-organizatsiya-islamskogo-sotrudnichestva (Дата обращения: 01.03. 2013)
5. Выступление Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на 80-й сессии ГА ООН 24 сентябри 2025 года, г. Душанбе// «Народная газета» № 39, (20528) 24 сентябр 2025 г, стр. 2.
6. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на пленарном заседании Конференции высокого уровня «Международное и региональное сотрудничество в борьбе против терроризма и источников его финансирования, в том числе незаконного оборота наркотиков и организованной преступности» 17 мая 2019). // “Народная газета”. – № 22, (20200) 22 мая 2019 г. – Стр. 2/


## ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ - НЕЖЕЛАТЕЛЬНЫЕ ЯВЛЕНИЯ СОВРЕМЕННОСТИ


**Абдуллоева Адолат Толибджоновна**
кандидат экономических наук,
доцент кафедры мировой экономики ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)
тел.: 92-7556455, adolatchon.abdulloeva@mail.ru


## TERRORISM AND EXTREMISM ARE UNDESIRABLE PHENOMENA OF OUR TIME


**Abdulloeva Adolatjon Tolibjonovna**
candidate of Economy, associate professor
of the department of world economy under
the TSULBP (Khujand, Tajikistan)
phon.: 92-7556455; e-mail: adolatchon.abdulloeva@mail.ru

**ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОӢ - ЗУХУРОТИ НОМАТЛУБИ ЗАМОНИ МУОСИР**

**Абдуллоева Адолатҷон Толибҷоновна**
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди
ҷаҳонии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)
тел.: 92-7556455; e-mail: adolatchon.abdulloeva@mail.ru

**Аннотация:** В статье рассматриваются актуальные проблемы терроризма и экстремизма в условиях современной глобализации. Автор раскрывает сущность этих опасных явлений и указывает основные причины их распространения, среди которых низкий уровень образования, социальные проблемы и злоупотребление религиозными идеями. Подчеркивается, что экстремистские группировки сеют смуту и раздор, особенно среди молодёжи, распространяя ложную пропаганду. В статье показана необходимость укрепления национального самосознания, патриотического воспитания и повышения правосознания общества как основных факторов профилактики экстремизма. Главный вывод заключается в том, что борьба с терроризмом возможна только на основе единства, качественного образования и гражданской ответственности.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, национальная безопасность, правопорядок, патриотизм, независимость, национальная государственность, молодёжь и образование

**Annotation:** The article discusses the pressing issues of terrorism and extremism in the context of modern globalization. The author explains the essence of these dangerous phenomena and indicates the main reasons for their spread - including the low level of education, social problems and misuse of religious ideas. It is emphasized that extremist groups create unrest and discord with false propaganda, especially among young people. The article shows the need to strengthen national self-awareness, patriotic education and raise the legal awareness of society as the main factors in preventing extremism. The main conclusion is that the fight against terrorism is possible only through unity, quality education and civic responsibility.

**Keywords:** terrorism, extremism, national security, law and order, patriotism, independence, national statehood, youth and education

**Аннотатсия:** Дар мақола масъалаҳои мубрами терроризм ва ифротгароӣ дар шароити ҷаҳонишавии муосир баррасӣ мешаванд. Муаллиф моҳияти ин падидаҳои хатарнокро шарҳ дода, сабабҳои асосии густариши онҳо — аз ҷумла паст будани сатҳи маърифат, мушкилоти иҷтимоӣ ва суистифодаи ғояҳои диниро нишон медиҳад. Таъкид мегардад, ки гурӯҳҳои тундрав бо таблиғоти бардурӯғ, хусусан миёни ҷавонон, нооромӣ ва ихтилоф эҷод мекунанд. Мақола зарурати таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи ватандӯстона ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии ҷомеаро ҳамчун омили асосии пешгирии ифротгароӣ нишон медиҳад. Хулосаи асосӣ бар он аст, ки мубориза бо терроризм танҳо тавассути ваҳдат, маорифи босифат ва масъулияти шаҳрвандӣ имконпазир мебошад.

**Калидвожаҳо:** терроризм, ифротгароӣ, амнияти миллӣ, ҳуқуқ ва қонун, ватандӯстӣ, истиқлолият, давлатдории миллӣ, ҷавонон ва таҳсил.

Дар давраи ҷаҳонишавии муосир терроризм ва ифротгароӣ аз ҷумлаи хатарҳои ҷиддии глобалӣ ба шумор рафта, ба амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ, рушди иҷтимоӣ ва устувории фарҳангии давлатҳо таъсири манфии амиқ мерасонанд. Ин ду падида ҳамчун зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ қобилияти халалдор намудани сохти давлатдорӣ, вайрон сохтани тартиботи ҳуқуқӣ, барангехтани низоъҳои миллӣ, динӣ ва иҷтимоӣ ва ба вуҷуд овардани фазои даҳшату ноамниро доро мебошанд.

Терроризм маҷмӯи амалҳои ба ҷомеа хавфоваре мебошад, ки бо истифодаи зӯрию зӯроварӣ, тарсонидан, расонидани зарари ҷисмонӣ, ва ё маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ

ба қабули қарорҳои хилоф бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои сиёсӣ ё идеологӣ сурат мегирад. Ин амалҳо боиси маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, халалдоршавии амнияти ҷамъиятӣ ва ба миён омадани оқибатҳои вазнин мегарданд.

Ифротгароӣ дар мафҳуми илмӣ ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ-сиёсие муайян мегардад, ки дар он гурӯҳҳои алоҳида ё шахсони ҷудогона бо такя ба ақидаҳои тундрав, мафкураи яктарафа ва таҳаммулнопазирӣ нисбат ба дигар афкор ва қишрҳои ҷомеа, барои тағйири сохти қонунии давлат ё тартиботи ҷамъиятӣ бо ҳар роҳ, аз ҷумла бо зӯроварӣ, талош меварзанд. [3. 78] Ифротгароӣ метавонад динӣ, сиёсӣ, миллиӣ, иҷтимоӣ ё фарҳангӣ бошад, аммо хатарноктарин шакли он ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Ин шакл бо истифодаи арзишҳои динӣ ба манфиати гурӯҳҳои тундрав равона гардида, ҳадафи асосии он заифсозии пояҳои давлатдорӣ, халалдор кардани ваҳдати миллӣ ва барангехтани ихтилофоти мазҳабӣ мебошад.

Террор дар давраҳои гуногуни таърихӣ ҳамчун яке аз василаҳои асосии муборизаи сиёсӣ истифода шудааст. Дар давраи инқилобҳо ва аксулинқилобҳо гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ бо истифода аз зӯроварӣ талош мекарданд, ки рақибони худро нобуд созанд. Гарчанде мафҳуми «террор» дар аҳди қадим ҳанӯз шакли расмии имрӯза надошт, таърих нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои сиёсӣ аз ин васила барои даҳшатофарӣ ва ба даст овардани нуфуз истифода мебурданд. Чунончӣ, баъзе мутафаккирони бостон, аз ҷумла Ксенофон, терророро ҳамчун воситаи муассири мубориза донистаанд. [5. 45]

Ифротгароии динӣ, ки имрӯз бештар паҳн мегардад, паёмади тағйироти геополитикӣ, афзоиши рақобати абарқудратҳо, инчунин истифодаи дини мубини Ислом аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатҷӯ ба манфиатҳои сиёсии худ мебошад. Ин гурӯҳҳо тавассути таълимоти таҳрифшуда, ваъдаҳои бардурӯғ ва истифодаи муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷавононро ба дом мекашанд. Онҳо бо фиреби идеологӣ амалҳои террористиву зиддидавлатиро «қаҳрамонӣ» ё «ҷиҳод» нишон дода, мақсад доранд нуфузи миллӣ ва суботи давлатдории кишварҳоро таназзул диҳанд.

Беҳатарии миллии Тоҷикистон низ зери таъсири чунин хатарҳо қарор дорад. Душманони миллат бо таблиғоти беасос талош мекунанд миёни шаҳрвандон нисбат ба давлат нобоварӣ паҳн созанд, сатҳи ваҳдати иҷтимоиро паст кунанд ва ҷавононро ба ҳаракатҳои тундрав ҷалб намоянд. Ин дар ҳолест, ки аксарияти онҳо худ аз саҳнаи сиёсӣ канора гирифта, дар паноҳи кишварҳои дигар зиндагонӣ мекунанд ва бар зидди давлату миллат амал менамоянд. Худшиносии миллӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва донистани таърихи миллат аз омилҳои асосии пешгирии гаравидан ба ифротгароӣ мебошанд. Нодонистани таърих, бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба арзишҳои миллӣ ва бехабарӣ аз дастовардҳои фарҳангӣ инсонро ба бегонапарастӣ ва таъсирпазирии идеологияҳои хатарнок мебарад.

Муҳаққиқон ва коршиносон таъкид мекунанд, ки нақши маориф, фарҳанг, тарбия ва васоити ахбори умум дар коҳиши ифротгароӣ бениҳоят муҳим аст. Вақте арзишҳои маънавию ахлоқӣ заиф мешаванд, зеҳни ҷавонон зуд ба таъсири таблиғоти тундравона гирифтор мегардад. Аз ин рӯ, таҳкими маориф, баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ-сиёсӣ ва рушди тафаккури интиқодӣ дар насли ҷавон ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ мебошад.

Дар шароити мураккаби геополитикӣ зарур аст, ки аҳолӣ, хусусан ҷавонон, ба ҳифзи арзишҳои миллӣ, риояи фарҳанги давлатдорӣ, эҳтироми истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва муқаддасоти динӣ ҷалб карда шаванд.

Имрӯз маводи таблиғотии гурӯҳҳои ифротӣ собит месозад, ки онҳо талош доранд дар байни мардум нисбат ба давлату ҳукумат нобоварӣ эҷод кунанд ва миёни шаҳрвандон тафриқа андозанд. Ин гурӯҳҳо худашон аз ширкат дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар канорагирӣ намуда, баръакс аз хориҷа амалҳои таҳрифкоронаро таблиғ мекунанд. Онҳо бо шиорҳои сохтаи «динӣ» ҷавононро фирефта, ба амалҳои зиддидавлатӣ, ифротгароӣ ва терроризм даъват мекунанд ва ин амалҳои нопокро «қаҳрамонӣ» ва «фидокорӣ» нишон

медиҳанд. [6. 32] Дар асл, ҳадафи онҳо паст задани нуфузи миллӣ ва иҷрои супоришҳои сарпарастони бегона мебошад.

Истиқлолият ва давлатдории миллӣ арзишҳое ҳастанд, ки пос доштани онҳо қарз ва масъулияти ҳар як шаҳрванди ватандӯст мебошад. Фаҳмиши дурусти таърих, худшиносии миллӣ ва арҷгузорӣ ба дастовардҳои маънавӣ ва фарҳангӣ барои ҳифзи ин арзишҳо зарур аст. Баръакс, беэътиноӣ ба таърихи миллат, бехабарӣ аз арзишҳои фарҳангӣ ва нодонистани аҳамияти истиқлол шахсро ба бегонапарастӣ ва нодида гирифтани дастовардҳои миллӣ мебарад.

Нақши фарҳанг, маърифат, таълим ва тарбия дар пешгирии ифротгароӣ бисёр муҳим аст. Аз ин рӯ, гурӯҳҳои манфиатҷӯй аввалин навбат ба арзишҳои маънавию фарҳангӣ ҳамла мекунанд: ахлоқро заиф месозанд, тафаккури ҷавононро таҳриф мекунанд ва сипас онҳоро ба амалҳои хатарнок мекашанд. [7. 115]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки камбизоатӣ, набудани маърифати ҳуқуқӣ, паст будани худшиносӣ, набудани тарбияи дурусти миллӣ ва сатҳи нокифояи таҳсилоти ҷавонон аз омилҳои асосии ба доми гурӯҳҳои ифротӣ афтодани ҷавонон мебошанд. Аз ин рӯ, вазифаи шаҳрвандӣ ва таърихии мо — ҳифзи истиқлолият, осоиштагӣ ва амнияти ҷомеа аз таҳдиди ин нерӯҳои харобкорӣ мебошад.

Дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати сиёсиву иқтисодӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ҳифзи симои миллӣ ва мазҳабӣ, боло бурдани сатҳи фарҳангӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва огоҳии сиёсӣ, хусусан миёни ҷавонон, аҳамияти бузург дорад. Аз ин рӯ, тарбияи ватандӯстонаи насли наврас, рушди худшиносии миллӣ, ҷалби ҷавонон ба корҳои созанда, ҳифзи дастовардҳои миллӣ ва мустаҳкам намудани ваҳдати миллӣ хеле муҳим аст.

Хулоса мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ танҳо бо роҳи ҳамгироии ҷомеа, сиёсати дурусти давлатӣ, таҳкими маориф, баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва худогоҳии миллӣ имконпазир аст.

**Адабиёт:**


1. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» 25.12.15 с. – Душанбе, 2015. – № 1266.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм». – Душанбе. – 2019. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mfa.tj.
3. Абдуллозода, М. Терроризм ва амнияти миллӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 184 с.
4. Саидов Қ. Омилҳои иҷтимоию психологӣ дар паҳншавии ифротгароӣ. // Маҷаллаи илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, №2. – Душанбе. – 2020. –168 с.
5. Хоҷаев Ф. Ҷомеашиносии ифротгароӣ. – Душанбе: Дониш. – 2019. – 152 с.
6. Schmid A. The Routledge Handbook of Terrorism Research. – London: Routledge. – 2011. – 340с.
7. Мирзоев Ш. «Нақши маориф ва фарҳанг дар пешгирии ифротгароӣ миёни ҷавонон». // Маҷаллаи «Паймо», №1. – Душанбе. – 2024. –241 с.


## ТЕРРОРИЗМ И ЕГО УГРОЗЫ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ПОЛИТИЧЕСКОЙ СТАБИЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**Ашурзода Джамшед Хуршед**
Международный институт Леваканта,
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана


## ТЕРРОРИЗМ ВА ТАҲДИДҲОИ ОН БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА СУБОТИ СИЁСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ашурзода Ҷамшеди Хуршед**

Донишкадаи байналмилалии Левакант,
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**TERRORISM AND ITS THREATS TO NATIONAL SECURITY AND POLITICAL STABILITE IN THE RESPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Ashurzoda Jamshed Hurshed**
Levakant International Institute,
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**Аннотация:** Современный терроризм тесно связан с идеологией религиозного радикализма. В Республике Таджикистан этот вид терроризма повлиял на политическую стабильность и национальную безопасность страны с первых дней обретения независимости. В начале XXI века под влиянием геополитических факторов возросла опасность международного терроризма, что привело к увеличению количества террористических и экстремистских организаций. В Республике Таджикистан, принимая во внимание приоритеты национальной безопасности и защиты политической стабильности, по решению Верховного суда Республики Таджикистан деятельность ряда террористических и экстремистских организаций на территории страны объявлено запрещенным. Развитие информационных технологий предоставило новые возможности террористическим организациям и используется для продвижения их радикальных идей. В таких условиях предотвращение распространения террористических и экстремистских идей является одним из способов борьбы с этими негативными явлениями.

**Ключевые слова:** международный терроризм, религиозный радикализм, религиозно-политический экстремизм, террористические акты, террористические и экстремистские организации.

**Annotation:** Modern terrorism is closely connected with the ideology of religious radicalism. In the Republic of Tajikistan, this type of terrorism has affected the political stability and national security of the country since the first days of independence. At the beginning of the 21st century, under the influence of geopolitical factors, the danger of international terrorism increased, which led to an increase in the number of terrorist and extremist organizations. In the Republic of Tajikistan, taking into account the priorities of national security and the protection of political stability, by decision of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan, the activities of a number of terrorist and extremist organizations in the country have been declared prohibited. The development of information technology has provided new opportunities for terrorist organizations and is being used to promote their radical ideas. Under such conditions, preventing the spread of terrorist and extremist ideas is one of the ways to combat these negative phenomena.

**Keywords:** international terrorism, religious radicalism, religious and political extremism, terrorist acts, terrorist and extremist organizations.

**Аннотатсия:** Терроризми замони муосир бо идеологияи радикализми динӣ алоқамандии зич дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин навъи терроризм аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар таъсиргузорӣ намудааст. Дар ибтидои асри XXI зери таъсири омилҳои геополитикӣ хавфу хатари терроризми байналмилалӣ бештар гардида, боиси афзоиши шумораи созмонҳои террористию экстремистӣ гардиданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти афзалиятҳои амнияти миллию ҳифзи суботи сиёсӣ бо қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти як қатор созмонҳои террористию экстремистӣ дар қаламрави кишвар мамнуъ эълон карда шудааст. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ба ташкилотҳои террористӣ

имкониятҳои нав фароҳам оварда, барои ташвиқи ғояҳои радикалистии онҳо истифода шуда истодаанд. Дар чунин шароит пешгирӣ намудани тавсеаи ғояҳои террористию экстремистӣ яке аз роҳҳои мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб мебошад.

**Калидвожаҳо:** терроризми байналмилалӣ, радикализми динӣ, экстремизми динию сиёсӣ, амалҳои террористӣ, созмонҳои террористию экстремистӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият бо зуҳуроти терроризм ва тундгароии динию сиёсӣ рӯ ба рӯ гардида буд. Ҳанӯз аз солҳои 1992 сар карда тундгароёни динию сиёсӣ, пеш аз ҳама, тундгароёни исломӣ барои муташанниҷ намудани авзои сиёсии мамлакат ва ташкил намудани давлати исломӣ дар муқобили ҳукумати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои террористии муборизаи сиёсиро истифода менамуданд. Дар ин давра на танҳо намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ, балки донишмандон ва равшанфикроне, ки ҷонибдори ҳукумати конститутсионӣ буданд, ҳадафи тундгароёни исломӣ қарор мегирифтанд. Қобили зикр аст, ки «дар ин давра тундгароёни диние, ки дар хориҷи кишвар қарор доштанд, ба гурӯҳҳои силоҳбадасти мухолифини исломии Тоҷикистон роҳу усулҳои фаъолияти террористиро меомӯзониданд. Дар баъзе аз мавридҳо худи онҳо дар амалиёти ҳарбӣ ва террористӣ бевосита иштирок менамуданд» [8, с.141]. Сол то сол таъсири ин падида ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар бештар гардида, дар солҳои минбаъда низ хавфу хатари ба амал омадани ҳуҷумҳои террористиро зиёд намудаанд. Ғайр аз ин, як қатор олимони ватанӣ таъкид бар он менамоянд, ки муташанниҷ гардидани авзои сиёсию геополитикии олам, пайдоиши субъектҳои нави геополитикӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ, шиддат гирифтани ҷангҳои иттилоотию идеологӣ боиси тавсеа ёфтани фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ мегардад [16; 17]. Бо дарназардошти чунин вазъият ва махсусан, дар шароити зуҳури терроризми байналмилалӣ ва зиёд гардидани шумораи ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҳифзи суботи сиёсии ҷомеа ва таъмини сулҳу субот аз ҳарвақта дида муҳимтару зарууртар гардидааст.

Вобаста ба таъсири терроризм ва хавфу хатари он тӯли ду даҳсолаи охир олимону муҳаққиқони ватанӣ андешаҳои гуногун баён намуда, дар маҷмӯъ, оқибатҳои ногувори ин падидаи номатлубро барои давлатдаории навини тоҷикон иброз доштаанд. Чунончӣ, Н.Ш. Раҳмонова дар таҳқиқоти худ иброз медорад, ки «амалияи вобаста ба ҷалби қишрҳои гуногу¬ни ҷомеа ба равияҳои ифротӣ на танҳо дар ки-швари мо, балки дар дигар мамлакатҳо низ ни¬шон медиҳад, ки танҳо қишри ҷавон бештар ба онҳо рӯ оварда истодааст, ки ин боиси таассуфу ташвиш аст. Зеро, вақте ки ифроту терроризм симои нав касб мекунад, ин метавонад ба пояҳои амнияту суботи кишварҳо зарбаи сахт зада, паҳншавии ин равияҳои номатлубу харобиовар¬ро қувват бахшад. Истифодаи нерӯи ҷавонон дар амалӣ намудани ғояҳои хатарноки ифротӣ ни¬шонаи костагии мафкуравӣ ва ғоявии онҳо буда, рафъи ин ҳолат ҳамбастагии фаъолияти тамоми ниҳодҳои низоми сиёсиро тақозо менамояд» [11, с.89].

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳудудҳои мамлакат аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ ва гурӯҳҳои силоҳбадасти ҷиноӣ дар муқобили олимону донишмандон, арбобони сиёсӣ, сиёсатмадорон ва ниҳодҳои давлатӣ пайваста амалҳои террористӣ ва ҳуҷумҳои мусаллаҳона анҷом дода мешуд. Ғайр аз ин, онҳо дар аксар маврид ба ғорати аҳолии осоишта ва таҷовус намудани занону духтарон машғул мегардиданд. Одамрабоӣ, асиргирӣ ва шиканҷа усулҳои маъмулии ин гурӯҳҳо маҳсуб мeёфт. «Аз соли 1994 сар карда, вақте ки дар миёни намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик гуфтушунидҳои мусолиҳатомез оғоз гардиданд, террористон ва ташкилотҳои террористӣ бо роҳи муташанниҷ намудани авзои сиёсӣ ва тезу тунд гардонидани низоъ мехостанд ба раванди сулҳи тоҷикон халал ворид намоянд» [8, с.141]. Барои амалӣ намудани ин ҳадафи худ онҳо тарконидан, асир гирифтан, ҳуҷумҳои мусаллаҳона ва ғ.-ро истифода менамуданд. Дар ин давра ва солҳои баъдӣ чунин категорияи одамон ҳамчун объекти террористӣ интихоб гардида буданд:

арбобони сиёсӣ, мансабдорони сатҳи болоӣ, вакилони мардумӣ, сиёсатмадорони шинохта, фаъолони ҷамъиятӣ ва донишмандону олимон, шаҳрвандони хориҷӣ, махсусан рӯзноманигорону намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва ғ. Чунин амалҳо чӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва чӣ дар солҳои баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ низ ба мушоҳида мерасид. Чунончӣ, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби террористон бераҳмона ба қатл расонидани фарзандони обруманди миллати тоҷик, аз қабили муовини сарвазир М.Назаршоев, академик М.Осимӣ, профессорон М.Ғуломов ва Юсуфхон Исҳоқӣ, рӯзноманигори шинохта Отахон Латифӣ, прокурори генералии Тоҷикистон Н.Ҳувайдуллоев, спикери Шӯрои Олӣ С.Кенҷаев ва даҳҳо нафар нависандагону донишмандон, кормандони давлатию ҷамъиятӣ ба ин онҳо мисол шуда метавонанд [6]. Мутассифона, баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва сурат гирифта буд, таҳдиди терроризм аз байн нарафт ва аз он давра то ба имрӯз дар ҳудудҳои мамлакат даҳҳо амали террористӣ рух додаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1992-1997 дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 100 ҳазор нафар ҷони худро аз даст дода, бештар аз 100 ҳазор нафари дигар гуреза шуданд ва хисороти аз ин ҷанг расонидашуда 7 млрд долларро ташкил намудааст. Гузашта аз ин ҷанги шаҳрвандӣ рушди соҳаҳои гуногуни мамлакатро осебпазир намуда, кишварро ба даҳсола қафо кашид. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, муҳаққиқи рус Л.Е. Васильев иброз медорад, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ҳокимияти марказӣ чунон заиф гардида буд, ки қудрати пурра зери назорат қарор додани сарҳадҳои давлатӣ ва вазъи дохилии кишварро надошт. Чунин ҳолат ба тундгароёни исломӣ имконият медод, ки бо хориҷи мамлакат озодона робита барқарор намуда, дар минтақаҳои гуногуни кишвар лагерҳои ҳарбӣ ташкил намоянд. Ин буд, ки чӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва чӣ дар солҳои минбаъда вазъият дар дохили мамлакат ва минтақаи Осиёи Марказӣ муташанниҷ гардида буд» [3, с.99]. Бо андешаҳои мазкур қисман розӣ шудан мумкин аст. Зеро кафили сулҳу субот ва ҳолати ҳимоятшавандагии сарҳадоти давлатию тартиботи ҷамъиятӣ аз иқтидори зарурии сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобастагӣ дорад. Аммо дар шароити муосир ба ғайр аз ин, инчунин омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, идеологию фарҳангӣ низ дар ин самт таъсиргузоранд, ки дар самти мубориза бо терроризм ва тундгароӣ бояд пурра ба инобат гирифта шаванд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва махсусан баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дастаҳои силоҳбадасти террористию экстремистӣ ба хоҷагии халқ ва суботи сиёсии кишвар зарару зиёни ҷиддӣ расонидаанд. Яке аз онҳо гурӯҳи муташаккили ҷиноятии Содиров Ризвон мебошад, ки бо ҳамроҳии бародарони худ Фатҳуддин, Валиҷон ва Баҳром Содировҳо якҷоя амал менамуданд. Ин дастаи мусаллаҳи ҷиноятӣ асосан ба одамрабоӣ, асиргирӣ ва ташкил намудани амалиётҳои террористӣ, аз ҷумла суиқасд ба ҷони арбобони сиёсӣ машғул мегардиданд. Декабри соли 1996 ин дастаи ҷиноятпеша якчанд нафар кормандони намояндагии СММ-ро гаравгон гирифта буданд. 5 феврали соли 1997 Баҳром Садиров – бародари Ризвон Садиров дар ноҳияи Обигарм 4 рӯзноманигори рус, 5 корманди намояндагии СММ ва 2 корманди Созмони байналмилалии Салиби сурхро гаравгон мегирад. Барои озод намудани онҳо талаб менамояд, ки ҳукумати Тоҷикистон барои ворид шудани неруҳои Ризвон Содиров аз ҳудудҳои Афғонистон ба ҳудудҳои Тоҷикистон роҳ кушояд. Моҳи ноябри соли 1997 Ризвон Садиров ду шаҳрванди Фаронсаро гаравгон гирифта, барои озод намудани онҳо озодии бародараш – Баҳром Садировро талаб намуда буд. 2 декабри соли 1997 сохторҳои қудратии мамлакат дар муқобили ин дастаи ҷиноятпеша амалиёти махсус гузаронида, Садиров Р.-ро безарар мегардонанд [12]. Ғайр аз ин, 1 августи соли 1997 дастаи ҷиноятпешаи Садиров Ризвон ду писари муфтии Тоҷикистон Амонулло Неъматзодаро duздида, бар ивази онҳо озод намудани бародараш Содиров Баҳром ва 100 ҳазор доллар талаб намуда буданд. 27 августи соли 1997 бошад худи Амонулло Неъматзодаро дастгир намуда, асир мегиранд. Рӯзе баъд аз ин ҳодиса сохторҳои қудратии

мамлакат дар муқобили ин дастаи ҷиноятӣ амалиёти махсус анҷом дода, онҳоро озод менамоянд [4].

Яке аз дастаҳои силоҳбадасти ҷиноятпешае, ки дар ҳудудҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва солҳои минбаъда ҷиноятҳои вазнин ва амалҳои террористӣ содир намудааст, гурӯҳи ҷиноятпешаи силоҳбадасти Раҳимов Абдулло (Мулло Абдулло) мебошад. Моҳи сентябри соли 2010 ин гурӯҳи ҷиноятпеша дар дараи Камароби ноҳияи Рашт ба корвони ҳарбии Вазорати мудофиаи Тоҷикистон ҳамлаи ногаҳонӣ анҷом дода, 25 хизматчии ҳарбиро ба ҳалокат мерасонад. Дар миёни ҳалокшудагон 7 нафар афсарон ва боқимонда аскарони қаторӣ буданд [15]. Моҳи апрели соли 2011 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Тоҷикистон гурӯҳи террористиеро, ки Мулло Абдулло роҳбарӣ менамуд, аз байн бурданд [18, с.134].

3 сентябри соли 2010 узви Ҳизби исломии Туркистон (собиқ Ҳаракати исломии Ӯзбекистон) террористи худкуш Каримов Акмал дар назди шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Раёсати корҳои дохилии вилояти Суғд дар автомашинаи бомбагузошташуда худро метарконад, ки дар натиҷа 3 нафар ба ҳалокат расида, 25 корманди милитсия ҷароҳатҳои гуногун мебардоранд. Дар рафти анҷом додани чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ барои муайян намудани иштирокдорони дигари ин амали террористӣ кормандони мақомоти амният се мошини дигари бо бомба муҷаҳҳазбударо пайдо намуда, безарар гардониданд, ки онҳоро низ террористон ният доштанд дар назди биноҳои дигари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои давлатӣ тарконанд [18, с.134]. Дертар бародари террористи худкуш Каримов Фирдавс, ки дар ҳавлии ӯ Каримов Акмал таҷҳизоти таркандаро омода намудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ғайр аз ин, дар робита бо ин амали террористӣ 47 нафар узви Ҳаракати исломии Ӯзбекистонро дастгир менамоянд, ки онҳо ният доштанд дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон амалҳои террористӣ анҷом диҳанд [14].

Яке аз воқеаҳои дигари бо амалҳои террористӣ ва фаъолияти террористӣ алоқаманд ин кӯшиши ба амал овардани табаддулоти давлатӣ аз ҷониби ташкилоти террористию экстремистии Ҳизби наҳзати исломӣ мебошад. Роҳбари ин ташкилоти террористӣ Муҳиддин Кабирӣ бо собиқ муовини вазири мудофиа Назарзода Абдуҳалим ба амал баровардин табаддулоти давлатиро пешакӣ маслиҳат ва тарҳрезӣ намуда, бо ин мақсад зиёда аз 20 дастаи силоҳбадасти ҳар кадомашон иборат аз 15-20 нафарӣ ташкил намуда, бо супориши онҳо шаби 4 сентябри соли 2015 ба қисмҳои низомии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва биноҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуҷумҳои мусаллаҳона анҷом доданд, ки дар натиҷаи он 52 нафар ба ҳолкат мерасад. Баъди рух додани ин воқеа генерал Назарзода дар рафти амалиёти зиддитеррористӣ кушта мешавад ва зиёда аз 190 узви фаъоли ин гурӯҳи террористӣ дастгир гардида, ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум мегарданд [18, с.134].

Дар вақти рух додани ин ҳодиса раиси собиқ Ҳизби наҳзати исломӣ аллакай ба хориҷа паноҳ бурда буд. Айни замон низ ӯ дар хориҷа қарор дорад ва бо пешниҳоди Прокуратураи генералии Тоҷикистон ӯ дар рӯйхати сурхи Интерпол ворид карда шудааст. Муҳиддин Кабирӣ тӯли солҳои охир дар хориҷи кишвар ҳаммаслакони худро муттаҳид намуда, фаъолияти террористию экстремистии хешро идома дода истодаанд. Онҳо аз ҷониби як зумра бозигарони сиёсати ҷаҳонӣ аз лиҳози молӣ дастгирӣ ёфта, фаъолияти зиддиҳукуматии худро тариқи шабакаи Интернет фаъол намудаанд. Дар тӯли чаҳор соли охир онҳо дар шабакаи интернет садҳо видеороликҳои дорои хусусияти террористию экстремистиро ҷойгир намуда, мардумро барои сарнагун намудани ҳокимият кӯшоду равшан даъват менамоянд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки аз хориҷа истода вазъи сиёсию иҷтимоии кишварро ноором созанд. Ҳадафи аслии онҳо ташкил намудани давлати исломӣ мебошад. Бо ин мақсад онҳо дар шабакаи интернет сомонаҳои гуногуни иғвоангез ва дорои хусусияти террористию тундгароӣ ташкил намуда, барои вайрон намудани сохтори конститутсионии давлат ва халалдор намудани тартиботи ҷамъиятӣ кӯшиш намуда истодаанд. Як қатор муҳаққиқон иброз медоранд, ки Ҳизби наҳзати исломӣ ҳанӯз дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ аз давлатҳои хориҷӣ

мунтазам кӯмаки молиявӣ дарёфт намуда, бо дастаҳои силоҳбадасти ҷиноятии Афғонистон робитаи қавӣ дошта, барояшон лагерҳои террористӣ муҳайё намуда буданд [9, с.55].

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди давлатҳои дигар бо дарназардошти хавфу хатари афзояндаи терроризм ва тундгароии исломӣ рӯйхати ташкилотҳои террористию экстремистиро ташкил намуда, фаъолияти онҳоро дар қаламрави кишвар мамнуъ эълон намудааст. Аз ҷумла ташкилотҳои террористию экстремистии «Ал-Қоида», «Ҳаракати Толибон», «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ Ҳаракати исломии Ӯзбекистон), «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Бародарони мусулмон» ё худ «Ихвон-ул-Муслимин», «Давлати исломӣ», «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Ҷамоати Ансоруллоҳ» аз ҷониби Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои террористӣ дониста шуда, фаъолияти онҳо дар қаламрави Тоҷикистон мамнуъ эълон гардидааст. Ғайр аз ин соли 2015 бо қарори Додгоҳи Олии мамлакат Ҳизби наҳзати исломӣ низ ҳамчун ташкилоти террористӣ дониста шуда, фаъолияташ дар ҳудудҳои Тоҷикистон манъ карда мешавад. Дар хориҷи кишвар бо роҳбарии раиси ташкилоти террористии Ҳизби наҳзати исломӣ иттиҳодияи Паймони миллии Тоҷикистон ташкил карда шудааст, ки ин иттиҳодия низ соли 2019 аз ҷониби Додгоҳи олии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти террористӣ эълон гардидааст.

«Ҷамоати Ансоруллоҳ» соли 2007 аз ҷониби яке аз аъзоёни собиқ Иттиҳоди мухолифини тоҷик Табаров Амриддин ташкил карда мешавад. Ин ташкилоти террористию экстремистӣ масъулияти ба амал баровардани ҳуҷуми террористии соли 2010-ро, ки дар назди бинои Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили ш.Хуҷанд рух додаро, бар ӯҳда гирифта буд. Баҳори соли 2011 дар раванди амалиёти зиддитеррористие, ки дар муқобили гурӯҳи силоҳбадасти Мулло Абдулло анҷом дода шуд, дар байни узви ин гурӯҳ инчунин парчами «Ҷамоати Ансоруллоҳ» низ пайдо мегардад. Моҳи майи соли 2012 Додгоҳи Олии кившар «Ҷамоати Ансоруллоҳ»-ро ташкилоти экстремистию террористӣ эълон намуда, фаъолияти онро дар ҳудудҳои Тоҷикистон мамнуъ гардонид. Солҳои 2014-2015 ин ташкилоти террористӣ дар шабакаи Интернет ҷиҳоди исломиро ба таври васеъ тарғибу ташвиқ намуда, шаҳрвандони кишварро барои иштирок дар ҷангҳои Сирия сафарбар менамуд. Масалан, моҳи ноябри соли 2014 дар шаҳрҳои Конибодом ва Истаравшан 12 шаҳрванди Тоҷикистон бо ҷурми робита доштан бо «Ҷамоати Ансоруллоҳ» дастгир карда мешаванд. Онҳо аз Федератсияи Россия ба ватан баргашта, ният доштанд, ки ҳам худашон ва ҳам оилаҳои худро ба Сурия бубаранд [9, с.68].

Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият масъалаи гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва террористӣ ҳукумати кишвар ва ҷомеаи Тоҷикистонро ба ташвиш овардааст. Аз ин рӯ, пайвастани ҷавонон ба ин гуна ҳаракатҳои сиёсию динӣ барои суботи сиёсии кишвар хатари ҷиддӣ эҷод намуда, хавфи ба амал омадани ҳуҷумҳои террористиро меафзояд. Муҳаққиқи ватанӣ Н.Ш. Раҳмонова иброз медорад, ки ба гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва инкишофи ҷиноятҳои муташаккил омилҳои зерин муосидат намудаанд:

– вазъи мураккаби сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистони тозаистиқлол баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ;

– ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар натиҷаи он ҳокимияти марказӣ назорати қариб 30% ҳудудҳои ҷумҳуриро аз даст дода буд;

– набудани заминаҳои муосири ҳуқуқӣ баъди ба даст овардани истиқлолият;

– хушунатҳои маҳаллӣ-этникӣ барои ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ;

– сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ғ. [11, с.88].

Омилҳои номбаргардида воқеан ҳам барои тавсеаи миқёси фаъолиятҳои ифротгароӣ ва террористӣ, махсусан барои гаравидани ҷавонон ба сафи ин гуна ташкилотҳо хеле таъсирнок буд, аммо дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият, на дар солҳои охир. Зеро тӯли солҳои охир зери таъсири дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию идеологӣ шаклҳои фаъолияти террористӣ ва ифротгароӣ ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуда, ба омилҳои ба тавсеаи ғояҳои террористию тундгароӣ мусоидаткунанда як қатор масъалаҳои дигари ҳаёти

ҷамъиятӣ ва равандҳои иҷтииоию сиёсиро ворид намудан мумкин аст. Масалан, айни замон яке аз омилҳои муассири гаравидани ҷавонон ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ ин муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намуда, дар баъзе аз мавридҳо ба доми террористону ифротгароён меафтанд.

Яке аз масъалаҳои ташвишовари Тоҷикистон, ки барои афзоиши терроризм мусоидат менамояд, ин шомилшавии ҷавонон ва шаҳрвандони кишвар ба сафи ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» мебошад. Муҳаққиқони масъалаи терроризм ва коршиносони ин соҳа иброз медоранд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан онҳое, ки ба ҷараёни динии Салафия пайвастаанд, бештар барои пайвастан ба сафи «Давлати исломӣ» кӯшиш менамоянд. Инчунин аз ҷониби ташкилоти террористию экстремистии «Ҷамоати Ансоруллоҳ» низ барои пайвастан ба сафи «Давлати исломӣ» таблиғот гузаронида мешавад [1]. Ҷараёни динии Салафия дар Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 2000 пайдо мешавад. Фаъолон ва мубалиғғони онро хатмкардаҳои мактабҳои олии баъзе кишварҳои Шарқи Наздик ташкил медоданд. Чунин нафарон барои таблиғи ғояҳои салафия (ваҳҳобия) аз ҷониби ниҳодҳои гуногуни ин кишварҳои исломӣ маблағгузорӣ мешуданд. Тибқи маълумоти васоити ахбори омма зиёда аз 20 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон аз ҷараёни Салафия пайравӣ менамуданд [13]. Соли 2009 Додгоҳи Олии Тоҷикистон фаъолияти онро дар ҳудудҳои мамлакат мамнуъ эълон намуд. Аммо баъд аз оне, ки алоқамандии салафиҳо ва ваҳҳобиҳо бо Давлати исломӣ пурра ошкор гардид, таваҷҷуҳи мақомоти қудратии кишвар ба масъалаи пешгирӣ намудани гаравидани ҷавонон ба ин ҷараёни ифротгароиву тундгароӣ бештар шуд [9, с.73].

Бо дарназардошти хусусиятҳои терроризми замони муосир ва махсусан дигаргуниҳои сиёсию геополитикӣ гуфтан мумкин аст, ки мубориза бо терроризм бояд характери маҷмӯӣ дошта бошад. Яъне, дар самти мубориза бо ин падидаи номатлуб бояд ҳамаи имконият ва воситаҳои мавҷуда ба таври васеъ истифода бурда шавад. Чунин ҳолатро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Р.А. низ таъкид намудааст. Ба ақидаи ӯ, «таҷрибаи ватанӣ оид ба мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм нишон дод, ки дар самти мубориза бо ин падидаҳои номатлуб маҳдуд гардидан бо истифодаи неруҳои қудратӣ самараи дилхоҳ намедиҳад. Дар ин самт коркард ва амалигардонии маҷмӯи чорабиниҳо ва таъсиррасониҳои ташкилӣ, идеологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ба омилҳои бавуҷудоварандаи руҳияи тундгароӣ ва ифротгароӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа зарур мебошад» [18, с.137]. Сиёсатшиноси ватанӣ Г.Н. Зокиров низ дар мавриди мубориза бо терроризм чунин мавқеъро ҷонибдорӣ намуда, иброз медорад, ки «сиёсатмадорон, ходимони давлатӣ ва ҳама гуна маъмурони дигарро лозим аст, ки зӯриро фақат дар ҳолатҳои махсус истифода намоянд. Албатта, дар ҳолатҳои воқеигардии амалҳои террористӣ истифодаи зӯрӣ воситаи ягона ва самаранок аст. Вале аҳли ҷомеа ва муборизони зидди терроризм бояд чунин тарзи муносибатҳоеро ихтиёр намоянд, ки муносибатҳои байни умумиятҳо ва мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ба сатҳи муқовимат нарасанд. Бинобар ин манбаъҳои пайдоишу инкишофи терроризмро бояд нобуд сохт» [7, с.46].

Ҳамин тариқ, терроризм ва фаъолияти созмонҳои экстремистию террористӣ дар марҳилаи кунунии давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар мебошанд.

**Адабиёт:**


1. В Прикамье задержаны около 30 вербовщиков в запрещенную организацию «Джамаат Ансоруллох» [Электронный ресурс]. URL: https://tass.ru/proisshestviya/3801937 (дата обращения: 12.07.2020 г.).
2. В Таджикистане казнили Гитлера [Электронный ресурс]. URL: https://www.kommersant.ru/doc/278090 (дата обращения: 10.07.2020 г.).

3. Васильев Л.Е. Проблемы безопасности в Восточной Евразии: борьба с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом. – М., 2009. – С.99.
4. Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 4 сентября 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/233/38/img/N9723338.pdf (дата обращения: 06.07.2020 г.).
5. Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 13 августа 1998 г. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N98/232/23/IMG/N9823223.pdf (дата обращения: 06.07.2020).
6. Живи и помни! Писатель Мансур Сайфиддин (Суруш) о причинах и последствиях деяний экстремистско-террористической организации Партия исламского возрождения Таджикистана [Электронный ресурс]. URL: http://sogdiana.tj/main/8708-zhivi-i-pomni-pisatel-mansur-sayfiddin-surush-o-prichinah-i-posledstviyah-deyaniy-ekstremistsko-terroristicheskoy-organizacii-partiya-islamskogo-vozrozhdeniya-tadzhikistana.html (дата обращения: 12.07.2020 г.).
7. Зокиров Г.Н. Терроризм. – Душанбе, 2004. – С.46.
8. Кудратов К.А. Особенности и перспективы борьбы с терроризмом в Таджикистане // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия: история, философия. – 2013. –Т.12. – №4. – С.141.
9. Попов Д. Таджикистан перед лицом угрозы международного терроризма // Россия и мусульманский мир. – 2017. – №3 (297). – С.55.
10. Рахимов Абдулло (Мулло Абдулло) [Электронный ресурс]. URL: https://centrasia.org/person2.php?st=1013881084 (дата обращения: 06.07.2020 г.).
11. Раҳмонова Н.Ш. Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». –2017. – №3(27). – С.89.
12. Садиров Ризвон Мардонович [Электронный ресурс]. URL: https://centrasia.org/person2.php?st=1013881202 (дата обращения: 09.06.2020 г.).
13. Салафиты вне закона [Электронный ресурс]. URL: https://www.ng.ru/cis/2009-06-26/6_Salafiya.html (дата обращения: 12.07.2020 г.).
14. Таджикистан: 48 человек задержаны по подозрению в организации сентябрьского теракта в Худжанде [Электронный ресурс]. URL: https://www.fergananews.com/news.php?id=16190 (дата обращения: 11.07.2020 г.).
15. Таджикистан: В ущелье Камароб погибли 25 и без вести пропали 25 военнослужащих [Электронный ресурс]. URL: https://www.fergananews.com/news.php?id=15575 (дата обращения: 12.07.2020 г.).
16. Сафарализода Х.К. Внешние угрозы как результат столкновения геополитических интересов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 6. – С. 276-284.
17. Сафарализода Х.К., Ашурзода Д.Х. Политизация религии как фактор появления религиозно-политического экстремизма и ее влияние на национальную безопасность страны // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 6. – С. 264-271.
18. Юсуф Р.А. Борьба с терроризмом в Таджикистане // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. –2017. –№1 (57). –С.134.

# ТЕРМИНОЛОГИЯ И ОСНОВНЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ЭКСТРЕМИЗМА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

**Дабирджони Махмад**
доктор философии (PhD) — доктор по специальности «политология», заместитель декана по учебной части факультета дипломатии и политики АИДНПЧТ,
734003, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 900222270, E-mail: dabirjoni@bk.ru

**Махмадшозода Махмадризо**
доктор философии (PhD) – доктор по специальности «политология» Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АИМТ,
734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 3.
Тел.: (+992) 100240703, E-mail: mirzoshomahmadrizo@gmail.com

## TERMINOLOGY AND MAIN CHARACTERISTICS OF EXTREMISM IN MODERN SOCIETY

**Dabirjoni Mahmad**
Doctor of Philosophy (PhD) – Doctor in Political Science, Deputy Dean for Academic Affairs, Faculty of Diplomacy and Politics, AIDNPCT, 734003, Dushanbe, Said Nosir Street, 33.
Tel.: (+992) 900222270, E-mail: dabirjoni@bk.ru

**Mahmadshozoda Mahmadrizo**
Doctor of Philosophy (PhD) — Doctor in Political Science, Institute of Philosophy, Political Science, and Law named after A. Bahovaddinov, AIMT, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33
Tel.: (+992) 100240703, E-mail: mirzoshomahmadrizo@gmail.co

## ИСТИЛОҲ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИФРОТГАРОӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

**Дабирҷони Маҳмад**
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, муовини декан оид ба таҳлими факултети дипломатия ва сиёсати АИДНПҶТ, 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел: (+992) 900222270, E-mail: dabirjoni@bk.ru

**Маҳмадшозода Маҳмадризо**
курси якуми докторанти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносии Инистути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИМТ,
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
Тел: (+992) 100240703, **E mail:mirzoshomahmadrizo@gmail.com**

**Аннотация:** как известно, экстремизм имеет свою сущность, формы, причины, факторы и предпосылки возникновения. Комплексное научное исследование этих аспектов позволяет определить эффективные пути и методы борьбы с этим негативным явлением современности. Наряду с этим, другим результативным способом противодействия экстремизму является всестороннее изучение национального и мирового опыта борьбы с ним, и Республика Таджикистан относится к числу государств, обладающих значительным опытом в противостоянии экстремизму.

Статья посвящена изучению терминологии и основных особенностей экстремизма в современном обществе. Раскрывается сущность экстремизма как политико-религиозного и радикального явления. Автор анализирует основные факторы, способствующие возникновению данного процесса, включая политику, социальное неравенство и влияние информационной среды. В статье также отмечается роль социальных сетей в распространении экстремистских идей.

**Ключевые слова:** экстремизм, религия, политика, борьба, противодействие, независимость, терминология, формы, факторы.

Annotation: As is known, extremism has its own essence, forms, causes, factors, and prerequisites for emergence. Comprehensive scientific research of these aspects allows for identifying effective ways and methods to combat this negative phenomenon of modern times. In addition, another effective approach to countering extremism is the thorough study of national and global experiences in combating it, and the Republic of Tajikistan is among the countries with significant experience in countering extremism.

The article is devoted to studying the terminology and main features of extremism in modern society. The essence of extremism as a political-religious and radical phenomenon is explained. The author analyzes the main factors contributing to the emergence of this process, including politics, social inequality, and the influence of the information environment. The article also highlights the role of social networks in spreading extremist ideas.

**Keywords:** extremism, religion, politics, struggle, counteraction, independence, terminology, forms, factors.

**Аннотатсия:** Тавре маълум аст, ифротгароӣ моҳият, шаклҳо, сабабу омилҳо ва заминаҳои пайдоиши худро дошта, таҳқиқи маҷмуии илмии онҳо имконият медиҳад, ки роҳу усулҳои натиҷабахши мубориза бо ин падидаи манфии замони имрӯз дарёфт карда шаванд. Дар ин баробар роҳи дигари мубориза натиҷабахш бо ифротгароӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи таҷрибаи миллӣ ва ҷаҳонии мубориза бо он мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳои соҳибтаҷриба дар роҳи мубориза бо ифротгароӣ маҳсуб меёбад.

Мақола ба омӯзиши истилоҳ ва хусусиятҳои асосии ифротгароӣ дар ҷомеаи муосир бахшида шуд, моҳияти ифротгароӣ ҳамчун як падидаи сиёсӣ-динӣ ва радикалӣ шарҳ дода мешавад. Муаллиф омилҳои асосии ба вуҷудорандаи ин равандро, аз ҷумла сиёсат, нобаробарии иҷтимоӣ ва таъсири муҳити иттилоотиро таҳлил мекунад. Инчунин дар мақолаи мазкур нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар густариши ғояҳои ифротӣ зикр гардидааст.

**Калидвожаҳо:** Ифротгароӣ, дин, сиёсат, мубориза, муқовимат, истиқлолият, истилоҳ, шаклҳо, омилҳо.

Ҳар як давлати соҳибистиқлол дар замони муосир кӯшиш менамояд, ки бо истифода аз истиқлолияти сиёсии хеш манфиатҳои миллии худро дар сатҳи зарурӣ муайян намуда, рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии худро марҳила ба марҳила таъмин намояд. Дар асл, амалӣ намудани мақсадҳои мазкур, ки афзалиятҳои давлату миллатро ташкил медиҳад, воқеан кори басо мушкил аст. Бинобар ин, дар раванди инкишофёбии давлатдории миллӣ таҳкими истиқолияти сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар баъзе ҳолатҳо монеаҳое пайдо мегарданд, ки сабабгори тадбиқ нагардидани ҳадафҳои дар пеш гузошта мегарданд.

Дар миёни падидаҳои номатлуби замони муосир ифротгароӣ зуҳуроте мебошад, ки ҳаёти сиёсию иқтисодии мамлакатро ноором гардонида, ба сохтори конститутсионии ҳар мамлакати соҳибистиқлол таъсири манфии худро мерасонад. Омӯзиши ифротгароӣ имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама, моҳият ва хусусиятҳои ин падидаи номатлуб муайян карда шавад. Аммо, барои пешгирӣ намудани инкишофи ифротгароӣ, мубориза бурдан бо ин зуҳуроти манфӣ омӯзиши инкишоф ва пайдоиши он хеле зарур мебошад[2, С.113].

Таърифи аниқу муайян додани мафҳумҳои мазкур, бахусус ифротгароӣ на факат барои таҳияи меъёрҳои бо ҳам монанди ҳуқуқӣ, балки бо мақсади вусъат додани корҳои маърифатӣ ва тарғиботӣ дар миёни аҳолӣ зарур аст. Зеро дар айни замон, дар кишварамон, на ҳамаи шаҳрвандон дар хусуси ин зуҳуроти нангини ҷомеа тасаввуроти равшан доранд. Дар адабиёти фалсафӣ ва сиёсӣ таърифи умумии эътирофшудаи ифротгароӣ вуҷуд надорад. Чунонки дар тадқиқотҳои илмӣ зикр гардидааст, дар зери ниқоби ифротгароӣ аксаран зуҳуроти мухталиф: аз шаклҳои гуногуни муборизаҳои синфӣ ва озодихоҳона, ки истифодаи зӯроварии сиёсиро роҳандозӣ мекунанд, то ҷинояткориҳои аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятпеша содиршаванда бо ҳам омезиш меёбад.

Ифротгароӣ таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқони соҳаи динро ба худ ҷалб мекунад. Барои муборизаи бомуваффақият бар зидди ифротгароӣ муҳаққиқон дарки консептуалии ин зуҳуротро махсус қайд менамоянд: навъҳои он, дурнамои рушд, мувофиқ будани амалҳои зидди ифротгароӣ, тафовут дар миқёс, мазмун, ангезаи зуҳурот; инчунин зарурати додани баҳои илмӣ ба карорҳои қабулшуда дар бораи таъсироти зидди ифротгароӣ ва ғайра дар рафти тадқиқи масъалаи мазкур мавриди назари ҷиддӣ қарор мегирад. Аммо, чунон ки пажӯҳишгари шинохта А.Журавский қайд мекунад, то ҳол «дар ҷомеа коршиносон дар бораи он ки ифротгароии динӣ дар табиат вуҷуд дорад ё на, тасаввуроти дақиқе надоранд. Дуруст аст, ки то имрӯз илм заминаи методологӣ ва усулҳои омӯзиши моҳияти ифротгароии диниро таҳия накардааст» [5]

Мафҳуми “экстремизм” ифротгароӣ аз калимаи лотинии “extremus” сарчашма гирифта, маънои “канора”- ро дорад. Дар аксари адабиёти мухталиф, чӣ соҳавӣ бошад ва ё чӣ муҳоваравӣ, зери мафҳуми “экстремизм” ба таври анъанавӣ, пойбандӣ ва рӯ овардани инсон ба дидгоҳ ва арзишоти сатҳи гуногуни канора (махсусан дар сиёсат) дониста мешавад [14, С.754]. Зери мафҳуми “экстремист” бошад субъект, инсон ва ё фарди нигоҳдоранда ё пайрави арзишоти болозикр фаҳмида мешавад.

Аз назари луғавӣ калимаи “ифрот” аз забони арабӣ буда, аз решаи “фарт” яъне “авҷ” ё “ниҳоят” сохта шуда аст. Дар истеъмоли умумӣ ифрот ба маънои аз ҳадду андоза гузаштан, аз эътидол берун шудан ё зиёдаравӣ кардан мебошад. Ибораи ифрот кардан ба маънои аз худ гузаронидан ва аз эътидоли тавозун берун шудан аст [9].

Тибқи моддаи 1 қисми 1 Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза алайҳи терроризму экстремизм ва сеппаратизм зери мафҳуми “экстремизм” амалҳои ғасби ғайриқонунии ҳокимият, нигоҳдошти иҷбории он ва бо роҳи зӯрӣ ва иҷборӣ иваз намудани сохтори конститутсионӣ фаҳмида шуда, хатарпазир гардонидани амнияти ҷомеа, пайвастан ба ташкилотҳои дорои чунин ҳадаф ва иштирок дар амаллиётҳои ғайриқонунии мусаллаҳона баробар ба экстремизм дониста мешавад[1, С.2].

Фаҳми васеъ ва умумии мафҳуми «экстремизм»-ро дар шароити ҳозираи инкишофи босуръати донишҳои сиёсӣ низ пайдо намудан осон нест. Нисбати мафҳуми мазкур, асосан нигоҳи сабуке дар донишномаҳо пайдо мегарданд. Дар бештари вақт «экстремизм» - ро ҷонибдорӣ аз чорабиниҳо ва андешаҳои канора (одатан дар сиёсат) маънидод менамоянд [15, С.1552].

Муҳақиқи рус Н.Е. Макаров. қайд менамояд, ки мафҳуми ифротгароӣ аввалин маротиба чун категорияи илмӣ ҳуқуқшиносӣ фаронсавӣ М. Лерой дар оғози қарни XX мавриди истифода қарор дода буд. Ӯ хосияти ин ҷараёни сиёсиро талабот ба доштани эътиқоди мутлақ ба ғояи сиёсии ташвиқшаванда аз тарафи пайравонаш медонист[9,С.13-14]. Баъзан муҳақиқони соҳавӣ вобаста ба масъалаи баррасишаванда дар тақиқотҳҳои худ чунин андеша доранд, ки “... истилоҳи ифротгароӣ соли 1838 аз ҷониби файласуфи немис, Вилгем Траугот Круг, мавриди истифода қарор гирифтааст. Файласуф қайд мекунад, ки “Гурӯҳҳои ифротгаро ҳамонанд, ки фазои миёнаро эътироф кардан намехоҳанд ва худро бошад, дар “канора” роҳат ҳис мекунад. Албатта, гурӯҳҳои ифротӣ дар фазои миёнаи иҷтимоӣ наметавонанд ба

ҳадафҳои ифротии худ бирасанд ва пайваста мекушанд, то аз фазои солими иҷтимоӣ канор рафта фазои иҷтимоӣ худро бисозанд ва ақидаҳои ифротии худро болои мардум таҳмил намоянд"[19, С.16]. Ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ дар натиҷаи ҳаракатҳои муайяни қувваҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст ва фаъолияти онҳо ба самте равона шудааст, ки барои амалӣ гардидани мақсадҳояшон танҳо усулҳои зӯроварӣ, моҷароҷӯӣ, фитнагарӣ ва монанди инҳоро истифода мебаранд.

Аз солҳои 50-уми асри XIX истилоҳи «экстремизм» - ифротгароӣ дар матбуоти сиёсии Англия пайдо гардида, сараввал озодона мавриди истифода қарор гирифт, то он даме, ки роҳбари ҳизби либералӣ ва Сарвазир лорд Палместоро дар матбуот ифротгаро ном бурданд.

Сипас вожаи «экстремизм» ифротгароӣ дар матбуоти Амрико мавриди истифода қарор гирифт. Дар давоми ҷанги шаҳрвандӣ дар Амрико солҳои (1861-1865) рӯзномаи демократҳои шимолӣ Амрико, тарафҳои даргирро, яъне шимол ва ҷанубро ифротгароёни ҳарду канори кишвар ном бурданд.

Д. Ушаков дар Луғати тафсирии худ, ки солҳои 1935-1940 нашр шудааст, вобаста ба истилоҳ ва моҳияти ифротгароӣ таърифи зеринро пешниҳод намудааст: "экстремизм" ифротгароӣ аз калимаи лотини гирифта шуда, маънои "канорӣ"- ро дорад, яъне "экстремизм" ифротгароӣ майл ва ҳавасмандӣ доштан ба андешаҳои аз ҳад зиёд канорӣ дар сиёсат аст[20, С.302].

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ то нимаи дуюми соли 1950 истилоҳи «экстремизм»-ифротгароӣ дар матбуот ва адабиётҳо хело кам ба чашм мерасид. Пеш аз ҳама, ин муносибати мусбат намудани роҳбарияти Шӯравӣ ва ҷомеа ба усулҳои идеологияи инқилобӣ ва радикалии самти чапгаро вобаста мебошад. Идеологияи радикалии ростгаро аз соли 1920 чун қоида, аз консепсияи колективии «фашизм» ба ҳисоб мерафт" [21, С.304].

Муҳаққиқи тоҷик Г.Н. Зокиров чунин андеша дорад, ки "Бисёр мафҳумҳо ва категорияҳо ба таври мафҳумӣ мавриди истифода қарор доранд ва таърифҳои умумиро пайдо накардаанд. Андешаҳои том дар бораи маъно ва мазмуни онҳо вуҷуд надорад. Дар аксари маврид҇ҳо ба назар мерасад, ки онҳо фаҳмоанд. Масалан, бештари одамон баробари шунидани мафҳумҳои «экстремизм», («ифродгароӣ»), «исломигароӣ», «терроризм» ва ғайраҳо дар мадди аввал мепиндоранд, ки барои бештари онҳо маънои чунин мафҳумҳо фаҳмо бошанд. Чунин ҳолатро дар байни олимон низ дар бештар вақт мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ин хотир, бештар муаллифон ба шарҳу эзоҳи онҳо таваҷҷӯҳи махсус зоҳир наменамоянд" [7, С.151].

Дар илми сиёсӣ ифротгароӣ баҳои манфӣ додашуда, зери фаъолияти ифротгароӣ амалҳои зиддиҷамъиятии канораи инсонҳои алоҳида фаҳмида мешавад, ки аксари кулли онҳо манфӣ арзёбӣ гардида, қобили қабул нестанд. Аз нигоҳи донишҳои сиёсӣ бо арзишоти фарҳангию иҷтимоии ҳаёт ва фаъолияти инсон, ки характери позитивиро доранд, дар таззод қарор дошта, фаъолияти ифротгароӣ ҳамчун ғоя ва амалкардӣ маҳвкунандаи ҳуввияти шахс дониста мешавад [16, С.11].

Ба андешаи профессори амрикоӣ Р.Фолк "ифротгароӣ зӯроварии сиёсиест, ки асосҳои муносиби маънавӣ ва ҳуқуқӣ надорад, бесарусомони ё зӯровариро алайҳи афроди бегуноҳ истифода мекунад" [22, С.55]. Зикр кардан ба маврид аст, ки ифротгароён ҳамеша ба ақидаву таълимоти мусбату зиндагисоз, ки мақбулу писанди аксари мутлақи ҷомеа мебошанд, муқобил меистанд. Аксаран, ифротгароён зархаридони кишварҳои хориҷӣ ба шумор рафта, манфиати онҳо бо ҳам мувофиқат мекунанд.

Доир ба пайдоиши ифротгароӣ сиёсатшинос - коршиноси соҳаи амният Н. А. Наматов иброз медорад, ки "Ифротгароӣ дар асрҳои XIX ва XX ба хотири ишғоли мавқеъи мухолиф баҳри секуляризатсия ва ҷудоии илму фарҳанг аз дин ва андешаҳои марбут ба модернизм ба вуҷуд омада, сабаби асосии густариши он дар ибтидо ва солҳои охири асри XXI дар доираи муборизаҳои кратополитикӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтани падидаи мазкур аз

ҷониби субъектони гуногуни фаъол ва ғайрифаъоли низоми муносибатҳои байналхалқӣ мебошад” [12].

Муҳақиқи рус В.Н.Томалинсев дар таҳқиқоти худ мафҳуми ифротгароиро таҳлилу таҳқиқ намуда чунин аудеша дорад, ки «Агар дар гузашта ифротгарой идеали чанд нафар буд, ҳоло ба шарофати ризоияти сиёсатмадорони бемасъулият, ва кӯшиши воситаҳои ахбори омма, ба ҷаҳонбинӣ ва шуури оммаи мардум ворид шуда, тарзи ҳаёти рӯзафзуни одамонро аз худ мекунад» [17, С.11].

Муҳаққиқи дигари тоҷик, Г.Н Зокиров бо омӯзиши мафҳуму моҳият ва таркиботи хосси ифротгарой диққат намуда онро дар низоми ҷадиди олам яке аз масъалаҳои мураккабтарин медонад. Ӯ қайд менамояд, ки новобаста аз он, ки ифротгарой дар кадом соҳа ба вуҷуд омада аст набояд фаромӯш кард, ки он аксаран хусусияти сиёсӣ дошта, зуҳури он сабаби дар оянда ба бадбахтӣ кашида шудани миллатҳову ҷомеаҳо хоҳад буд [8, С.6].

Г.Н. Зокиров чунин андеша дорад, ки «дар маҷмӯъ, сабабҳо ва заминаҳои ҷараёнҳои ифротгарой, аз ҷумла шакли мураккабтарини он - ифротгароии сиёсиро тарзи ҳаёти одамон ва муносибатҳои сиёсии ҷомеа ташкил медиҳанд. Омилҳои зиёде заминаи ба амалҳои канора, зӯроварӣ ва радикалӣ даст задани ашхоси гуногун ва неруҳои сиёсӣ мегарданд. Шароити бади зиндагӣ, гуруснагӣ, қашшоқӣ ва омилҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ дар беҳтар ҳолатҳо ташаккули ҷараёнҳои ифротӣ саҳм мегиранд. Инкишофи буҳронии ҷомеа ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт таъсири манфӣ мерасонад. Одамонро ноумедиҳо фаро мегиранд. Аз мақоми иҷтимоии хеш бенасиб гашта, дар низоми навин ҷойи сазовор намеёбанд. Арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва сиёсӣ иваз мегарданд. Таҳаввулоти мафкуравӣ ба амал меояд. Муддати тулонӣ дар ҳолати нокомӣ зистан ба одамон таъсир мерасонад. Одамон ба хотири беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва мавҷудият даст ба амалҳои иртиҷоӣ мезананд» [6, С.482].

Аз нуқтаи назари низоъшиносӣ, ифротгарой ҳамчун истифодаи воситаҳои барангехтани робитаҳои манфии тарафайн, воситаи мубориза барои халалдор кардани сулҳу осоиш, барангезандаи низоъҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ифротгарой наметавонад ба ҷуз ихтилофангезӣ чизи дигаре бошад. Дар ифротгарой афзоиши муборизаҳои низоъангез то ҳадде бартарӣ дорад, ки ҷое барои сулҳ боқӣ намемонад. Ин шакли низоъ ҳангоме ки воситаҳои мусаллаҳонаи мубориза мавриди истифода қарор мегиранд, ба худ маънои дигарро касб мекунад. [11, С.13].

Ба ақидаи М. Хидирзода гурӯҳҳои ифротӣ бошад, ин иттиҳоди шахсонест, ки дар доираи ягонагии эътиқодӣ, мафкуравӣ ва сиёсӣ муттаҳид гашта, мақсади амалӣ намудани фаъолияти экстремистиро доранд. Таҷрибаи имрӯза нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои экстремистию террористӣ асосан шохаҳои ташкилот ва ҳаракатҳои экстремистии байналмилалӣ буда, бо нишондод ва дастгирии молиявии бевоситаи онҳо фаъолият мекунанд. Дар баробари ин фаъолияти тарғиботӣ ва ҷалбкуниро низ ба анҷом расонида баҳри густариши ғояҳои ифротӣ дар ҷомеа саҳмгузор мебошанд [18, С.6].

Муҳиқиқи дигари тоҷик Д.М. Саидов ба таври умум, заминаҳои ба вуҷуд омадани гурӯҳҳои дини-ифротӣ, сарчашмаҳои ғоявии онҳо, усулҳои ҷалби омма, махсусан ҷавонон ба сафашон, роҳҳои таъмини амнияти маънавии ҷомеа ва воситаҳои пешгирӣ намудани ин таҳдидҳои харобиовар ба ҷомеаи муосир ба шакли консептуалӣ таҳлилу таҳқиқи намуда чунини андеша дорад, ки “Фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, пеш аз ҳама, алайҳи маънавиёт ва афкори сиёсии ҷомеа равона гардида, дар ин замина сабаби ақидаҳои ифротии худро ҳамчун идеали аслии ҳаёти башарӣ ва сарчашмаи бунёдии динӣ тавассути субъектҳои таблиғоти муаррифӣ менамоянд”[13, С.88].

Дар раванди таҳқиқи хусусиятҳои муҳимми ифротгарой ва таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни он саҳми муҳақиқи тоҷик Ҷ.Х. Ашурзода назаррас буда, диққати асосиро ба моҳияти ифротгароии динӣ-сиёсӣ ҷалб намуда чунин андеша дорад, ки “Дар шароити муосир ифротгароии динию сиёсӣ на танҳо ба амнияти миллии давлатҳои мутамаддин, балки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ низ ба таври ҷиддӣ таҳдид менамояд. Ифротгароии динию сиёсӣ махсусан ба

тамомияти ҳудудӣ, ба сохтори конститутсионии давлат, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири манфӣ мерасонад. Ифротгароие, ки ба барангехтани кинаю адоват ва хусумату бадбинӣ нигаронида шудааст, метавонад низоъҳои мазҳабӣ ва этникиро ба вуҷуд оварад, ки чунин ҳолат бевосита ба суботи сиёсии давлат таҳдид менамояд. Тӯли ду даҳсолаи охир ифротгароён бештар ба амалҳои террористии муташаккил ва дорои хусусияти динию мазҳабӣ рӯ овардаанд" [3, С.60-61].

Муҳаққиқи дигари тоҷик Ф.С. Ғайратова дар рисолаи илмии худ хусусияти ифротгароиро таҳлил намуда чунин андеша дорад, ки "ифротгарой - ҳамеша хислати манфӣ буда яке аз шаклҳои бегонашавӣ, пеш аз ҳама бегонашавӣ аз арзишҳои умумифарҳангӣ ва умумиинсонӣ мебошад. Ифротгарой - аз лиҳози иҷтимоӣ ғайриоддӣ мебошад, зеро дар он ду хислати муайянкунандаи моҳияти он ба назар мерасанд: а) зиёдаравӣ аз остонаи имконпазирӣ б) унсури бадӣ, ки дар мафкура ва амалҳои баъдӣ зоҳир мегардад" [4, С.32].

Ҳамин тариқ ифротгарой таҷассумгари воситаҳои таъсири мутақобилаест, ки дар он амалҳои яке аз ҷонибҳо аз ҳад берун, яъне аз талаботи қонун, анъанаҳо, ахлоқ, дин ва дигар меъёрҳо боло меистад. Аз нуқтаи назари низоъшиносӣ, ифротгарой ҳамчун истифодаи воситаҳои барангехтани робитаҳои манфии тарафайн, воситаи мубориза барои халалдор кардани сулҳу осоиш, барангезандаи низоъҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Имрӯзҳо дар шароити ҳассосу таҳаввулпазири ҷаҳони муосир таҳдуду хатароти дар ҳоли вуқуъ ва амалкунандаи таҳдидгар ба амнияту суботи сартосарии ҷомеаи башарӣ ба таври бесобиқа ва ба шаклу навъҳои мухталиф боло гирифта аст. Ҷаҳони муосир ба як қатор мушкилоту муаммоҳои ҷиддӣ аз қабили экстремизму терроризм, қочоқи маводи мухаддир, фуруши аслиҳа ва ғайра рӯ ба рӯ шуда, дар натиҷа дар аксари кишварҳои ҷаҳон на танҳо оромиву субот, балки тамомияти арзӣ ва ҳатто мавҷудияти онҳо зери суол қарор гирифта аст. Аз ин лиҳоз, моро мебояд, ки ба хотири дифоъ аз манофеъи сатҳи гуногуни хеш ва таъмини якпорчагиву ваҳдати кишварамон бо мавриди омӯзиш қарор додани тамоми он хатароти таҳдидгар ба суботи сиёсии мамалакатро мавриди омӯзиши амиқ қарор додаву манфиатҳои миллии Тоҷкистони азизро дар тамоми сатҳу соҳа ба пуррагӣ дифоъ намоем. Зеро агар мо аз манфиатҳои хеш дифоъ нанамоем, маҳв мешавем. Ба нуриҳои минералие табдил меёбем, ки абарқудратҳо аз мо решаи худро ғизо хоҳанд дод.

## АДАБИЁТ


1. Адигамова Г. З., Ситдиков И. М. Правовые и криминалистические аспекты расследования уголовного дела по факту вандализма с экстремистскими проявлениями // Пробелмы в Российском законодательстве. 2013. – № 2. – С.
2. Ашурзода Ҷ.Х. Экстремизми динӣ сиёсӣ: омили пайдоиш ва роҳу воситаҳои мубориза / Ҷ.Х. Ашурзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018.-№15. – С. 313.
3. Ашурҳода Ҷ.Х. Ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳими он дар раванди дигаргуншавии чомеа. Дисс..ном..илм..сиёсӣ. – Бохтар, 2022. – С. 60-61.
4. Ғайратова Ф.С. Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: Моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он. Дисс... ном... илм... сиёсӣ. – Душанбе, 2020. – С.32.
5. Журавский А. Экстремизми динӣ дар ихтилофи тафсирҳо. [Маводи электронӣ] .http://www.religare.ru/article7157.htm ( санаи истифодабарӣ, 20.05.2021)
6. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷилди -3. Душанбе. – 2015. – С.482.
7. Зокиров Г.Н. Идиалогияи сиёсӣ. – Душанбе, 2008. – С. 151.
8. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. – Душанбе, 2018. – С. 6
9. Макаров Н.Е. Политический экстремизм как радикальная модель политичиского процесса и организация государтвеного противодействия экстремизму //диск. кант. полит. наук. – Чита, 2016. – С.13-14

10. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Мавод барои истифода дар корҳои фаҳмондадиҳӣ дар масъали хатари гуруҳҳои ифротгароии динӣ. – Душанбе – 2015. – С.9.
11. Махмадизода Н.Д. Проявление религиозно- политического экстремизма в условиях развития таджикского общества и способы его предотвращения. Дисс. док. фил. наук. – Душанбе, 2020. – С.13.
12. Наматов Н. А. Религиозный экстремизм в Центральной Азии // База данных. – Central Asia & Central Caucasus Press AB, 2001.
13. Саидов Д.М. Таъсири рурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ: монография. – Душанбе: “Нӯшбод” 2022. – С.88.
14. Словарь иностранных слов. – М., 1955. – С. 802.
15. Словарь русского языка. – М., 1961. – Т. IV. – С. 754.
16. Советский энциклопедический словарь. – М., 1982. – С.1552.
17. Социологическая энциклопедия: в 2 т. – М., 2003. – Т. 2. – С. 799.
18. Молодѐжный экстремизм /под ред. А.А. Козлова. – СПб., 1996. – С. 11.
19. Томалинцев В.Н. Сущность экстремизма. Особенности его скрытых и явных форм // Феномен экстремизма /Под ред. А.А. Козлова. – СПб., 2000. – С. 11.
20. Хидирзода Махфират Ифротгароии динӣ: моҳият, ҷанбаҳои сохторӣ ва роҳҳои пешгирӣ// Маҷмӯаи мақолаҳоиконференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии”.Ифротгароии динӣ ва роҳҳоиамалии пешгирии он дар маҳалҳо”. – ш. Бохтар – 2018. – Саҳ. 6-14.
21. Хушвақтов А.Р, А. Раҳнамо. Хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгарои динӣ дар чист? – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С.16.
22. Хушвахтов А.Р. Ҷанбаҳои назарияви пайдоиш ва зуҳуроти экстремизм// А.Р Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №с. – С. 302.
23. Хушвахтов А.Р. Ҷанбаҳои назарияви пайдоиш ва зуҳуроти экстремизм// А.Р Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №с. – С. 304.
24. Falk R. Revolutionaries and Functionaries. The Dual Face of terrorism. – N.Y., 2005. – С.55.

## ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ И ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ ТЕРРОРИЗМА, ЭКСТРЕМИЗМА И РАДИКАЛИЗМА: РИСКИ И УГРОЗЫ

**Мирзобаева Аниса Шухратовна**
Доцент кафедры мировой экономики, ДГУБС
Тел.: 92-937-44-11, email: mirzobaeva_01@mail.ru

## PREVENTION AND CONTROL OF TERRORISM, EXTREMISM, AND RADICALISM: RISKS AND THREATS

**Mirzobaeva Anisa Shukhratovna**
Associate Professor of the Department of World Economy, DSUBS
Phone: 92-937-44-11, email: mirzobaeva_01@mail.ru

## ОГОҲӢ ВА ПЕШГИРИИ ТЕРРОРИЗМ , ЭКСТРИМИЗМ ВА ИФРОДГАРОӢ: ХАТАР ВА ТАҲДИДҲО

**Мирзобаева Аниса Шухратовна**
ассистенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, ДДҲБСТ
тел.:92-937-44-11, e-mail mirzobaeva_01@mail.ru

**Аннотация:** статья посвящена проблеме роста экстремизма, терроризма и других опасных явлений в современном мире. Подчёркивается, что экстремистские группы используют религиозные чувства для манипулирования молодёжью и дестабилизации политической ситуации. В тексте отмечается роль Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, в укреплении мира, единства и противодействии угрозам. Указывается, что глобальная политическая обстановка усложняется, а экстремизм и терроризм представляют серьёзную угрозу национальной и региональной безопасности. Автор подчёркивает необходимость сотрудничества семьи, образовательных учреждений, общества и СМИ для предотвращения радикализации. Каждый гражданин, особенно молодёжь, должен проявлять бдительность и активно участвовать в защите независимости, единства и стабильности страны.

**Ключевые слова:** экстремизм, терроризм, фундаментализм, экстремистские группы, молодежь, национальная безопасность, религиозные предрассудки, государственная политика, Лидер нации Эмомали Рахмон, мир и единство, политическая стабильность, угроза безопасности, экстремистские новости, защита независимости, патриотизм.

**Annotation:** The text addresses the issue of the growing threat of extremism, terrorism, and other dangerous phenomena in the modern world. It highlights how extremist groups manipulate religious sentiments to influence young people and destabilize the political situation. The role of the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, in maintaining peace, unity, and countering these threats is emphasized. The text notes that the global political situation is becoming increasingly complex, while extremism and terrorism pose serious risks to national and regional security. The author stresses the importance of cooperation among families, educational institutions, society, and the media in preventing radicalization. Every citizen, especially the youth, must remain vigilant and contribute to preserving the country’s independence, unity, and stability.

**Keywords:** extremism, terrorism, fundamentalism, extremist groups, youth, national security, religious prejudice, public policy, Leader of the nation Emomali Rahmon, peace and unity, political stability, security threat, extremist news, protection of independence, patriotism**.**

**Аннотатсия:** Матн ба масъалаи афзоиши экстремизм, терроризм ва дигар зуҳуроти хатарнок дар ҷаҳони муосир бахшида шудааст. Таъкид мегардад, ки гурӯҳҳои ифротӣ аз ҳиссиёти динӣ сӯиистифода намуда, ҷавононро ба доми худ мекашанд ва барои ноором кардани вазъи сиёсии кишвар талош мекунанд. Дар матн нақши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар барқарории сулҳ, ваҳдат ва муқовимат ба ин хатарҳо махсус зикр мешавад. Қайд мегардад, ки вазъи сиёсӣ дар ҷаҳон мураккаб гардида, терроризм ва экстремизм ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ таҳдид мекунанд. Барои пешгирии ин зуҳурот ҳамкории ҷомеа — аз оила то муассисаҳои давлатӣ ва ВАО — зарур шумурда мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳар як ҷавон ва шаҳрванд бояд ҳушёрӣ ва масъулияти гражданиро нигоҳ дошта, дар ҳифзи истиқлолият, ваҳдат ва суботи миллӣ саҳмгузор бошад.

**Калидвожаҳо:** экстримизм, терроризм, фундаментализм, гурӯҳҳои ифротӣ, ҷавонон, амнияти миллӣ, таассуби динӣ, сиёсатҳои давлатӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, сулҳу ваҳдат, суботи сиёсӣ, таҳдиди амниятӣ, ахбори ифротгарона, ҳифзи истиқлолият, ватандӯстӣ.

Дар чанд соли охир яке аз масъалаҳои ҷиддие, ки ҷомеаи муосирро ташвиш медиҳад, ин густариш ёфтани экстремизм, фундаментализм, терроризм ва дигар зуҳуроти хавфнок мебошад.

Гуруҳҳои ифротӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ бештар ба ҳиссиёти динӣ таъсир расонида, талош мекунанд афродро ба он бовар кунонанд, ки гӯё сиёсатҳои давлатӣ зидди арзишҳои динианд. Онҳо барои амалӣ кардани мақсадҳои нопоки худ Исломро ҳамчун воситаи фиреб истифода мебаранд. [45-53]

Дар аксари мавридҳо, ҷавонон аввалин қурбониёни террор ва экстремизм мегарданд. Аз ин рӯ, ҳар як ҷавон бояд ҳушёри сиёсиро аз даст надода, сабабу омилҳои пайдоиши

гурӯҳҳои радикалӣ ва террористиро амиқан омӯзад ва барои пешгирӣ аз чунин хатарҳо талош намояд, то сулҳ, ваҳдат ва амнияти кишвар устувор боқӣ монад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд, ки вазъи ҷаҳони муосир рӯз то рӯз мураккаб гардида, хатарҳои нав чун терроризм ва экстремизм афзоиш меёбанд. Инчунин бархӯрдҳои манфиатҳои қудратҳои ҷаҳон ва бӯҳронҳои иқтисодию молиявӣ боиси ташаннуҷи бештари вазъи сиёсии кураи замин шудаанд.

Дар замони ноороми солҳои гузашта—аз баргузории майдоннишиниҳо то гаравгонгирӣ, фишор ба вакилони мардумӣ, ҳамла ба кормандони давлатӣ ва ишғоли биноҳои ҳукуматӣ—ҷавонон ҳамчун қишри осебпазир бештар аз ҳама зери хатар монданд, ки ин барои миллат мусибати бузург буд. Танҳо сиёсати оқилона ва сулҳталабонаи Пешвои миллат, ки манфиати давлату миллатро болотар аз ҳама қарор доданд, имкон дод, ки кишвар дар муддати кӯтоҳ оромӣ ва Истиқлолияти давлатӣ дубора устувор гардад.

Аз таҳлили фазои иттилоотии ҷаҳонӣ бармеояд, ки дар даҳсолаҳои охир таблиғи ақидаҳои ифротӣ ва тундгароёна ба таври бесобиқа афзоиш ёфтааст. Мутаассифона, ин раванд барои амнияти кишвар ва минтақа таҳдиди ҷиддӣ мебошад. Баъзе ҷавонони тоҷик таҳти таъсири гурӯҳҳое қарор мегиранд, ки бо баҳонаи динӣ мехоҳанд вазъи сиёсиро ноором созанд. Онҳо динро барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода бурда, зидди арзишҳои миллӣ ва дунявӣ таблиғ мекунанд. [78-75]

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ низ таъкид намуданд, ки мубориза алайҳи терроризм, экстремизм, хурофот ва ифротгароӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ мебошад. Имрӯз дар ҷаҳони Ислом шумораи зиёди ҳаракатҳо ва ҳизбҳои ифротӣ фаъолият доранд, ки бо пуштибонии қудратҳои хориҷӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, роҳ ёфта, метавонанд субот ва амнияти ҷомеаро халалдор созанд. [7-15]

Аз ин рӯ, пешгирии экстремизм бояд ба ҳамкории оила, мактаб, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ВАО асос ёбад. Дар чунин шароит ҳар як шаҳрванди худшиносу ватандӯст, махсусан ҷавонон, бояд аз ақидаҳои гурӯҳҳои манфиатҷӯ, ки дини Исломро бо тундгароӣ баробар медонанд, дурӣ ҷӯянд. Зеро пайвастан ба чунин ҳаракатҳо на танҳо ҷони шахсро зери хатар мегузорад, балки метавонад боиси марги садҳо нафар гардад.

Ҳар як сокини кишвар бояд барои ҳифзи истиқлолият, якпорчагӣ ва амнияти давлат саҳм гузорад. Ояндаи миллат танҳо дар мавҷудияти давлати мустақили тоҷикон имконпазир аст. [22-27]

**Адабиёт:**


1. Ахмедов, Ф. (2020). Терроризм ва экстремизм: хатарҳо ва роҳҳои пешгирӣ. Душанбе: Ирфон.
2. Каримов, Ш. (2018). Ифродгароӣ ва ҷомеа: назария ва амал. Душанбе: Дониш.
3. Назаров, Р. (2019). Огоҳӣ ва пешгирии терроризм дар ҷомеаи муосир. Журнали ҳуқуқшиносӣ ва сиёсӣ, 12(3), 45-53.
4. Саидова, М. (2021). Раванди радикализм ва нақши огоҳӣ. Фан ва таълим, 5(2), 78-85.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (2016). Душанбе: Маҷлиси Олӣ.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм». (2014). Душанбе: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.


## УГРОЗА ТЕРРОРИЗМА МЕЖДУНАРОДНОМУ СООБШЕСТВУ


**Пулотова М.**

старший преподаватель кафедры маркетинга-агробизнес ТГУПУ

Тел.: 9281539396; email: pulatova.markhamat@mail.ru

**THE THREAT OF TERRORISM TO THE INTERNATIONAL COMMUNITY**

**Pulotova M.**
Senior Lecturer at the Department of Marketing and Agrobusiness, TSUPE
Phone: 9281539396; email: pulatova.markhamat@mail.ru

**ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМ БА ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ**

**Пӯлотова М.**
муаллими калони кафедраи маркетинг – агробизнеси ДДҲБСТ
Тел: 9281539396; email: pulatova.markhamat@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье речь идет о терроризме, который представляет собой региональную и международную угрозу. Терроризм не присущ какой-либо религии, секте или нации, то есть у террориста нет родины, нации, религии или секты. Нам, молодым людям, необходимо ценить свободу, мир и государственную независимость и способствовать прогрессу и процветанию нашей дорогой страны. Давайте защитим целостность нашей любимой Родины.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, политический экстремизм, государственная политика, экстремизм, нежелательные явления.

**Annotation:** This article deals with terrorism, which represents a regional and international threat. Terrorism is not inherent in any religion, sect or nation, that is, a terrorist does not have a homeland, nation, religion or sect. We, young people, need to value freedom, peace and state independence and contribute to the progress and prosperity of our dear country. Let's protect the integrity of our beloved Motherland.

**Key words:** terrorism, extremism, political extremism, public policy, extremism, undesirable phenomena.

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур оид ба терроризм, ки хатари минтақавию байналмиллалиро дорад, оварда шудааст. Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест, яъне террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Мо ҷавононро зарур аст, ки ба қадри озодӣ, тинҷию оромӣ ва Истиқлолияти давлатӣ расида, дар пешрафту шукуфоии кишвари азизамон саҳмгузор бошем. Бахри ҳифзи якпорчагии Ватани маҳбубамон бошад, синаи худро сипар намоем.

**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, экстремизми сиёсӣ, сиёсати давлат, ифротгароӣ, зуҳуроти номатлуб.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи бадастоварии Истиқлоли давлатӣ ва барқарорсозии Ваҳдати миллӣ мушкилиҳои зиёди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро паси сар намуд, ки хисороти зиёди пулию молӣ ва ҷониву зеҳниро ба бор оварданд. Аз ин рӯ кишвари мо барои таҳкими пояҳои истиқлоли давлатӣ, бақои Ваҳдати миллӣ ва таъмини ҳаматарафаи суботи комил барои пешгирӣ ва решакан намудани омилҳои манфии сиёсии ҷомеаи имрӯза, алалхусус терроризму экстремизм зарурат дорад.

Дар ҷаҳони муосири имрӯз равандҳо ва зуҳуроти номатлубе мавҷуданд, ки на балки ба як кишвар ва ё як минтақа, балки ба тамоми кишварҳои ҷаҳон дар маҷмӯъ ба кулли аҳолии сайёра таҳдид мекунанд. Дар қатори чунин зуҳуроти номатлуб, ки хатари минтақавию байналмилалиро рӯи кор оварда, дар ҳама минтақаҳои кишварҳои олам тамоюли паҳншавиро дорад, терроризм ва экстремизм мебошад, ки боиси таваҷҷуҳи тамоми созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва кишварҳои ҷаҳон гардидааст. Гарчанде, ки падидаҳои мазкури номатлуб мавҷуди ин аср нестанд, вале дар баробари асри навин симои навро ба худ гирифта, ҷавҳари

онҳо шакли муташаккилтару мураккаби зоҳиршавиро пайдо намудааст. Имрӯз ва минбаъд низ терроризм ва экстремизм ҳамчун равияҳои хавфноктарин таҳдидҳо барои мардуми сайёра ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ мемонад ва бо истифода аз технологияи инноватсионии муосир, ки босуръат рушд карда истодааст, тарзу усулҳои нави истифодабариро ба худ касб мекунад. Бояд зикр намоем, ки дар як даҳсолаи охир садҳо ҳазор нафар мардуми осоишта қурбони амалҳои террористӣ ва экстремистӣ гардида, ҳазорҳо нафари дигар маъюбу корношоям гаштанд. Ба ҳалокат дучор гаштани ҳазорон мардуми осоиштаи сайёра, махсусан қисми осебпазири ҷомеа занону кӯдакон аз ин хатари даҳшатовар гувоҳи он аст, ки ин амалу кирдори ваҳшиёна ба касеву чизе раҳм надорад ва ҳамчун василаи амалӣ сохтани ҳадафу мақсадҳои нопок аз ҷониби як гурӯҳи аз фарҳангу маърифат дур, бехирад ва ҷоҳилу нотавонбин истифода мегардад.[7]

Чуноне ки сарвари давлат, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пайваста иброз медоранд, “терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест, яъне террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад”, гувоҳӣ он аст, ки ин раванди номатлуб ба ягон дин ва аҳкоми он рабте надоранд.[1]

Аз ин рӯ дар тамоми кишварҳои ҷаҳони муосир марказҳо ва пажӯишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ ба омӯзиши ин падидаи номатлуби иҷтимоӣ равонаанд. Дар ин радиф раванди экстремизми сиёсӣ ва терроризми сиёсӣ пешсаф аст. Мафҳуми экстремизми сиёсӣ аслан аз ғояи фаъолияти канорае таркиб ёфтааст, ки одатан тавассути зӯроварӣ барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои сиёсӣ истифода мегардад. Бар замми ин экстремизми сиёсӣ бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун раванди иртиҷоӣ аён гашта, доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифтааст ва ба ҳодисаи мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз зарурати дарки амиқ ва фаҳми васею ҳамаҷонибаи он пеш меояд ва ин таҳқиқ ва баррасии экстремизм зинаи аввали инкишофи гурӯҳҳои канориро ташкил менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қурбонии терроризим дар ин ё он минтақаро асосан ҷавонон ташкил медиҳанд. Бинобар он, ҷавонони имрӯзаро зарур мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, сабабу омили шахсони ифротгарро ва гуруҳҳои терроризмро биёмӯзанд ва барои дафъи он кӯшиш ба харҷ диҳанд, то сулҳу ваҳдат ва амнияти кишвар ҳифз гардад.[2]

Бояд зикр намуд, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидааст, ки яке аз онҳо бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2016, таҳти №776 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шуд. Стратегияи мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, вазифаҳои мақомоти давлатиро ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас менамояд. Назорати иҷрои Стратегияи миллӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ вобаста ба иҷрои он ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳақиқат терроризм падидаи номатлуби ҷаҳони имрӯза буда, фаҳмиши он дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин, аз қабили қатлу куштори мардум, ба гаравгон гирифтани одамон, тарконидани иншоотҳои маишиву фароғатӣ ва фарҳангӣ ва монанди он дониста мешавад. Экстремизм бошад, дар худ хислатҳои ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ ва иғвоангезиро таҷассум намуда, бо терроризм алоқаи хело зич дорад ва бо ибораи дигар оқибати экстремизм ин терроризм аст. Вале ҷомеаи имрӯзаи моро ҳамин матлаб кифоя аст, то бидонем, ки ин ҳарду падида комилан хатари калони парокандагиву бесуботиро доро буда, оқибатҳои басо нангин ва нохушро доранд.[3]

Ояндаи Тоҷикистон дар дасти ҷавонон ном бурдани Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ифодагари он аст, ки он

кас ба қувваю иродаи ҷавонони кишвар боварии комил доранд ва талаби онро доранд, ки насли наврасу ҷавони кишвар ин рисолати таърихии худро сарбаландона иҷро намуда, аз паи омӯзишу тадқиқ мегарданд ва дар рушди босуботи кишвари азиз нақши худро хоҳанд гузошт.

Зеро қабули Қонуни Чумхурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ифодагари мақом ва таваҷҷӯхи хоссаи роҳбарият ба ин қишри ҷомеа аст.[4]

Пас аз қабул гардидани ин санади муҳим, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ёфт ва тарбия намудани инсони комил дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, садоқату орият, бофарҳангиву маданиятнокӣ оғоз гардад.

Яке аз мавзӯъҳое, ки боиси нигаронии ҷомеаи имрӯзаи кишвар гаштааст, ин коста шудани маърифату худогоҳии ҷавонон оид ба пос доштани таъриху фарҳанг, арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии миллӣ, ноогоҳӣ ва сатҳи пасти маърифати ҷавонон мебошад, ки ин боиси гаравидани онҳо ба ҳар гуна гурӯҳҳои иртиҷоӣ, зиёд гаштани маили ҷавонон ба арзишҳои кишварҳои бегона мегардад.[5]

Сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тарбияи ҷавонон ба он нигаронида шудааст, ки дар замири ҷавонон ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунари муосир, ҷиддияту меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми волоияти қонун ташаккул дода, барои бедор намудани ҳуввияти ватандӯстӣ кӯшиш ба харҷ дод.

Ҷавонон бояд дар оянда ҳамчун намояндагони сазовор ва шоистаи миллати хеш гардида, Ватани азизамонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд, рисолати таърихӣ ва эҳсоси масъулияти хешро дар баробари ниёгони бузурги гузаштаамон, амиқ дарк намоянд, ба хотири таҳкими давлату-давлатдорӣ, ҳифзи дастовардҳои даврони истиқлол, вахдати миллӣ, сулҳу субот ва рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии Ватани азизамон тамоми нерӯи аҳлониву ҷисмонии худро равона созанд.[6]

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.01.2015 шаҳри Душанбе.
2. Исламское государство Ирака и Леванта.https://ru.wikipedia.org/wiki/. http://www.ozodi.mobi/a/experts-said-is-allocated-70-mln-dollars-to-destabilize-situation-in-c.
3. Эксперт предупредил о планах ИГИЛ по дестабилизации в Кыргызстане. Газета «Вечерний Бишкек». http://www.vb.kg/doc/
4. Глава ФСБ выступил на саммите по терроризму в Вашингтоне. // Русская служба Би-би-си,5.02.2015
5. Iraq crisis: Isis ‘has recruited at least 1,500 Britons’ to fight abroad, warns Birmingham MP, The Independent (23 June 2014).
6. За боевиков «Исламского государства» в Сирии и Ираке воюют почти 650 радикалов из Германии. ТАСС. Проверено 6 марта 2015.
7. Таджикистан укрепляет безопасность границ из-за угрозы ИГИЛ. Автор: Надин Бахром, centralasiaonline.com.ttp://www.12news.uz/news/2015/02/
8. Зарангези Наврӯзшоҳ. Ду зани тоҷикро «Давлати Исломӣ» ба шавҳар додаст. http://www.ozodi.org/.
9. Пособие по профилактике религиозного экстремизма в молодежной среде. Учебное пособие. Сост. и ред. В.В. Митрофаненко, С.Ш. Шакирова, А.В. Шаповалов. Ставрополь 2014 год. 306с.

УДК 343.1

## ПРИМЕНЕНИЕ УГОЛОВНО ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ МЕР, АНАЛОГИЧНЫЕ СЛЕДСТВЕННЫМ И ОПЕРАТИВНО РОЗЫСКНЫМ МЕРОПРИЯТИЯМ В ХОДЕ РАССЛЕДОВАНИЯ УГОЛОВНОГО ДЕЛА

**Рахматулоев А.Э.**
доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора Государственного университета права, бизнеса и политики Таджикистана,
кандидат юридических наук
mail: Abdujabbor-2603@ mail.ru

**Исозода Н.**
соискатель Академии МВД Республики Таджикистан,
полковник милиции
e-mail: ziskan@mail.ru

## APPLICATION OF CRIMINAL PROCEDURAL MEASURES SIMILAR TO INVESTIGATIVE AND OPERATIONAL SEARCH MEASURES DURING THE INVESTIGATION

**Rakhmatuloev A.E.**
associate professor of the department of Judicial law and prosecutorial supervision of the tajik state University of law, business and politics of Tajikistan, candidate of legal sciences.
mail: Abdujabbor-2603@ mail.ru

**Isozoda N.**
Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Colonel of militia
e-mail: ziskan@mail.ru

## ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ШАБЕҲИ АМАЛҲОИ ТАФТИШОТӢ ВА ЧОРАБИНИҲОИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

**Раҳматулоев А.Э.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ
mail: Abdujabbor-2603@ mail.ru

**Исозода Н.**
Унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан
e-mail: ziskan@mail.ru

**Аннотация:** Статья посвящена теоретическому анализу уголовно- процессуальных мер аналогичные следственным и оперативно розыскным мероприятиям, применяемые органами следствия в ходе расследования уголовных дел. В результате анализа действующих норм, с учетом следственной практики и точки зрения других исследователей, авторы предлагают, что для обеспечения эффективности расследования уголовных дел целесообразно скоординировано проводить следственные и иные процессуальные действия, подобные оперативно-розыскные мероприятиям. Анализ правового регулирования, определение особенности и эффективность процессуальных мер, схожие следственным и оперативно-

розыскным мероприятиям и их значение при производстве по уголовному делу являются предметом исследования авторов.

**Ключевые слова:** уголовный процесс, следственные действия, процессуальные меры, оперативно-розыскная, сведения, доказательства, дознание, следователь, преступление, уголовное дело.

**Annotation**: The article is devoted to the theoretical analysis of criminal procedural measures similar to investigative and operational search measures applied by investigative bodies during the investigation of criminal cases. As a result of the analysis of current regulations, taking into account investigative practice and the point of view of other researchers, the authors propose that in order to ensure the effectiveness of the investigation of criminal cases, it is advisable to carry out investigative and other procedural actions, similar to operational-search activities, in a coordinated manner. The analysis of legal regulation, determination of the features and effectiveness of procedural measures similar to investigative and operational-search measures and their importance in criminal proceedings are the subject of the authors' research.

**Keywords:** criminal proceedings, investigative actions, procedural measures, operational-search, information, evidence, inquiry, investigator, crime, criminal case.

**Аннотатсия:** Мақола ба таҳлили назариявии чораҳои мурофиавии шабеҳи амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар рафти тафтиши ҷиноят татбиқ мешаванд, бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалияи тафтиши пешакӣ ва бо назардошти амалия ва нуқтаи назари муҳаққиқон, муаллифон пешниҳод мекунад, ки баҳри таъмини самаранокии сатҳу сифати пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар радифи амалҳои тафтишӣ татбиқи ҳамоҳанги чораҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шабоҳат доранд, мақсаднок аст. Таҳлили танзими ҳуқуқӣ, муайян кардани афзалиятнокӣ, хусусиятҳои мурофиавӣ ва аҳаммияти чорабиниҳои мурофиавии ба амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ шабоҳат дошта, дар раванди пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мавзуи таҳқиқоти муаллифонро ташкил додааст.

**Калидвожаҳо:** мурофиаи ҷиноятӣ, амалҳои тафтишотӣ, чораҳои мурофиавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, маълумот, далелҳо, таҳқиқ, муфаттиш, ҷиноят, парвандаи ҷиноятӣ.

Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ нисбати аҳаммияти назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии пешбурди амалҳои тафтишотӣ ва дар радифи онҳо андешида шудани чораҳои мурофиавӣ, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шабоҳат доранд, мутобиқ ба талаботи замони ҳозира дар пешбурди тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ андешаҳои гуногун баён шудаанд, лекин бартараф карда шудани норасоии ташкилӣ ва мушкилоти татбиқи онҳо, ки дар амалия ҷой дорад, айни ҳол ҳалли худро наёфтаанд.

Бо назардошти ин, дар адабиёт кӯшиш ба харҷ дода шуда истодааст, ки масъалаҳои марбут ба танзимоти меъёрӣ-ҳуқуқии амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои шабеҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таснифоти низоми онҳо, муҳиммияти онҳо дар иҷрои вазифаи саривақт ва пурра кушодани ҷиноят ва ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳалли асосноки худро ёбанд. Масъалаҳои такмил дода шудани қоидаҳои пешбурди амалҳои тафтишотӣ ва ҷамъоварии далелҳо [11, с.75-82], истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ [2, с.85-91], зарурат ва имкониятҳои пешбурди амалҳои ғайриошкорои тафтишотӣ, гирифтани иттилооти рақамӣ тавассути пешбурди азназаргузаронӣ ва кофтукови фосилавӣ [10, с.162-171] дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон ватанӣ ва хориҷӣ [6, с.151-157; 12, с.130-135; 3, с.53-66; 7, с. 41-50] қарор гирифтаанд, лекин ба низом, танзимоти ҳуқуқӣ, таъмини самаранокӣ ва натиҷаҳои чораҳои мурофиавие, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шабоҳат дошта дар радифи амалҳои тафтишотӣ гузаронида мешаванд, вобаста ба мушкилоти амалияи пешбурди тафтишоти ҷиноят баҳои муносиби ҳуқуқӣ дода нашудааст.

Имкониятҳои пешбурди чораҳои мурофиавии шабеҳи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар радифи амалҳои тафтишотӣ, масоили танзимоти ҳуқуқӣ, шабоҳати амалҳои амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, шабоҳати амалҳои тафтишотӣ ва чораҳои мурофиавии шабеҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, қаробат ва фарқияти онҳо, инчунин ҳамбастагӣ ва аҳаммияти самарабахши дар амалия татбиқ шудани чораҳои шабеҳ ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ташкил ва пешбурди амалҳои тафтишотӣ, инчунин дурнамои рушди онҳо аз қабили он ҷанбаҳое мебошанд, ки бо назардошти талаботи муосири амалияи тафтишоти пешакӣ таҳлилро талаб мекунанд.

Ба андешаи мо, бартараф карда шудани мушкилоти ташкилии мавҷуда дар раванди тафтиши ҷиноят, исботи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят бо пешбурди амалҳои тафтишотӣ, татбиқи чораҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки шабеҳи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошанд, аз ҷумла ҳамоҳангсозии татбиқшавии онҳо на танҳо аз сатҳи маҳорати касбӣ ва маърифти ҳуқуқии кормандони ваколатдор, балки аз татбиқи дурурсти онҳо, ҷорӣ намудани имкониятҳои технологияи муосир, мураттабсозӣ ва мукаммалсозии асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобаста аст.

Таҳлили ин масъалаҳо нишон медиҳад, ки қонун ба зиммаи мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокуратура уҳдадории таъқиби ҷиноятиро вогузор кардааст, ки тавассути иҷрои ҷамъи амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ имконпазир аст. Онҳо ҳангоми ошкор намудани ҳодисаи ҷиноят пешбурди парвандаи ҷиноятиро оғоз карда, барои муқаррар намудани ҳодисаи ҷиноят, шахси онро содиркарда тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро меандешанд (м.26 КМҶ ҶТ) [4]. Таҳлили ин муқаррароти қонун нишон медиҳад, ки барои исботи ҷой доштани аломатҳои таркиби ҷиноят, ҳолатҳои содир шудани он ва айби шахси ҷиноятсодиркарда бояд тамоми “чораҳои пешбининамудаи қонун” андешида шаванд. Истилоҳи “чораҳо” тамоми амалҳои мурофиавии ҷиноятиро, аз ҷумла пешбурди амалҳои тафтишотӣ, амалҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ ва чораҳои мурофиавии ҷиноятиро (чораҳои ҳимояи давлатӣ, чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, чораҳои таъмини даъвои граждантӣ ва иҷрои ҷазо, чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, чораҳои мурофиавии ҷустуҷӯӣ айбдоршаванда) дарбар гирифтааст. Агар ба муқаррароти м.м.41, 88-1 КМҶ ҶТ эътибор диҳем, дар матни он ғайр аз амалҳои тафтишотӣ пешбурди “амалҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ” ҳам пешбинӣ шудааст, ки аз руи мазмун тамоми амалҳои тафтишотӣ, амалҳои дигари мурофиавӣ ва чораҳои мурофиавии ҷиноятиро дарбар мегирад, ки дар натиҷаи иҷро шудани онҳо далелҳо (маълумоти воқеӣ) оид ба ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта ҷамъ оварда мешаванд. Лекин, қисми 2 м.72 КМҶ ҶТ натиҷаи на ҳама амалҳои мурофиавии ҷиноятиро, ба истиснои амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ба сифати сарчашмаи далел эътироф мекунад. Ин ҷо номутобиқатии меъёрӣ аён мешавад, чунки бо андешида шудани «тамоми чораҳои муайянкардаи қонун» маълумот воқеӣ дар бораи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ба мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дастрас мегардад, лекин муқаррароти дигари қонун дар сатҳи мурофиавӣ далел эътироф шудани тамоми маълумоти ҷамъовардашударо истисно мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, якчанд чораҳои мурофиавии ҷиноятиро номбар кардан мумкин аст, ки бо шакл, мазмун ва натиҷаҳо ба амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ монанд мебошанд. Масалан, татбиқи чораи маҷбурии дастгир кардани гумонбаршаванда (м.м.92,94 КМҶ ҶТ), гирифтани баёноти шахсони воқиф аз ҳодисаи рухдода, шахси зарардида, дастгиршуда ва шахсони дигар то қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ (м.м. 145,453 КМҶ ҶТ), талаб кардани маълумот ё мавод (аз ҷумла ҳуҷҷат, иттилооти рақамӣ, маводи аккосӣ ва навори кино, сабти аудиою видео (м.86 КМҶ ҶТ).

Бе сабаб нест, ки муаллифони ватанӣ [9, с.300; 1, с.226] дар адабиёт натиҷаҳои баъзе аз чораи мурофиавии ҷиноятиро ба натиҷаҳои амали тафтишотӣ баробар медонад. Чунин мавқеро ишғол кардани муаллифон асосҳои худро дорад:

- Зимни татбиқи чораҳои мурофиавии номбаршуда лаҳза ё ҳолатҳои алоҳидаи воқеаи рухдода, аз ҷумла мавҷудияти аломати ҷиноят дар кирдори шахс муайян мешавад, ки мавзӯи исботро (ҳолатҳое, ки оид ба ҳар як парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд (м.85 КМҶ ҶТ)) ташкил медиҳанд;

- Чораҳои номбаршуда хусусияти таъхирнопазир доранд, ки таъҷилӣ гузаронида мешавад, дар натиҷаи он маълумот дар бораи ҳолати содир шудани ҷиноят ё ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта гирифта мешавад, ки хусусияти амали таъхирнопазири тафтишотиро дорад. Дар натиҷаи саривақт андешидани чораҳои мурофиавии ҷиноятӣ аломатҳои кирдори ба ҷамъият хавфноки шахс бевосита ё бавосита муайян мегардад;

- Чораҳои мурофиавии ба амалҳои тафтишотӣ ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӣ шабоҳат дошта, бо тартиби муқарраркардаи КМҶ ҶТ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи таъқиби ҷиноятӣ иҷро мешавад, ки бевосита уҳдадории исбот кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро ба зимма доранд (м.м. 15, 21,26 КМҶ ҶТ). Аз ҷумла, тамоми амалҳои тафтишӣ ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ аз ҷониби мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешаванд. Дар сурати бо ташаббуси иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадани зарурати гузаронидани амали тафтишӣ, аз ҷумла татбиқи чораҳои мурофиавии ҷиноятӣ онҳо бо дархост ба мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ бояд муроҷиат намоянд.

Дар айни замон, мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ надорад дархости иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар хусуси анҷом додани амали тафтишӣ ва андешидани чораҳои мурофиавиро ҷиҳати саривақт ва пурра кушодани ҷиноят ва исботи ҳолатҳои содир шудани он рад намояд.

-Аз ҷониби дигар, тибқи қонун яке аз қоидаҳои умумии пешбурди амалҳои тафтиши пешакӣ қайду мустаҳкам шудани ҷараён, мазмун ва натиҷаҳои амалҳои тафтишӣ ба шумор меравад. Натиҷаи чораҳои андешидашудаи мурофиавӣ ҳам мутобиқан дар шакли мурофиавӣ қайду мустаҳкам ва ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад (м.м.72, 82, 94 КМҶ ҶТ).

Ҳарчанд чораҳои мурофиавии номбаршуда дар КМҶ ҶТ ҳамчун чораи маҷбурӣ, амалҳои дигари мурофиавӣ, амалҳои тотафтишотӣ пешбинӣ гардида бошад ҳам, мазмун, ҷараён ва натиҷаи онҳо аз амали тафтишӣ ягон фарқияти ҷиддӣ надорад ва далел эътироф гаштани натиҷаи онҳо (маълумоти ҷамъовардашуда) ба вазифа ва ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ мухолиф нестанд.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар амалияи тафтишотӣ саривақт (таъҷилӣ) андешидани чораҳои мурофиавии номбаршуда, минбаъд пешбурди амалҳои таъхирнопазири тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро фаъол менамояд. Дар мавридҳои муайян андешида шудани чораҳои мурофиавии ба амалҳои тафтишотӣ ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шабоҳат дошта, пеш аз ҳама ба пешгирӣ кардани имконияти пиҳон шудан ё монеагӣ кардан аз тафтишот, давом додани кирдори ба ҷамъият хавфноки гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ошкор карда шудани маълумоти воқеӣ хело мусоидат мекунад.

Масалан, дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят ғайр аз хусусияти «маҷбурӣ» (татбиқи он новобаста аз хоҳиш ва иродаи шахс) ва ҷамъоварӣ шудани маълумот (зинаи исбот), дорои хусусиятҳои дигари мурофиавӣ мебошад. Аз ҷумла, хусусияти фаврӣ ва ғайриошкоро дорад, чунки шахси дастгиршаванда пешакӣ дар бораи татбиқи ин чора огоҳонида намешавад. Хусусияти "пешгирии" дастгир кардан дар он зоҳир мешавад, ки имконияти фаросии оқибатҳои дигар (саркашӣ, пинҳон шудан, монегӣ ба тафтишот, нобуд кардани далелҳо ва ғ.) бартараф карда мешаванд. Хусусияти "муайянкунандаи" ин чора дар он аст, ки аз ҳамин лаҳза мақоми мурофиавии шахс ба сифати гумонбаршаванда, инчунин самти минбаъдаи амалҳои мурофиавӣ муайян карда мешаванд. Дар муқоиса, агар ба мазмуни амалҳои мурофиавӣ, хусусан амалҳои тафтишотӣ диққат диҳем, ҳама амалҳои тафтишӣ, ки КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад хусусияти маҷбурикунии муваққатиро доро мебошанд ва новобаста аз хоҳиш ва иродаи дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ гузаронида шуда, натиҷаи онҳо далел эътироф гашта, самти минбаъдаи тафтишот ва мақоми иштирокчиёни

мурофиаро муайян мекунанд. Пас бо кадом асосҳо далел эътироф шудани маълумоти ба ҳодисаи ҷиноят аҳаммиятноки дар натиҷаи дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят (аз ҷумла бо чораҳои дигари мурофиавӣ) ҷамъоварӣ шударо инкор намоем? Ба андешаи мо, таҳлили меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки ғайр аз чораи маҷбурии дастгир кардани гумонбаршаванда (м.м.92,94 КМҶ ҶТ), гирифтани баёноти шахсони воқиф аз ҳодисаи рухдода, шахси зарардида, дастгиршуда ва шахсони дигар то қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ (м.м. 145,453 КМҶ ҶТ), талаб кардани маълумот ё мавод (аз ҷумла ҳуҷҷат, иттилооти рақамӣ, маводи аккосӣ ва навори кино, сабти аудиою видео (м.86 КМҶ ҶТ) якчанд чораҳои дигари мурофиавиро номбар кардан мумкин аст, ки ба амалҳои тафтишотӣ шабоҳат дошта, натиҷаи онҳо қобилияти инъикоси ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро доранд. Бинобар ин, дар қисми 2 м.72 КМҶ ҶТ ба сифати сарчашмаи далелҳо дар қатори "протоколи амалҳои тафтишӣ ва судӣ; ҳуҷҷатҳои дигар" протоколи амалҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ нишон дода мақсаднок аст, ки мушкилоти дар амалия ҷойдоштаро бартараф намуда, имконияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятиро дар саривақт исбот кардани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва пешгирии оқибатҳои дигар васеъ мегардонад.

Дар шароити муосир, яке аз натиҷаҳои чораҳои мурофиавии шабеҳи амалҳои тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯии номбаршуда ошкор ва ҷамъоварии маълумот, аз ҷумла маълумоти рақамӣ мебошад, ки дар шакли протокол, гузориш, маълумотнома, хулосаи эксперт ё мутахассис ё ҳуҷҷатҳо, иттилооти рақамӣ тибқи м. 86 КМҶ ҶТ талаб карда мешаванд ё ба муфаттиш пешниҳод мешаванд (м.м.82,86 КМҶ ҶТ). Онҳо низ сарчашмаи маълумоте мебошанд, ки ба ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд.

Дар натиҷаи ба муфаттиш дастрас шудани маълумоти бо татбиқи чораҳои мурофиавии шабеҳи амалҳои тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷамъовардашуда:

А) маълумоти хаттӣ ё ба тарзи дигар сабт шуда, маводи аккосӣ ва навори кино, сабти аудиою видео, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ва манбаъҳои дигар пешниҳод ё дастрас шудаанд бояд аз ҷониби муфаттиш бо иштироки шахсони холис ва мутахассис азназар гузаронида шавад (м.м.82,182 КМҶ ҶТ). Тартиб дода шудани протоколи ин амали тафтишотӣ кофӣ аст, ки онҳо (маълумоти пешниҳод ва санҷидашуда) далел эътироф гашта ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шавад. Вақте фаро расидааст, ки азназаргузаронии на танҳо ҷойи ҳодиса, балки ҳама намуди азназаргузаронӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат дода шавад;

Б) агар маълумоти хаттӣ ё ба тарзи дигар сабт шуда, маводи аккосӣ ва навори кино, сабти аудиою видео, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ва манбаъҳои дигар аз иштирокчиёни мурофиа пешниҳод шуда бошад ё дар натиҷаи татбиқи чораҳои мурофиавии шабеҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гирифта шуда бошад, шахсони маълумот пешниҳод карда, бояд аввал пурсиш карда шаванд, баъд маълумот ё ҳуҷҷат азназар гузаронида дар протокол шакли мурофиавӣ гирад. Бо таҳияи протоколи пурсиш ва азназаргузаронӣ маълумоти дар рафти чораҳои мурофиавӣ ҷамъовардашуда далел эътироф мешаванд;

В) агар маълумоти хаттӣ ё ба тарзи дигар сабт шуда, маводи аккосӣ ва навори кино, сабти аудиою видео, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ва манбаъҳои дигар дар натиҷаи пешбурди чораҳои мурофиавии шабеҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гирифта шуда, нишонаҳои далелҳои шайъиро дошта бошанд, баъди азназаргузаронӣ, (мумкин аст пас аз таъини экспертиза) бо қарори махсуси муфаттиш онҳо далелҳои шайъӣ эътироф шуда, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд;

Г) агар маълумоти хаттӣ ё ба тарзи дигар сабт шуда, маводи аккосӣ ва навори кино, сабти аудиою видео, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ва манбаъҳои дигар аз иштирокчиёни мурофиа пешниҳод шуда ё дар рафти чораҳои мурофиавии шабеҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гирифта шуда, саҳеҳ (дақиқ, кофӣ) набошад, онҳоро муфаттиш метавонад дар рафти амалҳои тафтишотӣ ё барои пешбурди чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ самаранок истифода намояд.

Бинобар ин, такя ба андешаҳои олимони давлатҳои дигар [8, с.75-76; 5, с.23-25] пешбарӣ шудани намудҳои алоҳидаи азназаргузаронӣ ё кофтукови фосилавии иттилооти электронӣ, ки дар адабиёт муаллифони ватанӣ пешниҳод кардаанд [10, с.162-171] дастгирӣ намеёбад, чунки қонун тартиби азназаргузаронии ҳуҷҷат (аз ҷумла маълумоти рақамӣ, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ва манбаъҳои дигар гирифта мешаванд) пешбинӣ кардааст (м.м. 82,182-183, 195 КМҶ ҶТ). Аз ҷониби дигар, андешаҳои муаллифон ҳамчун тарзу услубҳои самараноки криминалистии ҷамъоварии маълумоти рақамӣ қобили қабул аст.

Ҳамин тариқ, бо тартиби муқарраркардаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар радифи амалҳои тафтишотӣ андешида шудани чораҳои мурофиавии ба амалҳои тафтишотӣ ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шабоҳат дошта ва дар натиҷаи пешбурди онҳо дастрас шудани маълумоти воқеӣ аҳаммияти онҳоро дар раванди исбот возеҳ инъикос ва дар амалияи тафтишотӣ истифодаи самараноки онҳоро ногузир ва мубрам мегардонад.

**Адабиёт**


1. Абдуллоева, М.К. Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят // Дисс. н.и.ҳ. – Душанбе. – 2023. – 226 с.
2. Алескеров, В.И., Колокольчикова О.Н., Зайченко Л.Н. Современные аспекты раскрытия и расследования преступлений, совершаемых с использованием возможностей IT-технологий // 15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо: Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, ш. Душанбе, 03 декабри с. 2024 / Зери таҳр. н.и.ҳ., генерал-майори милитсия П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С.85-91.
3. Зуев, С.В. От оперативно-розыскных мероприятий - к негласным следственным действиям: современное состояние и развитие // Оперативник (сыщик). – 2016. – № 3 (48). – С. 53-66.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12, мод. 815-816; Қонун ҶТ аз 25.03.11, таҳти №692; аз 02.08.17, таҳти №755; №1696, аз 04.07.2020, таҳти №1702. № 1696, аз 03.01.2024, № 1750.
5. Карташов, И.И. «Цифровые доказательства» в уголовном процессе / И.И. Карташов // Центр. научный вестник. – 2016. - № 156. – Т.1. – С. 23-25.
6. Кулобиев, Ё.А., Ҳакимов, Я.Б. Ҷанбаҳои назариявии амалҳои тафтишии ғайриошкоро: мафҳум ва моҳияти он / Ё.А. Кулобиев, Я.Б. Ҳакимов // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 4 (40). – С. 151-157.
7. Медиев, Р.А. К вопросу об определении «негласных следственных действий» по новому УПК Республики Казахстан // Сибирское уголовно-процессуальное и криминалистическое чтение. – 2015. – №1. – С.41-50.
8. Пропастин, С.В. О проведении осмотра и обыска дистанционно / С.В. Пропастин // Сборник материалов Барнаульских криминалистических чтений. – Барнаул: Барнаульский юридический институт СВД России, 2012. – С. 75-76.
9. Раҳматулоев, А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 300 с.
10. Салимов, Б.А. Особенности обнаружения и фиксации электронно-цифровых следов, содержащихся на ресурсах сети Интернет // Труды Академии МВД РТ. – 2022. – №4(56). – С.162-171.
11. Семенцов, В.А. Процессуальные способы и формы собирания доказательств по Уголовно-процессуальному кодексу Республики Таджикистан. // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – №1 (37). – С.75-82.

12. Хакимов, Я.Б., Акбарализода, Дж.А. Негласные следственные действия как одно из средств выявления коррупционных действий // Труды Академии МВД РТ. – 2021. – № 3 (51). – С.130-135.

## ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ – ОПАСНЫЕ ЯВЛИЕНИЯ ОБШЕСТВА

**Одинаев А.**
к.и.н., доцент кафедры политологии Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
Тел.: 92-706-60-37; email: alichon_odinaev@mail.ru

## TERRORISM AND EXTREMISM ARE DANGEROUS SOCIAL EVENTS

**Odinaev A.**
PhD, Associate Professor, Department of Political Science, Tajik State University of Law, Business, and Politics
Тел.: 92-706-60-37; email: alichon_odinaev@mail.ru

## ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ - ПАДИДАИ ХАТАРНОКИ ҶОМЕА

**Одинаев А.**
н.и.т., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: 92-706-60-37; email: alichon_odinaev@mail.ru

**Аннотация:** В статье освещается вопрос усиления религиозного терроризма в странах мира, его причины и смертоносные последствия. Акты религиозного терроризма негативно влияют на национальные ценности государств и приводят к дестабилизации политической ситуации в государствах и снижению уровня жизни людей. Все страны мира под руководством ООН должны последовательно бороться с опосными религиозными течениями.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, халифат, джихад, ваххабизм, салафизм, фундаментализм, теократия.

**Annotation:** This article examines the rise of religious terrorism worldwide, its causes, and deadly consequences. Acts of religious terrorism negatively impact national values and lead to political destabilization and a decline in living standards. All countries, under the leadership of the UN, must consistently combat dangerous religious movements.

**Keywords:** terrorism, extremism, caliphate, jihad, Wahhabism, Salafism, fundamentalism, theocracy.

**Аннотатсия:** ин мақола афзоиши терроризми динӣ дар саросари ҷаҳон, сабабҳо ва оқибатҳои марговари онро баррасӣ мекунад. Амалҳои терроризми динӣ ба арзишҳои миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд ва боиси ноoромии сиёсӣ ва паст шудани сатҳи зиндагӣ мегарданд. Ҳамаи кишварҳо таҳти роҳбарии СММ бояд пайваста бар алайҳи ҷунбишҳои хатарноки динӣ мубориза баранд.

**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, хилофат, ҷиҳод, ваҳҳобият, салафӣ, фундаментализм, теократия.

Солҳои охир зуҳуроти номатлуби терроризм ва экстремизм ба муаммои хатарнок табдил ёфта, ба амнияту суботи ҷомеа хатари ҷиддиро эҷод намуда истодаанд. Дар шароити муосир

терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср барои инсоният хатарҳои зиёде таҳдид намуда истодааст, ки хатари он аз силоҳи ядрои кам нест.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 қайд карда шудааст, ки: «Амалҳои даҳшатноки террористӣ, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯзҳо ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст» [1].

Рӯйдодҳои охири ҷаҳон, тезутунд гардидани вазъ дар Шарқи Наздик, Осиё, Аврупо, Африкои Шимолӣ ва дигар минтақаҳои дунё нишон медиҳанд, ки терроризм ва экстремизм ба хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир табдил ёфтааст.

Мувофиқи маълумоти департаменти ИМА, ҳамасола дар ҷаҳон аз 320 то 620 амалиёти террористӣ ба амал меояд [2,27].

Бояд қайд кард, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз солҳои 90- уми асри гузашта ҳизбу ҳаракатҳои «Таҳрир», «Салафия», «Ваҳҳобия» ва дигарҳо пайдо гардида, ба сохтори конститутсионии давлатҳо хатарҳои ҷиддӣ ба вуҷуд оварданд.

Терроризми динӣ аз навъҳои асосӣ ва хавфноктарини фаъолияти террористӣ ба шумор меравад. Асоси онро ғояҳои зиёди динӣ ташкил медиҳад, ки он бо усулҳои гуногун ба ҷомеа паҳн карда мешавад.

Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон терроризми динӣ дар натиҷаи омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба амал омада, дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ душвориҳои зиёдро барои ҷомеа ба вуҷуд овард.

Терроризми динӣ ҷонибдори ташкил намудани ҷанги муқаддас, ташкил намудани инқилоби исломӣ ва таъсис додани давлати теократӣ буда, баҳри он фаъолият менамояд.

Бояд қайд кард, ки барои вусъат гирифтани ҷараёни терроризми динӣ сарчашмаҳои иделогӣ поягузорӣ намуданд. Яке аз сарчашмаҳои идеологӣ ин таълимоти ваҳҳобизм мебошад, ки ин таълимот дар асри XVIII пайдо гардидааст ва асосгузори он Муҳаммад ибни Абдуваҳҳоб мебошад.

Таълимоти ваҳҳобия ҳамагуна навовариҳоро дар ислом рад менамояд ва барқарор кардани бунёдгароии исломиро тарғиб менамояд.

Яке аз сарчашмаҳои дигари идеологии экстремизми исломӣ ғояҳои «Ҳизб-ут-таҳрир» мебошад, ки аз тарафи Тақиюддини Набаҳонӣ таъсис дода шудааст [2,27]. Ғояи асосии он аз ташкили давлати исломӣ дар шакли «хилофат» иборат мебошад. Бояд афзуд, ки дар кори васеъ паҳн шудани терроризм ва экстремизм дар баробари дигар сабабҳо сиёсати дугонаи баъзе давлатҳои абарқудрат мусоидат намуд.

Аз саҳифаҳои таърих аён аст, ки дар натиҷаи чунин сиёсат дар Афғонистон ташкилоти Ал-Қойида бо роҳбарии Усама Бен Лодан ва дар Ироқу Сурия гурӯҳи ҷангиён бо роҳбарии Абӯбакри Бағдодӣ якчанд сол амалиёти зиёди террористӣ ташкил намуда, вазъиятро дар Шарқи Наздик хеле хавфнок гардонидаанд.

Тавре маълум аст, Абӯбакри Бағдодӣ, ки соли 2013 ба ном «Давлати Исломии Ироқ ва Шом»-ро ташкил дода, даъвои дар тамоми Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ таъсис кардани давлати исломиро дошт.

Дар натиҷаи амалиёти бомароми қӯшунҳои давлати Руссия дар Сурия гурӯҳи террористии Абӯбакри Бағдодӣ торумор карда шуд ва хатари барҳамхӯрии давлати Сурия бартараф карда шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо хавфнок будани сиёсати дугонаро нисбати терроризм дар суханрониҳои худ қайд намудаанд: «Истифодаи сиёсати дугона ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан

коҳиш дода, баръакс мухолифатҳои зиёдеро байни эътимодҳои ҳизбу сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳониро боз ҳам ноором месозад».

Оре, зуҳуроти номатлуби террористӣ -экстремистӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири калони манфӣ расонида, оқибатҳои ногувор дорад. Раванди сиёсии ҷаҳони муосир талаб менамояд, ки бар зидди онҳо бояд тамоми давлатҳои сайёра собитқадамона мубориза баранд.

Конститутсия, ки қонуни асосии давлат ба шумор меравад, ба таври равшану возеҳ қайд менамояд, ки таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки барои бо роҳи зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ менамояд, манъ аст. Зеро чунин амалҳо оромию суботи ҷомеаро халалдор намуда, хатарҳои зиёдро ба давлату миллат ташкил медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди ҳама гуна зуҳуроти хатарноку номатлуби ҷомеа, ки қонун ва тартиботро халалдор менамояд, дар доираи меъёрҳои конститутсия фаъолият намуда, дар ҷодаи таъмини амнияти шаҳрвандон ва давлат тадбирҳои судманд амалӣ менамояд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019.
2. Тоатов Ҳ. Терроризм ва экстремизм - падидаи номатлуб. - Хуҷанд, 2017. - С. 27.
3. Минбари халқ. 30майи соли 2018.
4. Ҳақиқати Суғд. 23 ноябри соли 2014.


## ЭКСТРЕМИЗМ И ТЕРРОРИЗМ – УГРОЗА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ


**Юнусова Ф. М.**
ассистент кафедры маркетинга-агробизнеса Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
Тел: 921007377; email: dildora.kodirova1999@mail.ru


## THE THREAT OF EXTREMISM AND TERRORISM TO NATIONAL SECURITY


**Yunusova F. M.**
Assistant Professor, Department of Marketing and Agribusiness, Tajik State University of Law, Business, and Politics
Tel: 921007377; email: dildora.kodirova1999@mail.ru


## ХАТАРИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ


**Юнусова Ф.М.**
ассистенти кафедраи маркетинг – агробизнеси ДДҲБСТ
Тел: 921007377; Почта: dildora.kodirova1999@mail.ru



**Аннотация:** В данной статье терроризм определяется как совершение действий, создающих угрозу гибели людей, использование его в физических целях, для устранения политических оппонентов, нарушения общественной безопасности, устрашения населения или влияния на принятие решений власти.



**Ключевые слова:** террор, насильственные и экстремистские движения, радикальные и террористические партии и движения, экстремизм.

**Annotation:** In this article, terrorism is defined as the commission of actions that create a threat of death, its use for physical purposes, to eliminate political opponents, violate public safety, intimidate the population or influence government decision-making.

**Key words:** terror, violent and extremist movements, radical and terrorist parties and movements, extremism.

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур оиди терроризм, ки ин содир намудани амалҳое мебошанд, ки ба одамон хатари марг ба миён меоварад истифодаи он мақсади ҷисмонӣ, бартараф кардани рақибони сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад, оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** террор, ҳаракатҳои тундгаро ва ифротӣ, ҳизбу ҳаракатҳои радикаливу террористӣ, ифроту тафрит

Террор яке аз воситаҳои асосию паҳнгаштатарини муборизаи замони инқилоб ва аксулинқилобҳо ба шумор меравад ва ҷомеаро дар давраҳои модернизатсияи сиёсии моҷарогарой ва муқовиматҳои иҷтимоӣ қавӣ менамояд. Дар ин замон муҳим нест, ки аввалин шуда кадом ҷониб ва ё кӣ даст ба истифодаи зӯрии канораю ғайриқонунӣ мезанад. Аҳамияти асосиро сатҳи муқовимати қувваҳои сиёсӣ ва маданияти сиёсии онҳо ташкил медиҳад. Чуноне ки таҷрибаи мамлакатҳои гуногуни олам нишон медиҳанд, дар ҳолати мазкур неруҳои террористӣ фақат кӯшиши нобуд намудани рақиби худро менамоянд. Терроризм дар инкишофи таърихии инсоният ҳодисаи нав набуда, ҳанӯз аз замонҳои қадим ба ин усул қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятӣ барои ҳокимият талош дошта, даст ба зӯрӣ, даҳшат овардан ва тарсонидани одамон мезаданд. Қувваҳои гуногун терворро ҳамчун воситаи мубориза бар зидди рақибони хеш медонистанд. Ҳатто дар андешаҳои муҳаққиқони аҳди қадим, аз ҷумла Ксенофон террор дар мисоли воситаи самараноку мусбати мубориза бар зидди рақибон дониста мешуд. Аммо дар аҳди қадим мафҳуми «террор» дар маънои расмиаш истифода намегардид.

Терроризм аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ чунин аст: «Ин содир намудани амалҳое мебошанд, ки ба одамон хатари марг ба миён меоварад, истифодаи он мақсади ҷисмонӣ, бартараф кардани рақибони сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад». Зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқир ва паст задани шаъну шарафи инсон, хусусан гурӯҳҳои дигари этникӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат мумкин аст, эътирозро ба вуҷуд оварад, ки он мумкин аст ба ифротгароӣ сабзида расад. Умуман таҳти мафҳуми «созмон ё ҳаракатҳои исломӣ» қувваҳои гуногунро фаҳмидан мумкин аст. Бархе аз чунин созмонҳо ва ҳаракатҳо хусусияти экстремистӣ дошта, фаъолияти онҳо дар аксарияти кишварҳои исломӣ мамнуъ мебошад. Гурӯҳи дигари чунин созмон ва ҳаракатҳоро ҳизбҳо ва созмонҳое ташкил медиҳанд, ки дар арсаи ҳаёти сиёсии кишварҳои исломӣ озодона ва бо иҷозати қонун амал намуда, барои бунёди давлат ва ҷомеаи исломӣ тибқи меъёрҳои шариат идора кардани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мубориза мебаранд. Аммо дар байни чунин ҳаракатҳо қувваҳои тундрав ва иртиҷоӣ низ вуҷуд доранд, ки онҳо вазъи ҳаёти сиёсиву ҷамъиятиро дар ҳар як кишвар халалдор намуда, барои расидан ба аҳдофи худ аз ҳеҷ гуна роҳу воситаҳо, ҳатто аз террор ва зӯроварӣ низ рӯ намегардонанд. Маҳз ҳамин гуна қувваҳои тундрав ва иртиҷоӣ мебошанд, ки барои ба даст овардани аҳдофи сиёсии худ раванди осоиштаи ташаккул ва такомули ниҳодҳои демократӣ дар кишварҳои исломиро халалдор сохта, кишварҳои исломиро ба вартаи бӯҳронҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ тела медиҳанд. [1]

Ба ин маънӣ дар тӯли чанд даҳсолаи охир диққати олимони диншинос ва сиёсатшинос ба ислом ва нақши он дар равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар кишварҳое, ки аксарияти аҳолии онҳоро мусулмонон ташкил медиҳанд, равона карда шудааст. Сабаби асосии чунин таваҷҷуҳ афзоиш ва шиддат ёфтани таъсири ислом ба сиёсати ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Хусусан дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-уми асри гузашта дар тамоми кишварҳои Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ раванди сиёсишавии ислом ва исломишавии сиёсат оғоз ёфт. Сабаби асосии таҳкими чунин мақом дар сиёсати ин кишварҳо дар он мебошад, ки ислом метавонад ва қодир аст ҳамчун як низоми том ва мукаммали динӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти фардӣ ва иҷтимоиро ба танзим дароварад ва идора намояд. Барои таҳкими нақши ислом дар сиёсати ин кишварҳо инчунин ақоиди анъанавӣ дар бораи ягонагии дин ва давлат, пайванди ҳаёти дунявӣ ва динӣ, ки дар шуури ҷамъиятии миллатҳои мусулмон хеле амиқ реша давонидааст, низ нақши хеле муҳимро мебозад. Ақидаҳои мазкур хусусан дар байни аъзои ҳаракатҳо, ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ, ки барои бо ормонҳо ва меъёрҳои исломӣ мутобиқ сохтани сиёсати давлатӣ ва ҳаёти ҷомеа мубориза мебаранд, хеле роиҷ буда, ҳаматарафа таблиғу ташвиқ карда мешаванд. Хусусан баъди суқути Иттиҳоди Шӯравӣ ҷуғрофиёи амалкарди созмонҳо ва ҳаракатҳои навбаромади диниву сиёсӣ вусъат ёфта, бархе аз онҳо дар кишварҳо ва минтақаҳои мусулмоннишини пасошӯравӣ роҳ ёфтанд. Омӯзиш ва таҳқиқи ҳама ҷонибаи масъалаи мазкур, яъне падидаи сиёсишавии ислом, таъриху идеологияи созмонҳо ва ҳаракатҳои диниву сиёсии исломӣ барои муҳаққиқони ҷомеашиноси тоҷик аз он сабаб зарур мебошад, ки тавассути он мо бо ин падидаҳои нави диниву сиёсӣ “аз наздик шинос шуда”, характери аҳдофи диниву сиёсии онҳоро дуруст баҳо дода метавонем. Ҳамчунин аз тариқи омӯзиши бонизоми ин масъала чигунагии таносуби байни ҳадаф ва идеологияи созмонҳо ва ҳаракатҳои нави диниву сиёсӣ аз як тараф ва арзишҳои динӣ, миллӣ ва сиёсии Тоҷикистон, аз тарафи дигар муайян карда мешавад. [2]

Президент Э. Раҳмон дар суханронии худ доимо қайд менамояд: «Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд». Махсусан ин нуктаро Асосгузори сулҳу Ваҳдат – Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ иброз доштанд, ки масъалаи «мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ» ва ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти идеологии муассисаҳои илмӣ ва сохтори марбутаи давлати дунявӣ дониста мешавад. Имрӯз дар ҷаҳони ислом як қатор ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар заминаи эътиқодоти динӣ амалкунанда арзи ҳастӣ доранд, ки аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ бо мақсади амалӣ сохтани манофеи геополитикиашон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони тозаистиқлол интиқол ёфта, имконияти дар оянда вайрон кардани мувозинати динию мазҳабӣ, вазъи сиёсию идеологӣ ва суботу амнияти ҷомеаро доранд.

Хулосаи матлаб ин ки ба мо ҳамагон лозим аст, кушиш ба харҷ диҳем, фарҳанги динию миллиамонро боло бардорем. Ба ҷомеа билхусус ҷавононамон фаҳмонда тавониста бошем, ки бо тақлидҳои кур-курона дунболи гурӯҳҳои ифротӣ нараванд. Вазъияти фазои динии ватанамон ба ба ҳамагон маълум, ки давлат ва мардуми шарифи Тоҷикистон ҳама мусулмон буда, ба муқаддасоти динӣ ва дастуроти шариати Ислом эҳтиром мегузоранд.

Бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон китобҳои фаровони динӣ ба забони тоҷикӣ ва хати кириллӣ тарҷума шуда, дар дастраси мардуми мусулмони кишвар қарор дода шуд. Аз ҷумла тарҷумаи Қуръони Карим ба теъдоди хеле зиёд таҳия шуда, ба таври ройгон пешкаши мардуми мусулмони Тоҷикистон карда шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минбари СММ оид ба покии дини муқаддаси Ислом суханронӣ намуда, нисбат додани тероризм ва экстремизм (ифротгароӣ) ба ин дини муқаддасро бо қотеият рад намудааст.

Имрӯз, дар раванди ҷаҳонишавӣ муқобила ба густариши ақидаву афкори гуногуни бегона бидуни мавҷудияти ақидаи устувор ва мантиқан пурзӯр дар кадом соҳае, ки набошад, ғайриимкон аст.

Бинобар ин, ягона роҳ барои хунсо намудани зуҳури ҳар гуна гурӯҳу ҳаракатҳои тундгаро ва ифротӣ, махсусан дар заминаи ақидаҳои динӣ, пеш аз ҳама, мусоидат ба боло бурдани сатҳи донишҳои дунявию илмӣ ва ҳамчунин донишҳои динӣ дар чаҳорчӯбаи мазҳаби суннатии

мо-ҳанафия мебошад. Ҷилавгирӣ кардан аз ифроту тафрит яке аз омилҳои муҳими ҳифзи ваҳдати миллӣ, суботи ҷомеа ва рушди давлати миллӣ мебошад. Дар шароити кунунӣ вазифаи ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар, миллатдӯсту мусулмон, алалхусус ҷавонон, ки ҳамчун неруи асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, аз он иборат аст, ки аз таълимоти гурӯҳҳои манфиатиие, ки дини мубини исломро бо терроризм айният медиҳанд ва тундгароиро омили ҳифзи ислом муаррифӣ мекунанд, худдорӣ намоянд, зеро дар натиҷаи гароиш ба ин гуна ҳизбу ҳаракатҳои радикаливу террористӣ ҳам ҷони худро аз даст медиҳанд ва ҳам сабаби аз байн бурдани ҷони ҳазорон нафарони дигар мегарданд. Бояд ҳар як шаҳрванд, ҳар як фарди ин ҷомеа барои ҳифзи истиқлолият ва якпорчагии кишвар талош варзад. Зеро ояндаи халқу миллати тоҷикро бе мавҷудияти давлати миллии тоҷикон тасаввур кардан ғайриимкон аст. [3]

Бо боварии комил аз минбари баланд гуфта метавонем, ки ҷавонони боғайрат, далер ва сулҳхоҳи тоҷик иродаи матин дошта, на танҳо барои вусъатёбӣ, балки роҳ ёфтани терроризм ва ифротгароӣ дар марзу буми Ватани азизи худ бо ҳар роҳу усул, яъне ҳам амалӣ ва ҳам маънавӣ мубориза хоҳанд бурд.

Зеро ақидаҳо, андешаҳо, пешниҳодҳое, ки тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо, барномаҳои телевизиниву радио, конфронсу мизҳои мудаввар, вохӯрӣ бо намояндагони мақомотҳо ва дар пайравии онҳо дарсҳои кушоди тарбиявии устодон бахшида ба мубориза алайҳи терроризм ва ифротгароӣ дар ин самт нақши муҳимро бозидааст.

**Адабиёт:**


1. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» 04.05.2018, шаҳри Душанбе.
2. Моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Матни расмӣ (бо тағйиру иловаҳо аз солҳои 1999 ва 2003) // Реестри ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – № 1. – С. 5-21.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 271.


## МЕЖДУНАРОДНЫЙ ТЕРРОРИЗМ И РЕЛИГИОЗНЫЙ ЭКСТРЕМИЗМ КАК УГРОЗА БЕЗОПАСНОСТИ ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКОГО РЕГИОНА


**Якубов Дж.К.**

заведующий кафедрой политологии Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат политических наук, доцент

Тел: 92 879 90 75; email: yakubov.1963@internet.ru


## INTERNATIONAL TERRORISM AND RELIGIOUS EXTREMISM AS A SECURITY THREAT IN THE CENTRAL ASIAN REGION


**Yakubov J.K.**

Head of the Political Science Department at the Tajik State University of Law, Business and Politics, PhD in Political Science, Associate Professor

phon: 92 879 90 75; email: yakubov.1963@internet.ru


## ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ


**Якубов Ҷ.К.**

мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
Тел: 92 879 90 75; email: yakubov.1963@internet.ru

**Аннотация:** рассматриваются основные источники угроз для Центрально-Азиатского региона, включая политический сепаратизм, религиозный экстремизм и международный терроризм. Отмечается, что международный терроризм и религиозный экстремизм в регионе выступают фактором дестабилизации общественно-политической и социально-экономической обстановки, провоцируют местничество и регионализм, что способствует эскалации конфликтных зон, росту числа военных конфликтов, усилению терроризма и интернационализации террористических организаций в регионе. Анализ регионалистской тенденции международного терроризма и религиозного экстремизма показывает, что его основной фокус в настоящее время сместился в Центральную Азию, а страны этого региона находятся на переднем крае борьбы с этим явлением с точки зрения своего геополитического положения.

**Ключевые слова:** политический сепаратизм, религиозный экстремизм, терроризм, регионализм, Центральная Азия

**Annotation:** This article examines the main sources of threats to the Central Asian region, including political separatism, religious extremism, and international terrorism. It is noted that international terrorism and religious extremism in the region act as a factor in destabilizing the socio-political and socio-economic situation, provoking regionalism, which contributes to the escalation of conflict zones, an increase in the number of military conflicts, the strengthening of terrorism, and the internationalization of terrorist organizations in the region. An analysis of the regionalist tendency in international terrorism and religious extremism shows that its primary focus has currently shifted to Central Asia, and the countries of this region are at the forefront of the fight against this phenomenon due to their geopolitical position.

**Keywords:** political separatism, religious extremism, terrorism, regionalism, Central Asia.

**Аннотатсия:** Масъалаи сарчашмаҳои асосии таҳдид ба минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, сепаратизми сиёсӣ, экстремизмдинӣ ва терроризми байналхалқӣ мавриди баррисӣ қарор мегиранд. Зикр мегардад, ки терроризми байналхалқӣ ва экстремизми динӣ дар минтақа ҳамчун омили ноoромкунандаи вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва омили барангезандаи маҳалгароиву минтақагароӣ баромад менамояд, ки ба боло рафтани нуқтаҳои даргир, афзудани теъдоди низоъҳои ҳарбӣ, пурзӯргардии террор ва байналмилалигардии ташкилотҳои террористӣ дар минтақа мусоидат мекунад. Таҳлили тамоюли минтақагароидоштаи терроризми байналхалқӣ ва экстремизми динӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки макони асосии он имрӯз ба Осиёи Марказӣ интиқол ёфтааст ва кишварҳои минтақаи мазкур аз нигоҳи мавқеи геополитикӣ дар пеши хати мубориза бо ин зуҳурот қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** сепeратизми сиёсӣ, экстремизми динӣ, терроризм, минтақагароӣ, Осиёи Марказӣ.

Равандҳои сиёсӣ нишон медиҳанд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ сарчашмаи асосии таҳдид, ки зарурияти интегратсияи Авроосиёи Марказиро тақозо менамояд, сепаратизми миллӣ, минтақагароӣ, экстремизм ва терроризми байналхалқӣ маҳсуб мeёбанд, ки сохтори конститутсионӣ ва ягонагии ҳудудии кишварҳоро зери хатар қарор медиҳанд [2, с. 69]. Амали ИМА ва ба ҷавобгарӣ кашида нашудани он барои вайрон кардани Низомномаи СММ ҳамчун намуна баромад карданд, ки ба боло рафтани нуқтаҳои даргир, афзудани теъдоди низоъҳои ҳарбӣ, пурзӯргардии террор ва байналмилалигардии ташкилотҳои террористӣ дар минтақа мусоидат кард.

Терроризми байналхалқӣ ва экстремизми динӣ дар минтақа ҳамчун факторӣи ноoромкунандаи вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва омили барангезандаи

маҳалгароиву минтақагароӣ баромад менамояд. Инчунин дар афкори қисми аҳолӣ ҷахонбиние дар бораи он, ки бо ёрии яроқ амалӣ сохтани ин ё он мақсад, дар мисоли Тоҷикистон, зуҳур кард, ки дар он ба мухолифин муяссар шуд, ки ҳуқуқи иштирок дар идораи кишварро соҳиб гарданд [2, с. 87].. Ин ҳолат лидерони ҳаракати исломии Узбекистон, Ҳизби назҳати исломии Тоҷикистонро ба амал алайҳи ҳокимияти расмии ин кишварҳо қувват бахшид, ки натиҷаи он ҷанги шахрвандӣ дар Тоҷикистон ва сар даровардани гурӯҳҳои ғайриқонунии ҷангӣ дар солҳои 1999 ва 2000-ум ба ҳудуди Қирғизистон ва Узбекистон гардид. Тоҷикистон ба минтақаи анъанавии паҳни ислом мансуб буда, дар минтақа кишвари ягонае мебошад, ки ҳизби динии исломӣ дар раванди сиёсӣ фаъолона иштирок мекард. Боиси таассуф ва зикр кардан бамаврид аст, ки раванди соҳибистиқлолгардии Тоҷикистон бо воқеаҳои фоҷиавӣ, ки бо иштироки ислом дар мубориза сиёсӣ алоқаманд буд, рӯ ба рӯ гардид.

Камбизоат гардидани аксари аҳолӣ яке аз сабабҳои асосии суръат гирифтани фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ шуд. Ҳаракати «Ҳизб-ут-таҳрир», ки барои эҳёи халифат баромад мекунад, ба тамоми Қирғизистон паҳн шуд ва Қазоқистонро фаро гирифт. Тибқи маълумотҳо зери қаноти ҳизби номбурда ташкилотҳои динии радикалӣ паноҳ мебаранд, ки дар худ мақсади бо роҳи рушд додани маҳалгароӣ ва зӯрӣ ба даст овардани ҳокимиятро пеша мекунанд. Кӯшиши ҳукуматҳо дар мубориза алайҳи паҳн шудани ғояҳои экстремистӣ бо роҳи манъкунӣ ва чораҳои зӯрӣ тарафдорони ин зуҳуротро танҳо афзун кард.

Таҳдиди характери ҷангидошта нисбати амнияти минтақа сепаратизми уйғур маҳсуб меёбад. Ба даст овардани истиқлолият аз ҷониби кишварҳои Осиёи Марказӣ ба пурзӯр шудани мубориза барои барқарор кардани давлати мустақили уйғурҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии автономии Синзяни Чин мусоидат кард. Нақшаи уйғурҳо ба Авроосиёи Марказӣ низ паҳн гашта, сепаратистон онро Туркистони Ғарб ном мебаранд, ки гӯё аз ҷониби империяи Руссия бахшида (аннекция) шуда бошад. Дар ҳудуди мазкур фаъолияти минтақагароии якчанд ташкилотҳои самти сепаратистӣ ва террористӣ доштаи уйғурҳо ба қайд гирифта шудааст. Ҳаводиси моҳи майи соли 2005-ро дар Андиҷон баҳо дода, мутахассисон он далелро сарфи назар карданд, ки дар вилояти Андиҷон 14 ҳазор уйғурҳо иқомат мекунанд, ки ба мисли армияи 400-ҳазорнафараи диаспораи уйғурҳои Авроосиёи Марказӣ ғояи сохтани Уйғуристони мустақилро тарафдорӣ менамоянд. Андиҷон, Қӯқанд ва як қатор маконҳои аҳолинишини Қирғизистон бо Синцзяни ҷанубӣ ба доираи ғарбии паҳни сепаратизми уйғурӣ шомил мебошад. Ифротиёни мазҳабӣ ва сепаратистони уйғурӣ барои амалӣ сохтани мақсадҳои хеш терророрро ҳамчун василаи мубориза васеъ истифода мебаранд.

Тибқи қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза алайҳи фаъолияти экстремистӣ» зери мафҳуми фаъолияти экстремистӣ фаъолиятии ғайриқонуние фаҳмида мешавад, ки он дар худ аз хидматрасонии иттилоотӣ сар карда то амали террористӣ, фаъолияти минтақагароӣ ва ғасби ҳукуматро фаро мегирад. Дар фаҳмиши мо экстремизм – ин рафтори тунди шахс, ки нишонаҳои он оштинопазирӣ ба меъёрҳои қобили қабули умум, майл ба ҳалли зӯрии муаммо, инкори консенсус ҳамчун василаи арзишнок дар амалия ва ниҳоят, инкори ҳуқуқи шахс ва арзишҳои ӯ мебошад.

Мутобиқан экстремизм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-сиёсӣ яке аз шаклҳои муборизаи сиёсӣ маҳсуб меёбад. Моҳияти экстремизмро инкори ниҳодҳо ва сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии мавҷуда, кӯшиши вайрон кардани оромӣ, нест кардани тартиботи мавҷуда бо мақсади ба даст овардани ҳокимият ташкил мекунад. Дар фаъолияти хеш экстремистон усулҳои мухталифро мавриди истифода қарор медиҳанд, аз ҷумла, усулҳо ғайризӯрӣ, ба мисли шиорҳо, даъватҳо, баромад дар матбуот, суханронӣ дар митингҳо, баромади оммавӣ ва корпартоӣ, ҳар гуна амалҳои зӯрии легитимӣ, рушд додани маҳалгароӣ ва фаъолияти минтақагароӣ аз ҷумлаи бетартибиҳои муташаккил, актҳои итоат накардани гражданӣ, актҳои терроритӣ ва ғ. мебошанд.

Маълум, ки дар шароити муосир ҳам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам барои амнияти миллии ҶТ, ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодии шаҳрвандон экстремизм дар шаклҳои гуногунаш таҳдиди воқеиро ифода менамояд. Махсусан, экстремизми дар паси пардаи шиорҳои динӣ-мазҳабӣ амалкунанда, ки ба сар задану афзун намудани низои байниэтникӣ ва байнимазҳабӣ, сепаратизми минтақавӣ оварда мерасонад, басо хавфнок аст. Аз миёнаҳои солҳои 60-уми асри гузашта теъдоди равияҳои фундаменталистӣ дар ҷаҳон се маротиба зиёд гаштааст. Зери мафҳуми экстремизм дар аксар маврид зуҳуроти гуногунро мефаҳманд. Аз шаклҳои гуногуни муборизаи синфӣ ва озодихоҳӣ бо истифодаи зӯрӣ сар карда то ҷиноятҳое, ки аз ҷониби элементҳои ҷинояткор, агентҳои зархарид ва провакаторҳо содир карда мешавад, фаро мегирад.

Ғояи экстремизмро ҳамчун маҷмӯи ғояҳои радикалӣ ва ҷаҳонбинии назариявии моҳиятан чапгарои қатъӣ, ростгарои қатъӣ, миллӣ-экстремистӣ, сепаратистӣ, динӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ-психологӣ тасавур кардан мумкин аст, ки бо асоснокгардонии назариявии истифодаи ғайриқонунии зӯрӣ дар шаклҳои гуногун баҳри ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ баромад менамояд. Дар Конвенсияи Шанхай (Шанхай, 15 июни соли 2001) оид ба мубориза алайҳи экстремизм, терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроте баҳо дода мешавад, ки барои бо роҳи зӯрӣ ғасб ва ё тасарруф кардани ҳокимият, инчунин бо зӯрӣ дигар кардани сохтори конститутсионии давлат, таҳдид ба амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ташкили гурӯҳҳои ғайриқонунии ҷангӣ ва ё иштирок дар он сафарбар карда мешавад.

Ифротгароӣ ҳамчун зуҳурот дар якчанд маънӣ ифода меёбад. Якум, ҳамчун фаъолияти иттиҳоди ҷамъиятӣ ва динӣ ва ё дигар ташкилот ё воситаҳои ахбори омма, ё шахси алоҳида дар нақшагирӣ, ташкил, омодасозӣ ва амалисозии ҳаракатҳои ғайриқонунии бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ, бедор кардани ҳисси бадбинии нажодӣ, миллӣ ва динӣ, пиёда сохтани бетартибии оммавӣ, амалҳои зишт ва актҳои вандализми идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё динӣ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Дуюм, ҳамчун ташвиқот ва намоиши оммавии рамзҳои маҳалгароӣ, миллатгароӣ ва минтақагароӣ.

Сеюм, ҳамчун даъвати оммавӣ ба амалисозии даъвои номбаршуда.

Чаҳорум, ҳамчун маблағгузории фаъолияти номбаршуда ва ё мусоидат кардан ба амали дигар.

Дар даҳсолаҳои охир экстремистон барои расидан ба мақсадҳои хеш бештар ба истифодаи актҳои террористии моҳияти динидошта машғуланд. Чунин далелҳои зиёд дар Кавкази Шимолӣ («ҷамоатҳои» исломии ваххобия), Тоҷикистон (ҲНИТ), Ӯзбекистон (ҲИУ), Югославия, Шарқи Наздик (ДИИШ) ба назар мерасиданд. Мақсади асосии экстремизми динӣ қобили қабул шуморидани авлавияти дини худ ва забун кардани мазҳабҳои дигар ва даровардани онҳо ба мазҳаби худ маҳсуб меёбад. Ифротгароёни қатъӣ мақсади сохтани давлати алоҳидаро доранд, ки меъёрҳои ҳуқуқии онро бо меъёрҳои динӣ иваз менамоянд . Экстремизми динӣ бештар бо фундаментализми динӣ мегаравад, ки моҳияти он дар кӯшиши эҳёи асосҳои бунёдии тамаддуни «худӣ» ва тоза кардани он аз гароишҳои бегона иборат мебошад. Мухтассоти вежаи як қатор муассаҳои динӣ-сиёсии ғайридавлатӣ дар ниҳоди худ ду мазмун, яъне усули кушода ва махфиро ҷой медиҳанд, ки барои фиреби сиёсӣ ва тағйир додани усули хеш ҳангоми вазъи баамаломада қулай мебошад. Қисми исломи сиёсигардидаи тундгарои қатъиро аксар олимони Ғарб ҳамчун исломгароӣ, ё худ исломи радикалӣ ва ё радикализми исломӣ, феномени иҷтимоӣ-сиёсии машғули минтақагароӣ арзёбӣ меноманд, ки он бо исломи анъанавии ҷаҳонӣ, ки дорои арзишҳои таҳаммулпазирӣ, инсондӯстӣ ва дастрас ба ҳама қавму нажод мебошад, ягон қаробате надорад. Радикализми ислом ҳамчун доктринаи идеологӣ ва дар ин замина амалияи сиёсии он дар фаъолияти муассисаҳои мухталифи исломӣ татбиқ мегардад, ки дар ҳамин чаҳорчӯба ҳаракатҳои радикаливу минтақагароии исломӣ ташаккул меёбанд. Мухтассоти характерноки радикализми исломӣ иборат аз рад кадани ҷомеаи дунявии шаҳрвандӣ ва кӯшиши ивази он ба исломи шариатӣ, рад кардани

ҷудогии дин аз сиёсат, зид гузоштани тамаддуни исломӣ ба ҷаҳони дигар, рад кардани ҳуқуқи байналхалқӣ мебошанд.

Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон бо баробари боло рафтани имконияти иқтисодии Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Қувайт дар кишварҳои мусулмонӣ ваҳҳобизм фаъол гардид, ки воқеан ба такягоҳи идеологии ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ табдил ёфт. Барои дастгирии ваҳҳобизм ва паҳну пахши ғояҳои ин таълимот миллиардҳо сум маблағ сарф мешавад, масчидҳо, марказҳои ВАО сохта мешаванд, отрядҳои махсуси ҷанговар, шабакаи агентурӣ ташкил гардиданд, ки амалан кулли ҷаҳони исломиро фаро мегирад ва мақсади он барқарор кардани хилофат дар кишврҳои мусулмонӣ ва баъд дар тамоми олам мебошад. Мазҳари идеологӣ ва рағбати сиёсии ваҳҳобизм дар заминаи пеш бурдани минтақагароӣ барқарор сохтани давлати теократӣ, муттаҳид сохтани мусулмонони Кавқози Шимолӣ дар пояи «исломи тоза», яъне ислом бидуни миллат, ки орӣ аз таъсири одат ва анъанаҳои миллӣ, боқимодаҳои бисёрхудоӣ аст, мебошад.

Омили динӣ ба ҳолат ва динамикаи муносибатҳои байналхалқӣ таъсири назаррас мерасонад. Идеология ва психологияи миллат ба таърихи дин иртиботи зич дорад. Дар шуури ҷамъиятӣ ва индивидуалӣ ин муносибат миёни этносҳо ва конфессияҳо дар аксар маврид ба наздикшавӣ ва ҳатто ба тавъамгардии миллату мазҳаб меорад.

Дин ҳамчун барангезандаи бузурги моҷарои байналмилалӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ, метавонад моҷароро тузутунд намояд, имкониятҳои созишро маҳдуд созад, онро ба задухурди дарозмуддати чанд авлоди минбаъда мубаддал гардонад. Босо андӯҳгин аст, ки омили конфессионалӣ дар заминаи шуури этникиву динӣ аз ҷониби ифротгароён дар Кавқози Шимолӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон фаъолона мавриди истифода қарор мегирад. Бо мақсади қонунигардонӣ ва ҷоннок кардани амалияи худ онҳо аз номи Оллоҳ таоло баромад карда, барои сохтани «ҷомеаи исломӣ» даъват мекунанд. Аммо ин моҷароангез будани динро, махсусан динҳои анъанавиро исбот намекунад. Чи тавре, ки дар тадқиқотҳои илмӣ дар ҳақиқат таъкид менамоянд, дин, ки ба режиму ҳаракатҳои тоталитарӣ хидмат мекунад, он ҳамеша натиҷаи манфиатҳои худхоҳӣ ва ғаразноки гурӯҳи одамон, ки динро ба мақсадҳои худ истифода мебаранд, маҳсуб меёбад.

Қайд кардан ба маврид, ки анъанаи куҳани истифодаи дин ва муассисаҳои динӣ бо мақсади минтақагароӣ аз ҷониби хадамоти махсуси хориҷӣ барои гузаронидани амалиётҳои тахрибкории мухталифро ба назари эътибор гирифтан лозим аст. Аз ҷониби онҳо ҳатто ташкилотҳои ба ном террористии худсохт ва гурӯҳҳои гӯё исломӣ сохта шуда, барои жарфтар сохтани рақобат миёни ҳаракатҳои ба онҳо нодаркор, анҷом додани аксияҳо дар нест кардани сиёсатмадорон, тахрибкорӣ, ки солҳои 90-ум дар Югославия ва Осиёи Марказӣ ба назар мерасид, истифода мебаранд. Маҳсули амалиёти онҳо дар ҳудуди кишварҳои ғарб низ ба назар мерасад.

Экстремизми этнокофессионалӣ ба таври зич бо сепаратизму минтақагароӣ алоқаманд буда, мақсади он ҷудо ва суст кардани як қисми давлат ва сохтани давлати нав мебошад. Аз рӯи қоида сепаратизмро ташвиқоти фаъоли идеологӣ пайравӣ мекунад. Дараҷаи тундӣ ва шаклҳои ифодаи сепаратизм дар кишварҳои гуногун ягона нестанд. Асосан сепаратистон ва минтақагароён се шакли ба мақсад расиданро истифода мебаранд: ҳаракати сиёсӣ, ки умуман усулҳои қонуниро истифода мекунанд. Дуюм, ҳаракатҳои радикалии катъӣ дар шакли муборизаи партизании мусаллоҳона, ё худ истифодаи усулҳои террор ҳамчун воситаи ҳалли мақсади асосӣ. Сеюм, шакли омехта, ки дар худ ҳам усулҳои ошкоро ва ҳам пинҳонии мубориза алайҳи ҳокимияти марказиро ифода мекунад.

Масъалаи мубориза бо сепаратизм ва минтақгароӣ дер боз дар Хитой (ҶАСУ, Тиббет) дар мадди назар аст. Проблемаи мазкур солҳои 90-ум дар пешорӯи Федератсияи Руссия ба вуҷуд омад. Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ методҳои террористии муборизаро сепаратистони чечен ба худ касб карданд, ки бо мадади экстремистони исломӣ кӯшиши ҷудо кардани Кавқози Шимолӣ аз ФР ва сохтани ба ном «тасмаи исломиро» карданд. Ба сифати

заминаи идеологӣ онҳо дар фаъолияти хеш омили диниро интихоб карданд, ки он аз паҳн кардани ғояҳои исломи радикалӣ дар ҳаёти ҷамъиятии халқҳои мусулмони минтақа иборат мебошад. Шӯриши мусаллаҳона шакли махсуси экстремизм мебошад. Вай метавонад ҳамчун шӯриш ва ё ҳамчун муқобилияти мусаллаҳона алайҳи ҳукумат фаҳмида шавад. Ҷинояти мазкур, ки ба асосҳои сохтори конститутсионӣ таҳдид мекунад, ҷинояти махсус маҳсуб меёбад. Ҷавобгарӣ ба ҷиноятҳои зерин, ба мисли даъват ба шӯриши мусаллаҳона, ташвиқот ва истифодаи усулҳои тахрибкорӣ, зӯроварӣ дар қонуннигории аксар кишварҳои дунё пешбинӣ шудааст. Масалан, дар кодекси Шведсия барои ҷиноят алайҳи давлат ҳабси якумрӣ муайян шудааст.

Асоси заминаи ҳуқуқии мубориза ба ҳар як шакли экстремизм дар кишвари мо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ташвиқ ва тарғибро, ки ҳисси бадбинӣ ва душмании иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё диниро бедор месозад, инчунин ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки мақсад ва амали онҳо ба роҳи зӯрӣ тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ ва зери хатар гузоштани амнияти давлат равона мегардад, манъ мекунад.

Дар конститутсияи Япония таъкид ёфтааст, ки ҳеҷ ягон муассисаи динӣ аз давлат ягон имтиёз бояд надошта бошад ва он соҳиби ҳокимияти сиёсӣ шуда наметавонад. Иштироки ҳеҷ кас ба маъракаҳои динӣ, иду маросим маҷбурӣ намебошад. Давлат ва мақомоти вай бояд аз таълими динӣ ва ягон фаъолияти динӣ худдорӣ намояд.

Муносибати сарсарӣ ба масъалаи ренессанси динӣ, махсусан дар минтақаҳои афзалияти ислом ба мақсад мувофиқ нест. Шарти муҳими муқобилияти пурмаҳсул алайҳи ҳар як навъ экстремизми динӣ ва ***миллатгаро*** коркарди барномаи комплексноки умумидавлатӣ маҳсуб меёбад, ки на танҳо самти ҳифзи ҳуқуқ, балки самти сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ ва ғайра, ки дар ҷомеа ба гирифтани пеши роҳи бедор кардани ҳисси радикализатсияи кайфияти динӣ ва миллӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, сабабҳои боло рафтани кайфияти экстремистӣ, ки ба тамоюли сепаратистӣ, маҳалгароиву минтақагароӣ ва амали террористӣ заминаи хуб тайёр мекунад, маълуманд, танҳо иродаи сиёсӣ баҳри амалисозии муносибати системавӣ дар коркарди аксуламал алайҳи терроризм ва экстремизми байналхалқӣ беш аз ҳарвақта зарур аст.

Таҳлили тамоюли минтақагароидоштаи ривоҷи терроризми байналхалқӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки манзили асосии он имрӯз ба Осиёи Марказӣ интиқол ёфтааст ва кишварҳои ҷанубии Иттиҳод аз нигоҳи мавқеи геополитикӣ дар пеши хати мубориза бо ин зуҳурот қарор гирифтаанд. Воқеоти Боткенти соли 1999, зада даромадани гурӯҳи мусаллаҳи ғайриқонунӣ ба Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар соли 2000, амалҳои террористии Ҳизби назҳати исломии Тоҷикистон дар сентябри соли 2015 самти фаолияти ШОС-ро дар соҳаи амният алайҳи мубориза бо терроризм, сепаратизм, минтақагароӣ ва экстремизм тағйир дод. Тезутундгардии таҳдиди терроризму экстремизм маҷбур месозад, ки системаи байналмилалии мубориза алайҳи ин ҳодисаи номатлуб ва ҷобаҷогузории неруҳои давлатҳои мухталиф ба мӯҳлати дароз дар сатҳи боло чораҳо андешад. Ба ин муносибат Конвенсия оид ба мубориза алайҳи терроризм, сепаратизм ва экстремизм (соли 2000) имзо шудааст. Мутобиқи Қарори Шӯрои сарони давлатҳои Иттиҳод аз 21 июни соли 2000-ум «Оид ба аксуламал алайҳи терроризм дар ҳошияи Саммити Истамбулии САҲА» ҳуҷҷатҳои барномавӣ оиди ташкили Маркази антитеррори давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ тасдиқи худро ёфтааст. Мунтазам як бор дар ду сол «Барномаи давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ дар мубориза алайҳи терроризми байналхалқӣ ва дигар зуҳуроти зӯровари экстремистӣ» коркард мешавад.

**Адабиёт:**


1. Регулярно раз в два года разрабатывается «Программа государств-участников СНГ по борьбе с международным терроризмом и иными насильственными проявлениями экстремизма»

2. Пластун В.Н. Интеграции в Центральной Азии и влияние внешних сил Материалы международной конференции. Худжанд, 26-28 июня 2007 года. Институт Центральной Азии и Кавказа. Издательский дом «Printhouse». Киргизия. – Бишкек. – 2007. – С. 69-87.
3. Суханов П. Великое государство Уйгурстан // Независимое военное обозрение. – М.; 2001. – 1 июня. – С. 2.
4. Рудельсон Дж. Уйгуры и будущее Центральной Азии// МЭИМО. – М., 1994. – № 8-9. – С. 103.
5. Харун Яхья. Ислам проклинает террор. – Астана, 2002. – 107с.
6. Сумбатян Ю.Г. Беспредел терроризма. // Миграция и гражданство. – 2003. – № 1. – С. 17.
7. Устинов В.В. Обвиняется терроризм. – М., 2001. – 416с.
8. Ольшанский Д.В. Психология терроризма. – СПб, 2002. – 215с.
9. Степашин С.В. Безопасность человека и общества (политико-правовые вопросы). – СПб., 1994. – С.
10. Давыдов В.Н., Су Минь. Военно-политические черты международного терроризма // Вестник Российского университета дружбы народов. – Серия: Политология. – 2006. – № 1 (6). – С. 21-36.
11. Рева С.И. (Руководитель Центральноазиатского отделения АТЦ СНГ). Антитеррористический центр СНГ в международной системе безопасности. Институт Центральной Азии и Кавказа. Издательский дом «Printhouse». Киргизия. – Бишкек. – 2007. – С. 100.
12. Аналитическая брошюра по проблемам распространения экстремизма в Согдийской области, Республики Таджикистон. – Худжанд, 2007. –14 с.
13. Зокиров Г. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе. 2010. – 520 с.
14. Муҳаббатов А. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2013. –392 с.
15. Якубов Ҷ. К. Ҳокимияти чаҳорум. – Хуҷанд: Ношир, 2017. –180 с.

# Секция 3.
# АНТИКОРРУПЦИОННАЯ ПОЛИТИКА: НОВЫЕ ПОДХОДЫ Т ЭФФЕКТИВНАЯ ПРАКТИКА

# ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПОЛУЧЕНИЯ ВОЗНАГРАЖДЕНИЯ ПУТЕМ ВЫМОГАТЕЛЬСТВА

**Мухиддинов Азизуло Давлатович**
преподаватель кафедры права и государственного управления факультета политологии и государственного управления Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава
Тел: 889-08-08-88; E-mail: muhiddinov_tj@mail.ru

# THE CONCEPT AND ESSENCE OF THE CRIME OF OBTAINING REMUNERATION BY EXTORTION AS AN EXAMPLE OF COUNTERING CORRUPTION

**Mukhitdinov Azizulo Davlatovich**
Lecturer, Department of Law and Public Administration, Faculty of Political Science and Public Administration, Nosiri Khusrav Bokhtar State University
Tel: 889-08-08-88; Email: muhiddinov_tj@mail.ru

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҶИНОЯТИ ГИРИФТАНИ МУКОФОТ БО РОҲИ ТАМАЪҶӮӢ

**Муҳиддинов Азизулло Давлатович**
омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ, факултети сиёсат ва идораи давлатӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел: 889-08-08-88; E-mail: muhiddinov_tj@mail.ru

**Аннотация**: В данной статье с использованием научно-правовой литературы представляеться инфомация о понятии корупция и автор желает. Чтобы гражданское общество Республики Таджикистан имело больше сведений о ней. На равне с этим, совершении коррупционых действий и переступлений, имеющих коррупционный характер, наблюдаеться нарушение прав и свобод человека.

Природа и проявление коррупции является частью человеческих отношений, т.е. зависит от поведения человека и оказывает отрицательное влияние на общество, в том числе на права и свободы человека и гражданина.

**Ключевые слова:** право человека, коррупция, преступление, закон, вымогательство, борьба с коррупцией, орган; общество, уголовное наказание.

**Annotation:** In this article, using scientific and legal literature, information is presented on the concept of corruption and the author wishes. So that the civil society of the Republic of Tajikistan has more information about it. On a par with this, the commission of corrupt acts and crimes of a corrupt nature, there is a violation of human rights and freedoms. The nature and manifestation of corruption is part of human relations, i.e. depends on human behavior and has a negative impact on society, including the rights and freedoms of man and citizen.

**Keywords:** human rights, corruption, the crime, law, avidity, the fight agains corruption, organ, gift, law enforcement agencies, criminal penalty.

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур дар бораи мафҳуми коррупсия бо истифода аз адабиётҳои илмиву ҳуқуқӣ оварда шудаанд, ки бо ин восита муаллиф мехоҳад ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи он маълумоти бештаре дошта бошанд. Ва дар баробари ин бо содир гардидани амалҳои коррупсионӣ ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта вайроншавии ҳуқуқи инсон ва озодиҳои он поймол мешаванд, изҳори назар гардидааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи инсон, коррупсия, ҷиноят, қонун, тамаъҷӯӣ, муобориза бо коррупсия, мақомот, ҷомеа, ҷазои ҷиноятӣ.

Коррупсия ҳамчун падидаи номатлуб дар ҷаҳони муосир ва мутамаддин ба яке аз масъалаҳои ташвишовар ва глобалӣ табдил ёфтаст. Тамоми давлатҳои дунё бо ин ё он роҳ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки пеши роҳи ин зуҳурот ва падидаи номатлубу манфиро гиранд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин росто истисно нест.

Тоҷикистон зиёда аз 34 сол аст, ки дар фазои истиқлолияти сиёсӣ ва сулҳу суботи сартосарӣ арзи ҳастӣ намуда истодааст. Тараққиёту пешрафти мустақилона дар баробари афзалиятҳо, инчунин баъзе зуҳуроту омилҳои манфӣ низ дорад, ки яке аз онҳо ин содиршавии коррупсия дар намунаи мафҳум ва моҳияти ҷинояти гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ мебошад.

Мехостам сараввал каме оид ба мафҳум, моҳият ва муқовимат намудан ба коррупсия маълумот пешниҳод намоям. Зуҳуротҳои дар боло зикргардида имрӯзҳо ба яке аз муаммоҳо ва таҳдидҳои олами муосир табдил ёфтааст, ки амнияти бештари кишварҳо ва минтақаҳоро зери хатар мегузорад. Он кулли мамлакатҳои оламро фаро гирифтаст ва дар ҳар макону замон дар сатҳи мухталиф зоҳир мегардад. Онҳо монанди дигар зуҳуротҳои зиддиҷамъиятӣ, коҳишдиҳандаи қонуният, адолат ва боварии мардум ба давлат буда, аз ин лиҳоз боиси ташвишу нигарониҳои сиёсию ахлоқӣ дар ҷомеа мегардад. Мубориза бо коррупсия ва ба он монанд ҷиноятҳои коррупсионӣ кори дастаҷамъона ва умум буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварад ва садди роҳи коррупсия дар мамлакат гирифта шавад.

Имрӯзҳо коррупсия дар ҷамъияти тоҷикон бо вуҷуди муқовиматҳои шадид нишон додани давлату ҳукумати Тоҷикистон, амалан қариб, ки ҳамчун як ҷузъ ва ё қисми фарҳанги миллии тоҷикӣ гардидааст.

Метавон бо ақидаи Б.В.Волженкин розӣ шуд, ки қайд менамояд, ки солҳои охир амалан ягон ҳуҷҷатеро, ки хусусияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳолати сиёсидошта мебошад, ҳамчунин, ҳолати корҳо бо сатҳи ҷинояткориро дар Россияи муосир ёдовар нашудани мафҳуми коррупсия ғайриимкон аст[1]. Айнан ҳамин ҳолатро метавон дар Тоҷикистон низ қайд кард, ки баъди ба эътидол овардани баҳсҳои дохилии низомнок дар байни вазифаҳои асосии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ ва коррупсия ҷои назаррасро ишғол менамояд[2].

Вобаста ба ин ҳолат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳамасолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша қайд менамоянд. Аз ҷумла, дар Паём ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018 сол Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки "Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад. Бинобар ин, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб, Прокуратураи генералӣ ва дигар субъектҳои ваколатдори соҳа бояд ҳамкориро бо аҳолӣ беҳтар ба роҳ монда, ҷиҳати гузоштани садди устувор дар роҳи амалҳои коррупсионӣ тадбирҳои муассир андешанд".

Барои самаранок гардидани муқовимат ба коррупсия қабул ва амали намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие лозиманд, ки бояд чунин ҷиноятҳои коррупсиониро пурра ва ҳаматарафа маҳкум намуда, барои мусоидат намудан шароити мусоид фароҳам оварда тавонанд. Дар Кодекси рафтори шахсони мансабдори мақомотҳои тартиботи ҷамъиятиро таъминкунанда (соли 1978) қайд шудааст, ки мафҳуми коррупсияро қонунгузории ҳар як давлат алоҳида муқаррар мекунад. Мафҳуми коррупсия дар қонунгузории Ҷумҳурии

[1] Волженкин Б.В. Коррупция. Серия «Современные стандарты в уголовном праве и в уголовном процессе». – СПб., 1998. – С. 5

[2] Умаров Х.А. Противодействие коррупции в Республике Таджикистан: уголовно-правовые и криминологические аспекты (Текс): дис. ... канд. юрид. наук: – М., 2007. – С.15;

Тоҷикистон чунин оварда шудааст: “Коррупсия — кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ”. Оид ба ин масъала солҳои охир дар матбуоти даврии Ҷумҳурии Точикистон ва берун аз он бисёр фикру ақидаҳо пешкаш шудаанд. Аз нигоҳи луғавӣ истилоҳи «коррупсия» аз калимаи лотинии «corruptio» гирифта шуда, бо маъноҳои «харидан, вайронкунӣ ва ришвадиҳӣ» фаҳмида мешавад. Инчунин, дар яке аз ҳуҷҷатҳои Созмони Миллали Муттаҳид (минбаъд СММ) оид ба мубориза бо коррупсияи байналхалқӣ қайд шудааст, ки коррупсия ин сӯйистеъмол аз ҳокимияти давлатӣ бо мақсади ғаразнок ба манфиати шахсӣ аз тарафи шахси мансабдор аст.

СММ дар ин самт ба муваффақияти зиёд ноил гардида, ҳамаи давлатҳои ҷаҳони муосирро гирди ақидаи муқовимат ба коррупсия, чун монеаи рушд, муттаҳид гардонидааст. Барои пешгирӣ аз ҳама гуна ҷинояту ҷиноятКорӣ ва муборизаи беамон бо коррупсия соли 2003 Конвенсияи СММ зидди коррупсия қабул карда шуд. Бо назардошти аҳамиятнокии масъалаи мазкур соли 2003 бо ташаббуси Маҷмааи кулли СММ — 9 декабр ҳамчун рӯзи мубориза бо коррупсия дар тамоми ҷаҳон эълон гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуҷҷати мазкур 25 сентябри соли 2006 имзо гузошт ва он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16 апрели соли 2008 тасдиқ гардид. Аз ин рӯ, тибқи муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкур, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар буда, қонунҳои амалкунанда бояд мутобиқи талаботи он мувофиқ гардонида шаванд.

Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал бо мақсади андешидани чораҳои маҷмӯии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мубориза бар зидди коррупсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 тасдиқ гардид. Бори дуюм бошад, баъди ба анҷом расидани муҳлати амали ин санад боз “Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” аз 30.08.2013 сол, таҳти №1504 дар асоси фармони Президенти ҶТ қабул гардид, ки фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ошкор ва мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин кам намудани содиршавии чунин қонуншиканиҳо ва баратарафсозии оқибатҳои онро дар бар мегирад.

Масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҶТ дар асоси “Стартегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (минбаъд СМР-2030) низ солҳои охир тақвият ёфта истодаанд. Бояд қайд кард, ки СМР-2030 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ 01.12.2016 сол, таҳти №636 тасдиқ шудааст.

Масъалан, мувофиқи ин “Стратегия” машваратҳои миллӣ аз рӯи рӯзномаи Ҳадафҳои Рушди Устувор имкон доданд афзалиятҳои асосии рушди кишвар баъди соли 2015, ки ба татбиқи онҳо идеологияи иқтисодӣ, принсипҳои заминавӣ ва маҷмӯи тадбирҳои дар СМР-2030 инъикосёфта равона шудаанд, муайян карда шаванд. Ба чунин афзалиятҳо: (1) маориф; (2) тандурустӣ; (3) шуғл; (4) нобаробарӣ; (5) мубориза бар зидди коррупсия; (6) таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо; (7) идоракунии самаранок; (8) ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; (9) пешгирии низои эҳтимолӣ; (10) амнияти энергетикӣ, экология ва идоракунии равандҳои демографӣ шомиланд. СМР-2030 дар назар дорад, ки барои амалисозии чунин афзалиятҳо ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва масъулияти мақомоти идоракунии давлатӣ, бизнес ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд нақши муҳим дошта бошанд. Фаъолияти ниҳодҳои мазкур дар низоми миллии баҳодиҳӣ ваояндабинии

рушд, муайянсозии вазифаҳои кутоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат ва мутаносибан нақшаҳои татбиқи онҳо асос меёбад.

Бинобар ин, дар СМР-2030 масъалаҳои тақвияти рушди институтсионалӣ дар самти таъмини самаранок, шаффоф ва назорати идоракунӣ ва молиявии зиддикоррупсионӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳи идоракунии давлатӣ, дар маҷмӯъ бунёди модели идоракунии технократӣ ва меритократӣ (шоистасолорӣ) дар кишвар дар мадди аввал гузошта шудаанд. Барои тақвият додани нақши ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва масъулияти иҷтимоии бизнес дар раванди назорат ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ тадбирҳо оид ба коҳиш додани фишори маъмурӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ, кам кардани ҷузъи коррупсионӣ, аз ҷумла дар асоси рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ баррасӣ мегарданд.

Қайд кардан ба маврид аст, мувофиқи банди 7, сархати 8-и Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2013 сол, таҳти 492 тасдиқ шудааст, яке аз мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ин беҳтаршавии сифатии ҳолати воқеии ҷинояткориро ба даст овардан, аз ҷумла паст кардани сатҳ ва сохти хатари ҷамъиятии намудҳои алоҳидаи он: ҷинояткориҳои ретсидивӣ, муташаккилона, террористӣ, ғаразнок, коррупсионӣ, экстремизм, бо роҳи зӯровари содиршаванда ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон пешбинӣ шудааст.

Моҳияти коррупсия дар он ифода мегардад, ки вай тартиби муқарраршудаи фаъолияти дастгоҳи давлатиро вайрон месозад, ки дар натиҷа дигаргуншавии (деформатсияи) ҳокимият ба амал меояд, яъне:

- Коррупсия маблағҳои калонҳаҷмро аз тараққиёти иҷтимоӣ дур карда, буҳрони буҷаро афзун менамояд ва иҷроиши барномаҳои давлатиро мушкил месозад. Аз ин лиҳоз дар ҷамъият ченаки ҳама чиз пул мешавад, аҳамияти инсон бо андозаи дороии шахсии вай, новобаста аз шаклҳои ба даст овардани он баҳо дода мешавад, ин бошад боиси девалватсияи қоидаҳои ахлоқ, ҳуқуқҳои динӣ, афкори ҷамъиятӣ ва ғайра мегардад;
- Оқибатҳои манфии коррупсия: — қонун беқудрат ва беамал мегардад, дар шуури ҷамъиятӣ таассурот оид ба ҳимоянашаванда будани шаҳрванд ҳам дар назди ҳокимият ва ҳам дар назди ҷинояткорӣ ташаккул меёбад;
- Коррупсия — ба тақсимоти ноодилонаи сарватҳои ҷамъиятӣ ба манфиати гурӯҳҳои хурд аз ҳисоби табақаҳои таҳқиршудаи аҳолӣ, бошиддат шудани ҷудошавии иҷтимоӣ ва нобаробарии иқтисодии аҳолӣ, қашшоқ гаштани қисми зиёди аҳолӣ ва баланд гаштани шиддатнокии иҷтимоӣ дар давлат мусоидат мекунад;
- Ҳуқуқҳои баробар барои гирифтани маълумот, бахусус маълумоти олӣ бинобар паҳн шудани ҳодисаҳои ришвахӯрӣ, бартарияти шаклҳои пулакии таҳсил дар муассисаҳои олии таълимӣ, ки дар натиҷа гирифтани чунин маълумот барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ ғайриимкон гаштааст вайрон карда мешавад;
- Ба имконияти ҳуқуқӣ ҳамаи одамон ба адолати судӣ нигоҳ накарда, дар баъзе ҳолатҳо коррупсия ба баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди суд, баррасии беғаразона ва одилонаи парвандаҳо дар судҳо мамониат мекунад.

Яке аз намудҳои ҷиноятҳои коррупсионие, ки дар давоми солҳои охир бештар ба чашм мерасанд, аммо рӯйпӯш (латентӣ) мешаванд, ин ҷинояти дар моддаи 324-и Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинишуда, яъне гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ мебошад. Барои дақиқ ва дуруст муайян намудани мафҳум ва моҳияти ҷиноӣ-ҳуқуқии ягон меъёр чун қоида пеш аз ҳама зарур аст, ки моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳолатҳои қонунгузорӣ, инчунин тафсири дуруст ва пурраи он дар мувофиқат бо принсипҳо ва институтҳои муайяни ҳам соҳавӣ ва ҳам илмии ҳуқуқи- ҷиноятӣ ошкор карда шавад.

Дар ҳаёти рӯзмараи инсоният калимаҳои “мукофот”, “ҳадя”, “ҳавасманд кардан” бисёр паҳн гардида, бештар вақт мавриди истифода қарор мегирад. Бо вуҷуди ин, чунин калимаҳо на ҳама вақт ба маънои мантиқии худашон истифода бурда мешаванд. Дар бисёр ҳолатҳо ин

калимаҳоро ба маънои калимаҳои “туҳфа” ва “ҳадя додан” наздикидошта айният мекунанд. Дар истифодаи ин мафҳумҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳам ягон тартиби ҷиддӣ ба назар намерасад. Калимаҳои “ҳадя” ва “мукофот” мантиқан камубеш танҳо дар доираи бо ном назарияи “ҳуқуқи мукофотӣ”[1] истифода бурда мешавад, ки он таърихан чунин шуд, ки бо назарияи анъанавии ҳуқуқи ҷазодиҳӣ ҳамеша муқобилият мекард ва то ҳол муқобил мебошад. Маҳз дар доираи ҳамин назария (назарияи ҳуқуқи мукофотӣ) одатан ба туҳфаҳо ва ҳадя доданҳо намояндагони соҳаҳои гуногуни донишмандони илмӣ аллакай муддати зиёда аз се садсолаи охир мешавад, ки диққати ҷиддӣ зоҳир менамоянд.

Акнун вақти он расидааст, ки аз ҷониби муаллиф дар самти пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҷиҳати таъсири манфӣ расонидани он ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чораҳои махсус ва қатъӣ пешниҳод карда шаванд. Барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ пеш аз ҳама лозим аст, ки ҳам аз ҷониби мақоми қонунгузории кишвар ва ҳам аз ҷониби тамоми қишри аҳолӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон механизмҳои махсус барои пешгирӣ намудани онҳо бояд коркард карда шаванд. Пешгирӣ ва муборизаро бар зидди коррупсия дар доираи салоҳиятҳои худ ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, мақомоти хифзи ҳуқуқу назорат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои байналмилалӣ ба амал мебароранд.

Вазифаи ҳокимияти қонунгузор дар ин соҳа таҳияи қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва ташаккули заминаи ҳуқуқии мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

Ҳокимияти иҷроия дар навбати худ вазифадор аст, ки ислоҳотҳои зиддикоррупсионӣ гузаронад, қоидаҳо ва барномаҳои зиддикоррупсионӣ таҳия карда, амалӣ созад, фаъолияти муътадили мақомоти махсусгардондашудаpo бобати пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия таьмин кунад, ба ташаккули ҳокимияти иҷроия ва хадамоти шаҳрвандии ғайрикоррупсионӣ мусоидат кунад.

Вазифаи ҳокимияти судӣ нигаҳдории ҳокимиятҳои қонунбарору иҷроия аз сӯиистифода, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аз худсарӣ ва поймолкуниҳо, ҷазо додани коррупсионерҳо ва мубориза бар зидди коррупсия дар муҳити худ мебошад.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти махсуси зиддикоррупсионӣ вазифадоранд, ки далелҳои коррупсияро ошкору пешгирӣ ва тафтиш карда, сабабҳо ва шароитҳои ба амал омадани коррупсияро омӯзанд ва таҳлил кунанд, оид ба осон кардани равандҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои нави идоракунӣ, ки имконият медиҳанд, шароитҳо барои коррупсия камтар гарданд, пешниҳодҳо таҳия созанд, ба аҳли ҷомеа дар бораи ҳодисаҳои коррупсия ва вазъи корҳо дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия маълумотҳо манзур намоянд, ба маърифати зиддикоррупсионии шаҳрвандон кӯмак расонанд.

**Руйхати адабиёт:**


1. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе, 2016.
2. Стартегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст.
3. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 тасдиқ шудааст.
4. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия, аз 31.10.2003.
5. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ, аз 02.11.2013 сол, таҳти 492.
6. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21.05.1998, таҳти №574.


[1] Лысенко О.В. Уголовно-правовые аспекты незаконного вознаграждения: дис. ... канд. юрид. наук: – М., 2003.– С.16

7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2005с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016 сол [Манбаи электронӣ] www.president.tj.
9. Умаров Х.А. Противодействие коррупции в Республике Таджикистан: уголовно-правовые и криминологические аспекты (Текс): дис. ... на соискание ученой степени канд. юрид. наук:12.00.08/ М., 2007. -179 с.
10. Лысенко О.В. Уголовно-правовые аспекты незаконного вознаграждения: дис. ... на соискание ученой степени канд. юрид. наук:12.00.08/ М., 2003. -165 с.

## СБЕРЕЖЕНИЕ КАК СПОСОБ УСТРАНЕНИЯ КОРРУПЦИИ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

**Солиев Шарофиддин Холович**
кандидат политических наук, доцент кафедры политических наук Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
Тел: +992870888875, e-mail: sharof55@yahoo.com

## SAVING AS A WAY TO ELIMINATE CORRUPTION IN TAJIKISTAN

**Soliev Sharofiddin Kholovich**
PhD in Political Science, Associate Professor, Department of Political Science, Tajik State University of Law, Business, and Politics
Тел: +992870888875, e-mail: sharof55@yahoo.com

## АМОНАТДОРӢ ЧУН ЗАМИНАИ РАФЪИ КОРРУПСИЯ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

**Солиев Шарофиддин Холович**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
Тел: +992870888875, e-mail: sharof55@yahoo.com

**Аннотация:** Данная статья посвящена анализу проблемы коррупции как одного из серьезных явлений современного общества и рассмотрению путей борьбы с ней, особенно моральных аспектов вопроса. Автор подчеркивает, что коррупция в современных условиях стала реальной угрозой государственности и устойчивому национальному развитию, а в Республике Таджикистан – также поводом для беспокойства общества и руководства страны. Центральное место в статье занимает укрепление моральной ценности «доверия» как важного средства предотвращения коррупции. Автор определяет доверие не только как сохранность имущества, но и как добросовестное исполнение обязанностей, ответственность, защиту общественных интересов и надлежащее использование доверенных полномочий. В целом, статья подчеркивает необходимость усиления нравственного воспитания и формирования всестороннего мировоззрения доверия как эффективного фактора борьбы с коррупцией в обществе.

**Ключевые слова:** коррупция, закон, вымогательство, права, обязанность, борьба с коррупцией, тело, преступление, общество, уголовное наказание.

**Annotation:** This article analyzes the problem of corruption as a serious phenomenon in modern society and examines ways to combat it, particularly the moral aspects of the issue. The author emphasizes that corruption in modern conditions has become a real threat to statehood and

sustainable national development, and in the Republic of Tajikistan, it is also a cause for concern for society and the country' s leadership. The article focuses on strengthening the moral value of "trust" as an important means of preventing corruption. The author defines trust not only as the safety of property but also as the conscientious fulfillment of duties, responsibility, protection of public interests, and the proper use of entrusted powers. Overall, the article emphasizes the need to strengthen moral education and develop a comprehensive worldview of trust as an effective factor in combating corruption in society.
**Keywords:** corruption, law, extortion, rights, duty, fight against corruption, body, crime, society, criminal punishment.
**Аннотатсия:** Мақолаи мазкур ба таҳлили мушкилоти коррупсия ҳамчун яке аз падидаҳои иддии ҷомеаи муосир бахшида шуда, роҳҳои муқовимат бо он, махсусан ҷанбаҳои ахлоқии масъала, баррасӣ мегарданд. Муаллиф таъкид менамояд, ки коррупсия дар шароити имрӯза ба хатари воқеӣ барои давлатдорӣ ва руш и устувори миллӣ табдил ёфта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ боиси нигаронии ҷомеа ва роҳбарияти кишва гардидааст. Мавқеи марказии мақола ба таҳкими арзиши ахлоқии «амонатдорӣ» ҳамчун василаи муҳими пешгирии коррупсия бахшида шудааст. Муаллиф амонатдориро на танҳо нигоҳдории молу амвол, балки иҷрои содиқонаи вазифа, масъулиятшиносӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва истифодаи дурусти ваколатҳои боваринамуда маънидод мекунад. Дар маҷмӯъ, мақола ба зарурати таҳкими маърифати ахлоқӣ ва ташаккули тафаккури фар гири амонатдорӣ ҳамчун омили муассири муқовимат бо коррупсия дар ҷоме таъкид менамояд.
**Калидвожаҳо:** коррупсия, қонун, тамаъҷӯӣ, ҳуқуқ, вазифа, мубориза бо коррупсия, бадан, ҷиноят, ҷомеа, ҷазои ҷиноӣ.

Даҳсолаҳои охир мушкилоти коррупсия ба яке аз муаммоҳои ҳалталаби ҷомеаи башарӣ табдил ёфтааст. Хусусан эълон шудани 9-уми декабр ҳамчун рӯзи ҷаҳонии муқовимат бо коррупсия аз муҳиммият ва хосияти умумибашарӣ доштани ин мушкилот дарак медиҳад. Мутаассифона, кишвари мо низ даҳсолаҳои охир аз мавҷудияти ин зуҳурот ранҷ мебарад ва сатҳи он боиси нигаронии аҳли ҷомеа ва хусусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон гаштааст. Дар Паёмҳо ва суханрониҳои хеш Пешвои миллат ҳамеша нигаронии худро нисбат ба мушкилоти коррупсия баён намуданд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки дар муқовимат бо коррупсия масъулиятшиносона ва бо ҷиддият муносибат намуда, роҳҳои самарабахши пешгирӣ ва рафъи ин мушкилро дарёбем. Зарур аст механизмҳои муассири муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб андешида шаванд, то сатҳи ин мушкилот кам гардад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳолати кунунии мушкилоти коррупсия метавонад ба паҳлуҳои мухталифи давлатдории миллии мо хатарзо бошад.

Дар шароити имрӯза заминаҳои мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва равонии зуҳури коррупсия мавҷуданд. Мушкилоти коррупсия ба зуҳуроти гуногунпаҳлу табдил гардидааст ва аз ин рӯ пешгирӣ ва ҳалли он низ василаҳо ва роҳу шеваи мухталифро тақозо менамояд. Албатта пешгирӣ намудани ин зуҳурот бештар ба нафъи кор аст. Аксари таҳқиқгарони мушкилоти коррупсия пешгирӣ намудани зуҳури ин мушкилро амри бештар зарурӣ мешуморанд. Ба андешаи мо ҳар як амале, ки дар самти муқовимат бо мушкилоти коррупсия ба роҳ монда мешавад аз аҳаммият холӣ нест ва ҳатто иқдоми кӯчаке дар самти пешгирии ин зуҳурот метавонад натиҷаҳои самарабахше ба бор оварад.

Албатта, дар замони муосир омилҳои мусоидаткунанда ба зуҳури мушкилоти коррупсия зиёд ба назар мерасанд. Хусусан даҳсолаҳои охир таъсири иттилоотии васоити ахбори мухталиф, тарғиби тарзи ҳаёти дабдабанок, тағйироти назаррас дар бозори истеъмолӣ, иваз шудани тасаввуроти мардум аз хушбахтӣ зери таъсири шабакаҳои иттилоърасонӣ ва дигар омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ сабаби боло рафтани тамоюли равонӣ ба коррупсия шудаанд.

Дар шароити имрӯза барои муқовимат намудан бо коррупсия ба роҳ мондани маҷмуи фаъолиятҳои зиддикоррупсионӣ зарур аст. Дар ин самт ба эътибор гирифтани роҳкорҳои

сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва равониро муҳим мешуморем. Хусусан ба эътибор гирифтани ҷанбаҳои ахлоқии масъала муҳим мебошад. Роҳкорҳои ахлоқӣ метавонанд дар самти пешгирӣ аз коррупсия бештар муассир бошанд.

Муҳаққиқони мухталиф дар самти муқовимат ба коррупсия ба эътибор гирифтани омили ахлоқиро муҳим донистаанд. Муҳаққиқи мушкилоти коррупсия Свенссон Ҷ. коррупсияро паёмади мушкилоти дигари ҷомеа мешуморад. Мувофиқи ақидаи ӯ коррупсия табиат ва сифати институтҳои қонунгузорӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро инъикос менамояд. Бар замми ин коррупсия сифати ахлоқии мардум ва арзишҳои ҳукмрон дар ҷомеаро инъикос мекунад. [8, с.19-42] Аз чунин мавқеъгирии ӯ бармеояд, ки ба зуҳур ва рушди коррупсия дар як ҷомеа арзишҳои ахлоқии ҳукмрон дар он бетаъсир буда наметавонанд. Он ҷиҳати масъала муҳим мебошад, ки дар як ҷомеа то кадом андоза арзишҳои ахлоқӣ ба зуҳуроти коррупсия мусоидат ва ё мухолифат менамоянд.

Муҳаққиқи дигар Роден Ҷ. низ чунин меандешад, ки зуҳуроти коррупсия аз як мушкилоти иқтисодӣ ба як масъалаи ахлоқӣ табдил ёфтааст. [9, с. 15]

Дар самти муқовимати ахлоқӣ бо коррупсия низ андешаҳои ҷолибе ироа гардидаанд. Барои мисол муҳаққиқ Семпсон С. то як андозае тамоми кӯшишҳои зиддикоррупсиониро чун ташаббуси ахлоқӣ мешуморад ва фаъолиятҳои муқовимат бо коррупсияро ҳамчун «нерӯи ахлоқӣ» ва ҳамчун «қисми тамоюли умумии ахлоқи глобалӣ ва асосноксозии ахлоқии муносибатҳои инсонӣ» баҳогузорӣ мекунад. [7] Дар масъалаи муҳиммияти арзишҳои ахлоқӣ чун воситаи муқовимат ва мубориза бо коррупсия бархе созмонҳои байналхалқии фаъолиятбаранда дар самти ҳалли ин мушкилот низ таваҷҷуҳ намудаанд. Нашри дастури Маърифати бовиҷдонӣ (Education for Integrity) аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) аз ин ҳолат дарак медиҳад. [6]

Дар сиёсати амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба гуногунпаҳлу будани мушкилоти коррупсия ва ҷалби васеи аҳли ҷомеа дар муқовимат бо он таваҷҷуҳ карда шудааст. Ҳанӯз соли 2005 дар вохӯрии хеш бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр намуда буданд, ки «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем».[1] Дар навбати худ сарвари давлат муҳиммияти арзишҳои ахлоқиро дар муқовимат бо коррупсия низ ба таври махсус зикр намудааст. Барои мисол дар суханронии худ дар маҷлиси Шӯрои ҷамъиятӣ сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намудаанд, “истифодаи мақсадноки боигарии маънавии мардуми мо яке аз воситаҳои асосии мубориза бо коррупсия ба ҳисоб меравад, ки шаҳрвандон, бахусус, ҷавононро ба шукру қаноат ва ҳалолкориву меҳнатдӯстӣ ҳидоят менамояд”.[2]

Ба андешаи мо яке аз роҳҳои муқовимат бо коррупсия ин тарбияи насли ҷавон дар руҳияи таҳаммулнопазирӣ бо ҳамагуна зуҳуроти коррупсионӣ мебошад. Дар ин маврид тақвияти рӯҳияи амонатдориро миёни аҳли ҷомеа яке аз кафолатҳои асосии пешгирӣ аз амалҳои коррупсионӣ мешуморем. Аз ин рӯ, зарур аст ки тарбия ва тарғиби амонатдорӣ дар миёни аҳли ҷомеа ба роҳ монда шавад.

Дар ҳама давру замон, миёни пешгузаштагони мо амонатдорӣ чун арзиши муҳим дар муносибатҳои ҷамъиятӣ шинохта шудааст. Аммо дар шароити имрӯза чунин ба назар мерасад, ки мавқеи ин арзиш дар миёни мардуми мо коста гардидааст, ё фаҳмиши маҳдуд аз он шакл гирифтааст. Дар шароити имрӯза шаҳрвандони кишвар аксаран амонатдориро дар нигоҳ доштани чизе назди худ ва ё молиёти ба касе супоридашуда мефаҳманд. Дар мавриди амонатдорӣ танҳо бо нигоҳдории пулу моли касе ва ё шахси алоҳидае иктифо менамоянд. Аммо дар мавриди дигар амонатҳое, ки ба онҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа вогузор шудааст, ё кору фаъолияте, ки ба онҳо боварӣ карда шудааст, ин арзиши муҳимро фаромӯш месозанд. Мутаассифона ҳолатҳои муҳимми дигаре чун сазовор будан ба боварии дигарон, иҷрои

босифати масъулиятҳои дар назди худ дошта, ҳифз ва истифодаи самараноки моликияти давлативу ҷамъиятӣ, сарфаи мақсадноки молиёти давлативу ҷамъиятӣ чун амонатдорӣ дарк намуда намешавад, ки албатта ин боиси нигаронӣ аст.

Аз ин рӯ, зарур мешуморем дар миёни мардуми мо, хусусан қишри ҷавони аҳолӣ, ки дар оянда ба хизмати давлативу ҷамъиятӣ роҳ меёбанд, фаҳми фарогир ва васеъ аз амонатдорӣ тақвият бахшида шавад. Ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ муваззаф карда шаванд, ки дар тарбияти мардум дар рӯҳияи амонатдорӣ ҳиссаи хешро гузошта бошанд. Маҳз доштани тафаккури фарогири амонатдорӣ боис мегардад, ки масъулиятшиносии хизматчиёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ боло рафта, онҳоро аз гирифторӣ ба зуҳуротҳои номатлуби коррупсионӣ боздорад. Доштани тафаккури амонатдорӣ чунин шароитеро ба вуҷуд меоварад, ки як нафар дар амалҳои худ меъёри дуруст ва ё нодуруст будани рафтори худро вобаста ба он бисанҷад ва баъдан даст ба кор шавад.

Дар шароити имрӯза зарур аст, ки ҳар як аъзои ҷомеа дарк намоянд, ки дар назди ҷамъият барои иҷрои коре амонатдоранд ва онҳоро зарур аст боварии ба онҳо кардаро суиистифода насозанд. Онҳоро зарур аст, ки дар иҷрои вазифаи худ масъулиятшиносона муносибат намоянд. Дар ҷомеа ҳар нафаре дар иҷрои вазифаи ба ӯ вогузошта ва боваринамуда амонатдор аст ва ӯро зарур аст, ки аз боварии ба ӯ намуда суиистифода насозад.

Дар асл мафҳуми амонат ба мандати (ваколати) боваринамуда ба чизе аст. Он чунин маънӣ дошта метавонад, ки чизе ба ҷониби дигар бо боварӣ дода мешавад ва эътимод бар он карда мешавад, ки он чиз бехатар ва бо хубӣ нигоҳдорӣ мегардад. [5, с.159]

Амонатдориро дар фарҳанги миллии мо метавон ҳамчун як консепсияи муҳимми ахлоқӣ шуморид, ки фаҳми васеъ ва фарогирро доро мебошад. Дар фарҳанги электронии вожаҷӯ мафҳуми амонат чунин шарҳ дода шудааст: (арабӣ) эмин будан 1), он чи ба касе месупоранд, то онро нигаҳдорӣ намояд ё онро ба дигаре бирасонад 2), муқобили хиёнат: ростӣ ва дурустӣ, вафо ба аҳд, бошарафӣ, сидқ, садоқат 3).[3]

Чуноне ки аз фаҳми мафҳум бармеояд он ҷиҳати фарогирро доро мебошад ва арзишҳои муҳимми ахлоқиро дар навбати хеш дар худ ифода менамояд. Дар фаҳми эмин будан, он метавонад дар зери назари субъекти амалкунанда бехатар ва дар ҳифз буданро ифода намояд. Барои мисол вақте чизе, молиёте, ваколате ё масъулияте ба як субъект вогузор карда мешавад, ҷониби супоранда ба эмин мондани он боварӣ ҳосил менамояд. Дар сурати эмин нигоҳ надоштан субъекти қабулкунанда аллакай боварии субъекти супорандаро шикастааст, ки ин амал эҳтимолан заминаи зуҳуроти коррупсионӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад, дар сурате ки агар чиз, молиёт, ваколат ва масъулият тааллуқ ба аҳли ҷомеа дошта бошад. Он гунае ки зикр карда шуд мафҳуми «амонат» бар алайҳи «хиёнат» қарор дорад. Дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ даст задан ба амали коррупсионӣ як навъи хиёнате мебошад, ки субъекти дастдошта ба он бо madди назар кардани боварии ба ӯ гузоштташуда барои манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳии хеш амал менамояд, ки зарари он ба субъектҳои амонатгузор мерасад.

Албатта арзишҳои ахлоқие чун ростиву дурустӣ, вафо ба аҳд, бошарафӣ, сидқу садоқат низ бори мазмунии зиддифасод доранд, ки тарбияи ҷавонон дар заминаи ин арзишҳои муҳим барои пешгирӣ аз коррупсия метавонад ба нафъи кор бошад.

Яке аз фаҳмишҳои маъмули коррупсия ин шикастани амонатҳои супурдашуда аз ҷониби шахси масъул мебошад, ки аз боварии мардум ва салоҳиятҳои ба ӯ вогузоршуда суистеъмол менамояд. Дар ҳолати истифода шудани салоҳиятҳои вогузоршуда барои манфиатҳои шахсиву гурӯҳи амонатдорӣ шикаста мегардад, ки албатта он зуҳуроти коррупсионӣ аст.

Дар таълимоти мутафаккирони тоҷик оид ба муҳимияти арзиши амонатдорӣ андешаҳои ҷолибе ироа карда шудаанд. Барои мисол Унсурмаолии Кайковус амонатдориро чунин ташбеҳ намудааст, ки ҳатто инсони ба дуздӣ муттаҳам ба вайрон намудани он ҳаракат намекунад ва шикастани амонатдориро чун ноҷавонмардӣ мешуморад. [4, - 93]

Дар абёти дигарон низ мо метавонем истифодаи мафҳуми амонатдориро мушоҳида намоем. Ба таври мисол якчанд абётро дар ин ҷо зикр менамоем.

Донаи дурр, ки амонат ба шумо додастам,
Он амонат ба ман эмин зи зарар боздиҳед.

*Хоқонии Шарвонӣ*

Хок амину ҳар чӣ дар вай коштӣ
Бехиёнат ҷинси он бардоштӣ.
Ин амонат з-он амонат ёфтаст,
К-офтоби адл бар вай тофтаст.

*Ҷалолиддини Румӣ, Маснавӣ дафтари якум.*

Эй аминуддини раббонӣ, биё,
К-аз амонат руст ҳар тоҷу ливо.

*Ҷалолиддини Румӣ, Маснавӣ дафтари панҷум*

Чу мушриф ду даст аз амонат бидошт,
Бубояд бар ӯ нозире баргумошт.

*Саъдии Шерозӣ, Бӯстон*

Асарҳои ахлоқиву сиёсии пешгузаштагон дар самти тарбияи рӯҳияи амонатдорӣ метавонанд муҳим бошанд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мактабҳои олӣ дар машғулиятҳои тарбиявӣ ба мавзуи амонатдорӣ ҳамчун арзиши муҳимми ахлоқӣ таваҷҷуҳ карда шавад.

Дарки фалсафию динии масъала низ метавонад барои шаҳрвандони кишвар, хусусан барои ҷавонон муҳим бошад. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки дар тарбияи рӯҳияи амонатдорӣ мутахассисони риштаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла илмҳои сиёсӣ, фалсафа, ҳуқуқшиносӣ ва фарҳангшиносӣ ҷалб карда шаванд. Дар ин самт фаъол будани қишри рӯҳониён низ тақозо мегардад, то ба тадриҷ мақоми арзиши амонатдорӣ дар ҷомеаи мо мустаҳкам гардад.

Дар шароити имрӯза зарур мешуморем, ки ба тарбияи рӯҳияи амонатдорӣ миёни ҷавонону наврасон ва дар умум шаҳрвандони кишвар эътибори ҷиддӣ дода шавад. Танҳо бо нафарони амонатдор мо метавонем ояндаи беҳтареро барои мардуми кишвар бунёд гузорем ва рушди давлатдории миллиямонро тақвият бахшем. Зарур мешуморем, ки тамоми ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ дар тарбияти рӯҳияи амонатдорӣ миёни мардуми кишвар ҷалб карда шаванд ва фарогирии тарбияти ин консепсия дар ҷомеа ба роҳ монда шавад.

**Адабиёт:**


1. Раҳмонов Э.Ш. Баҳри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Маърӯза дар ҷамомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80 солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Народная газета, соли 2005, №1.
2. Суханронӣ дар маҷлиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27.01.2017, ш. Душанбе, санаи дастрасӣ 17.10.2025, сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.president.tj
3. Луғати электронии вожаҷӯ. Суроғаи дастрасӣ, https://vazhaju.tj/search/%D0%B0%D0%BC%D0%BE%D0%BD%D0%B0%D1%82 санаи дастрасӣ 12.09.2015
4. Унсурмаолии Кайковус, Қобуснома. – Душанбе, «Маориф», 2016, 240с.
5. Arif Supriono, (ed). *Seratus Cerita Tentang Akhlak,* Republika, Jakarta, 2006, P. 159
6. Education for Integrity. Teaching on Anti-Corruption, Values and the Rule of Law, OECD, матни электронӣ, https://www.oecd.org/governance/ethics/education-for-integrity-web.pdf Date of access: 15.11.2025
7. Sampson S. Integrity warriors: global morality and the anticorruption movement in the Balkans, 2004, Available online at

http://lup.lub.lu.se/luur/download?func=downloadFile&recordOId=1145727&fileOId=1145729 (permission to cite as paper). [Accessed on 25 September 2025].
8. Svensson, J. Eight Questions about Corruption // *Journal of Economic Perspectives*, 2005, 19 (3), P. 19-42.
9. Roden J. The international anti-corruption crusade: neo-liberal institutional structures, moralization, and social capital. Undercurrent Journal VII (I), 2010, P. 12-22.

## АНТИКОРРУПЦИОННАЯ КУЛЬТУРА И НЕОБХОДИМОСТЬ ЕЁ ФОРМИРОВАНИЯ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ СРЕДЕ

**Самадзода Бахтиёр Одилджон**
заведующий кафедрой предпринимательского и международного права Юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, доктор юридических наук, доцент
Тел.: +992 92 773 05 67 E-mail: bakhtiyor_77@mail.ru

## ANTI-CORRUPTION CULTURE AND THE NEED FOR ITS FORMATION IN THE ENTREPRENEURIAL ENVIRONMENT

**Samadzoda Bakhtiyor Odiljon**
нead of the department of entrepreneurial and international law at the faculty of Law, Tajik state university of law, business and politics, doctor of law, associate professor
Tel.: +992 92 773 05 67 E-mail: bakhtiyor_77@mail.ru

## ФАРҲАНГИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ВА ЗАРУРИЯТИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ФАЗОИ СОҲИБКОРӢ

**Самадзода Бахтиёр Одилҷон**
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
Тел.: +992 92 773 05 67 E-mail: bakhtiyor_77@mail.ru

**Аннотация:** Вопросы формирования и развития антикоррупционной культуры в обеспечении развития предпринимательской деятельности относятся к числу актуальных и проблемных вопросов. В настоящей статье рассмотрены правовое регулирование противодействия коррупции, основные направления укрепления антикоррупционной культуры в сфере предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. Выводы и научные предложения представлены на основе результатов анализа действующего законодательства, научно-исследовательской литературы, практики деятельности субъектов предпринимательской деятельности.

**Ключевые слова:** коррупция, правовое регулирование, защита прав, законные интересы, государство, общества, государственный орган, правовая культура, равноправие

**Annotation:** The issues of formation and development of anti-corruption culture in ensuring the development of entrepreneurial activity are among the topical and problematic issues. This article examines the legal regulation of combating corruption and the main directions for strengthening anti-corruption culture in the sphere of entrepreneurial activity in the Republic of Tajikistan. Conclusions and scientific proposals are presented based on the results of the analysis of current legislation, scientific research literature, and the practice of entrepreneurial entities' activities.

Keywords: corruption, legal regulation, protection of rights, legitimate interests, state, society, state body, legal culture, equality.

**Аннотатсия:** Масъалаҳои ташаккул ва рушди фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва муаммовӣ маҳсуб меёбад. Дар мақолаи мазкур танзими ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия, самтҳои асосии пурзӯр гардидани фарҳанги зиддикоррупсионии соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Хулоса ва пешниҳодоти илмӣ аз руйи натиҷаҳои таҳлили қонунгузории амалкунанда, адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ, амалияи фаъолияти субъектони соҳибкорӣ пешбарӣ карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** коррупсия, танзими ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ, давлат, ҷомеа, мақомоти давлатӣ, маърифати ҳуқуқӣ,баробарҳуқуқӣ.

Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ифодакунандаи манфиатҳои миллӣ мебошад. Дар танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ, робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла иқтисоди хориҷӣ, ҷабҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ бо унсурҳои хориҷидошта, манфиатҳои миллӣ пеш аз ҳама аз ҷониби шохаҳои ҳокимияти давлатӣ татбиқ мегарданд. Мазмун ва моҳияти манфиатҳои миллӣ аз сиёсати имрӯзаи қонунгузорӣ, амалишавии онҳо, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон (истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагони кор ва хизмат), бо ташаккули маърифати ҳуқуқӣ бевосита алоқамандӣ дорад.

Коррупсияро ҳамчун яке аз таҳдидҳои муҳим ба амнияти миллӣ, аз ҷумла амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобидан мумкин аст. Зеро зоҳир гаштани муфтхӯрӣ дар сатҳи муносибати иқтисодӣ оҳиста ба ришвагирӣ ва нопокӣ мубаддал мегардад. Дар натиҷаи он муносибати муътадили корӣ дигаргун гашта, маънои худро гум мекунад ва нуфузи корӣ паст мегардад. Тавре амалия шаҳодат медиҳад, фаъолияти соҳибкорӣ дар фазое, ки коррупсия пойдор аст ва дар амалкарди шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мушкилиҳо мавҷуданд, самарабахш рушд ёфта наметавонад.

Дар ин ҷода, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи мубориза бо амалҳои коррупсионӣ, пешгирии он дар ҳама сатҳи идоракунии давлатӣ аҳамияти хоса ҷудо менамоянд. Чунончӣ, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 ироа намуданд: «Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои охир, ҳанӯз баъзе ҷанбаҳои калидии соҳа, аз ҷумла баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳо, аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа мебошанд» [1].

«Мо диққати сохтору мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеаро мунтазам ба масъалаи пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия ҷалб менамоем…» [2].

Татбиқи муттасили сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ дар Тоҷикистони муосир зарурияти фароҳам овардани заминаҳои ҳуқукии муқовимат ба коррупсияро пеш овардааст. Дар ин асос дар кишвар қонунгузории зиддикоррупсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ташаккул дода шудааст. Яке аз он, аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999 №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» буда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №1714 аз 7 августи соли 2020 «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» [4] бо назардошти ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд. Ҳамчунин бо мақсади беҳтар намудани вазъи пешгирии коррупсия, саривақт ошкор намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва афзоиши ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирӣ, мубориза ва кам намудани миқдори қонуншиканиҳои коррупсионӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1504 аз 30.08.2013 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» [5] тасдиқ карда шудааст.

Дар ин радиф, дар сатҳи байналмилалӣ бошад, яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ ва муҳимми ҳуқуқӣ ин аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2006 ба имзо расонидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид муқовимат бар зидди коррупсия ба шумор меравад. Баробари андешидани як қатор чораҳои ташкилию ҳуқуқӣ дар кишвар зуҳуроти коррупсионӣ қатъ нагардидааст ва ҳатто афзудааст. Дар ин бобат Пешвои миллат таъкид намуда буданд, ки «…бо вуҷуди тадбирҳои дар ин самт андешидаи Ҳукумат ҳанӯз ҳам ҳолатҳои содиршавии амалҳои коррупсионӣ кам нестанд» [3].

«Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад» [3].

Ҷолиби қайд аст, ки пайваста ба масъалаи таъмини самаранокии мубориза бо падидаҳои коррупсионӣ аз ҷониби Президенти кишвар супориш дода шуда буд, ки лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ ва саривақтӣ таҳия ва қабул карда шуда бошад. Маҳз дар ин ҷода Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», ки соли 2020 қабул шуд, вобаста ба шароити имрӯза дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид.

Қобили қайд аст, ки ҳастии зуҳуроти коррупсия дар он мебошад, ки вай дар шуури одамон, дар ахлоқ ва рафтори онҳо чуқур ҷойгир шуда, васеъ паҳн шуда истодааст. Ба андешаи мо, яке аз роҳҳои пешгирии амалҳои коррупсионӣ ин ташаккули шуури зиддикоррупсионӣ ва фарҳанги зиддикоррупсионӣ мебошад, ки дар ҷараёни он одамон оид ба зуҳуроти коррупсия ҳамчун падидаи воқеияти муосир маълумоти муайян пайдо менамоянд ва аз роҳҳои пешгирии паҳншавии он бархӯрдор мегарданд [11, с.231].

Пайваста ба ин дар адабиёти соҳавӣ зери мафҳуми «шуури зиддикоррупсионӣ» маҷмӯи мафҳумҳо, назарияҳо, тасаввурот ва ҳиссиёт, ақида ва эҳсосот, баҳодиҳӣ ва гузорише фаҳмида мешавад, ки муносибати одамонро нисбати коррупсия ҳамчун шарри иҷтимоӣ инъикос менамояд [9, с.12].

Ҳамин тавр, хусусияти шуури зиддикоррупсионӣ дар он аст, ки вай воқеияти ҳаётро тавассути диди манфӣ, муносибати тоқатнопазир нисбати низои манфиатҳо дар ҳар шаклҳои зоҳиршавии он инъикос менамояд ва баъдан айнан такрор мекунад. Қайд карда мешавад, ки он муқаррар намудани меъёрҳои умумиҳатмии рафторро талаб мекунад [12, с.67].

Баробари ҳамин, фарҳанги зиддикоррупсионӣ яке аз унсурҳои муҳимми низоми фарҳанги маънавӣ мебошад. Ба андешаи олимон, он қобилияти бошуурона ва боадабона ба коррупсия муқовимат нишон додани инсонро ифода менамояд [8, с.13].

Дар шароитии имрӯза фарҳанги зиддикоррупсионӣ мақоми падидаи ногузири объективиро пайдо менамояд ва онро бояд ҳар як узви мукаллафи ҷомеа дарк намояд. Амалия шаҳодат медиҳад, ки коррупсия яке аз омилҳои халалрасони пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Роҳбарони ширкатҳо дар фаъолияти худ ба додани ришва одат кардаанд ва онро падидаи муқаррарӣ меҳисобанд. Лекин бояд дар назар дошт, ки зуҳуроти коррупсионӣ дар дурнамои миёна ва дарозмуҳлат баргашта меояд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири худро мерасонад. Ҳуқуқвайронкунӣ соҳибкорро побанди доимии мансабдорони давлатӣ мегардонад, ки қонунро аз руйи салоҳдиди худ ва ба манфиати шахсии худ шарҳ медиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми ба корхона бо роҳи қонунӣ ҳал кардани масъала нисбат ба роҳи ғайриқонунӣ гаронтар рост ояд; риояи талаботи ҳатмӣ ба фоидаи корхона ва ё фаъолияти он таҳдид орад; масъала бо роҳҳои қонунӣ умуман ҳалли худро наёбад; шахси ҳавасманд фишанги гирифтани даромади муфтро дар даст дошта бошад; амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба роҳҳои қонунии он эҳтимолияти баланди ба мақсад ноил гардиданро дошта бошад ва ғайра, роҳи коррупсионии ҳалли масъала истифода бурда шавад, самаранок мебошад [7, с.82].

Қайд кардан лозим меояд, ки натиҷаҳои аҳдҳои коррупсионӣ новобаста аз он, ки бо ташаббуси кӣ ба амал бароварда шудааст, чунинанд: муҳити корӣ вайрон мегардад,

афзуншавии хатари пастравии рақобатпазирӣ ва камшавии миқдори соҳибкорони поквиҷдон, самараи «мултипликативӣ» байни соҳибкорон ва ҳатто дар ҷомеа ба вуҷуд меояд.

Аз ин нуқтаи назар, зарур аст, ки дар фазои соҳибкорӣ нисбати коррупсия, омилҳои коррупсионӣ мухолифат дар ҳама шаклҳои зоҳиршавии он ташаккул дода шавад, муносибатҳои кории мутамаддин, ки дар принсипҳои рақобати солим ва афзалияти обрӯю нуфузи кории софдилона асос меёбад, инкишоф дода шавад.

Фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар фазои соҳибкорӣ бо худ низоми арзишҳоеро ташкил медиҳад, ки дар асоси он мухолифат ва муқовимат ба коррупсия дар фаъолияти иқтисодӣ гузошта шудааст [9, с.159]. Он нуқтаи назарро ба робитаҳои корӣ аз диди ахлоқӣ ва ғайри ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва ғайри ҳуқуқӣ ва ғайра инъикос менамояд. Ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ бо дарназардошти миқёси паҳншавии коррупсия дар фазои соҳибкорӣ ҷараёни басо муҳим мебошад.

Сабабҳои имконпазирии ҳолатҳои номатлуби коррупсионӣ дар фаъолияти соҳибкории субъектон аз номуназзам будани тартиботи корхона, суст будани мониторинг ва назорат, ношаффоф будани мақомоти идоракунии корхона дар ҳалли қарорҳои калидӣ, қоидаҳои ахлоқиро ҷонибдорӣ накардани роҳбарияти корхона ва ғайра иборат мебошад. Роҳбарияти корхона бояд дар мисоли худ тоқатнопазириро ба коррупсия нишон дода, барои аҳли кормандон намунаи ибрат бошад.

Ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар фазои соҳибкорӣ, алалхусус дар корхона корбариро бо ҳайати кадрии он, бо мақсади баланд бардоштани шуурнокӣ, софдилӣ ва масъулиятнокии кормандон шарт мегузорад. Дар дохили корхона ҳалли муаммоҳо вобаста ба коррупсия аз ҷониби роҳбарият ва ё соҳибмулк имконпазир аст. Барои такомули низом ва расму қоидаҳои дохилии қабули қарорҳо, ҳамчунин барои тамоман номақбул гаштани амалҳои коррупсионӣ вақт лозим аст.

Натиҷаи якчанд таҳқиқот нишон медиҳад, ки соҳибкорон пешгирӣ ва муборизаи бомуваффақиятро бо коррупсия дар истифодаи ду роҳи асосӣ мебинанд: 1) муқаррар намудани ҷаримаи калон барои ришва, ки ҷавобгарии ришвахӯронро баланд мебардорад; 2) ташхиси ҷамъиятии қонунгузорӣ ҷиҳати шаффоф будани он ва мураттабии тасвияти он.

Ба андешаи мо, дар қатори чораҳое, ки ҳолатҳои коррупсиониро дар соҳаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ пешгирӣ карда метавонанд, дохил кардан мумкин аст: - мукаммалӣ ва шаффофияти қонунгузорӣ; - ихтисори иштироки давлат дар иқтисодиёт; - истиснои низои манфиатҳо; - қабули кодекси ахлоқи хизматчиёни давлатӣ; - интихобшавии хизматчиёни давлатӣ.

Ҳамин тавр, ҳама гуна ҷойи холимондаи танзими ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ барои коррупсия заминаи мусоид шуда метавонад. Ҳалли масъалаи мазкур на танҳо аз давлат, балки аз самаранокии ҳамкории ҷомеа, ҳокимият ва соҳибкорон вобаста аст. Дар шароити имрӯза асоси фарҳанги зиддикоррупсиониро дар фазои соҳибкорӣ рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъулиятноки он, яъне масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ ташкил медиҳад [6, с.79].

Ҷавобгарии иҷтимоии соҳибкорӣ ҳамчун воситаи ташаккули шуури зиддикоррупсионӣ маҳсуб меёбад. Дар зери мафҳуми ҷавобгарии иҷтимоии соҳибкорӣ уҳдадории ихтиёрии соҳибкорон ҷиҳати татбиқи чунин сиёсат, қабули чунин қарорҳо ва интихоби чунин самти фаъолият фаҳмида мешавад, ки онҳо бо мақсад ва арзишҳои ҷомеа мувофиқ бошанд [10, с.202].

Имрузҳо ҳудуд ва самтҳои ҷавобгарии иҷтимоии соҳибкорӣ васеъ гардида истодаанд. Он бо саховатмандӣ ва эҳсонкорӣ маҳдуд набуда, балки мутобиқатии баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ; риояи қоидаҳои ахлоқи касбӣ ва расмӣ; иҷроиши ӯҳдадориҳо дар назди кормандони ширкат; иҷроиши ӯҳдадориҳо дар назди истеъмолкунандагон ва ғайраро дар бар мегирад. Баҳри ҷоннок намудани кӯшишҳо ҷиҳати

мубориза бар зидди коррупсия давлат метавонад чунин ташаббуси мусбиро, ба монанди эътирофи ҷомеа истифода барад.

Ҳамин тариқ, дар роҳи муқовимат, муборизa бо коррупсия ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ ногузир буда, дар ҷараёни он саҳми ҳар як узви ҷомеа талаб карда мешавад. Ба андешаи мо, вақти он расидааст, ки дар кишвари мо ба нақшаҳои таълимӣ фанни асосҳои фарҳанги зиддикоррупсионӣ ҷорӣ карда шуда, омӯзиши он аз зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз гардад. Чунин таҷриба дар аксарияти кишварҳои хориҷӣ вуҷуд дорад ва истифодаи он дар Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди фарҳанги зиддикоррупсионӣ самара хоҳад бахшид.

Адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023. // www.president.tj (санаи муроҷиат 10.11.2024).
2. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017. // www.president.tj (санаи муроҷиат 15.06.2024).
3. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 / www.president.tj (санаи муроҷиат 21.01.2020).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» // www.mmk.tj (санаи муроҷиат 15.06.2024).
5. «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» // www.president.tj (санаи муроҷиат 11.09.2024).
6. Галимжанова С. Б. Социальная ответственность бизнеса: учебное пособие. – Астана: Изд. КазУЭФМТ, 2013. – 176 с.
7. Карабанов А. Д., Мелькин С. К. Современные проблемы противодействия коррупции. Уголовно-правовой и криминологический аспекты. – М.: Wolters Kluwer, 2010. – 384 с.
8. Основы антикоррупционной культуры: учебное пособие / под общей редакцией д.б.н., профессора Б. С. Абдрасилова. – Астана: Академия государственного управления при Президенте Республики Казахстан, 2016. – 176 с.
9. Пустовалова И. Н. Формирование правосознания как основное условие деинституализации коррупционных отношений // Гуманитарные и социальные науки. – № 1. – 2011.
10. Самадзода Б.О. Гражданско-правовая ответственность в предпринимательской деятельности по законодательству Республики Таджикистан: вопросы теории и практики. – Диссертация д.юр.н., по спец. 12.00.03. – Душанбе, 20024. – 365с.
11. Самадов Б.О. Пешгирии омилҳои коррупсионӣ нисбати таъмини манфиатҳои миллӣ дар татбиқи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд» (ДДҲБСТ, 4 феврали соли 2020). – Хуҷанд, 2020. – С. 229-235.
12. Самадова З.А. Зарурияти ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар фазои соҳибкорӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд» (ДДҲБСТ, 4 феврали соли 2020). – Хуҷанд, 2020. – С. 65-71.